Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

# Дар бораи муаллиф

Доктор Деннис Ҷ. Мокк, ки ба дараҷаи пастори рӯҳонӣ расидааст, аз соли 1985 дар калисои Якуми Баптистии Атланта, штати Ҷорҷия, И.М.А ба ҳайси роҳбари барномаи таълим барои калонсолон ва омӯзондани Библия хидмат менамояд. Пеш аз адои хидмат намудан аз соли 1982, доктор Мокк дар тӯли сенздаҳ сол бо корҳои ҳуқуқшиносӣ дар Атланта шуғл дошт. Зиёда аз 25 сол оиладор буда, падари се фарзанд мебошад.

Доктор Мокк воситаҳои зиёди таълимӣ оид ба омӯзиши Библия барои мактабҳои якшанбегиро навиштааст. Аз соли 1985 ӯ дар коллеҷи библиявии Колумбия дар курсҳои адъюнкт (шахсе, ки дар баъзе идораҳои илмӣ вазифаи хурди илмиро адо мекунад) дарс мегӯяд. Ӯ дорои унвонҳои зайл мебошад: бакалавр-пас аз хатми донишгоҳи Сэмфорд соли 1966, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ-пас аз хатми факултаи ҳуқуқшиносии донишгоҳи Еймор соли 1969, магистр оид ба ихтисоси «Омӯзиши Библия»- пас аз хатми семинарияи Теологии Даллас дар соли 1984.

Ӯ Библияро дарс медиҳад, бо тайёр намудани омӯзгорон машғул мешавад, барномаҳои таълимиро омода месозад, инчунин китобҳо менависаду дар семинарҳою конференцияҳо баромад мекунад.


# Сипос

Худованд ба ман фикри омода сохтани ин воситаҳои таълимӣ ва ташкил намудани маркази таълимии Библиявӣ оид ба тайёр кардани пасторҳоро фиристод. Вале натиҷаи ниҳоӣ имконнопазир буд, бе:
*раҳнамоии Рӯҳулқудс,
*дастгирӣ, муҳаббати доимӣ ва пуртоқатии зани ман Пэт,
*ёрии беғаразонаи Ҷорҷ Морган- сарвари миссияи ҷаҳонии калисои Якӯми Баптистии Атланта, штати Ҷорҷия, И.М.А.,
*меҳнати бо ҷидду ҷаҳди ёрдамчии ман Карен Брайан
*ҳамақидагӣ бо Чак Кинзер (калисои Кибер, Найроби, Кения)

Деннис Ҷ. Мокк
Атланта, Ҷорҷия
Апрел с. 1989

# Сарсухан

Мавзӯҳои ин воситаи таълимӣ мутобиқи анъанаҳои асосии теология ва таҷрибаи масеҳӣ омода гаштаанд. Онро монанди мутобиқи анъанаҳои инҷилӣ ва дар Библия асосёфта таҳшин карда шуда (соф кардашуда) дидан мумкин аст.

Ин китоби дарсӣ қисми таркибии барномаи ягонаи мустақил, ки барои як соли таҳсил ба ҳисоб гирифта шудааст, мебошад. Даҳ курси ин барнома ба пастор имконият медиҳад, ки дар тамоми нуқоти сайёра дорои донишу малакаи зарурӣ барои иҷрои бомуваффақияти вазифаи библиявии пасторӣ бошад. Аслан мавзӯъҳои ин ҷо гирдовардашуда характери умумӣ дошта, амалан дар ҳамаи намудҳои фарҳангҳо истифода бурдани он мумкин аст. Азбаски маънии контекстӣ ва мадании мавзӯъ вобаста ба шакли баён аст, на аз мундариҷа, муаллим ё мураббиро зарур аст, ки мувофиқи имконият айёният ва мисолҳои маънии фарҳангӣ доштаро интихоб намоянд, то ин ки мундариҷаи асосии мавзӯро самарабахш пешкаш кунанд. Ин даҳ воситаи таълимӣ дар баробари тафсирҳои Библия материалҳои асосии таълимии Маркази тайёркунии пасторҳо мебошад. Ин гуна муносибат самаранокии назария ва амалияи тайёркунии пасторҳоро, ки омӯзиши махсусро дар ҳаҷми барномаи коллеҷи Библиявӣ ё семинария гузаштаанд, таъмин менамояд. Китоби дарсии мазкурро ба сифати худомӯз ё барои омӯзиш зери сарварии муаллим ва ё мураббии бетаҷриба истифода бурдан мумкин нест. Ҳар як курс барои на камтар аз 40 соат корҳои аудиторӣ ва 30 соат машғулиятҳои иловагӣ, ки такрори мавзӯҳои гузашта, иҷро кардани вазифаҳо, мустаҳкам кардани донишу малакаи пештар ҳосилнамударо дар бар мегиранд, иборат мебошад. Баъзе курсҳои таълимӣ метавонанд 60 ва зиёда аз ин соатҳои кориро дар аудитория талаб намоянд. Ҳаҷми китоби дарсӣ вобаста аз фанни омӯзиш байни 100 то 300 саҳифаро дар бар мегирад. Пас аз хатми омӯзиши ин даҳ китоби дарсӣ  китобхонаи рӯимизии пастор ташкил мекунанд.

Онҳо инчунин ҳамчун сарчашмаҳои гуногуни материалҳои Библиявӣ хидмат мекунанд, ки онҳоро пасторҳо истифода бурда истода, метавонанд солҳои дароз ваъз гӯянд ва таълим диҳанд. Чунин муносибат ба насиҳати дар Навиштаи Муқаддас ба пастор дар бораи тарбия намудани шогирдони Масеҳ, ваъз гуфтан ва Каломи Худовандро таълим додан асос ёфтааст (1 Тимотиюс 6:2.

2 Тимотиюс 2:2, Матто 28:18-20). Дар баробари ин донистан лозим аст, ки Библия фанни асосии таълим аст. «Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст. То ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад».

(2 Тимотиюс 3:16-17). Вазифаи материалҳои барнома- ин чунин тайёр намудани одамон аст, то ки онҳо лаёқати бо ифтихори Худованд паҳн намудани мақсадҳои Ӯро дар рӯи замин дошта бошанд «Ӯ баъзеро ҳаввори̅, баъзеро анбиё, баъзеро башоратдиҳанда, баъзеро шубон ва муаллим таъин намуд. Барои такмили муқаддасон ба кори ибодат ба бинои Бадани Масеҳ» (Эфсӯсиён 4:11-12).

# Курсҳо

1. Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсирдиҳии ӯ.

2. Дидабароии Аҳди Қадим.

3. Дидабароии Аҳди Ҷадид.

4. Чӣ тавр ҳақиқати Библиявиро тарғиб бояд  кард?

5. Дидабарории таълимоти библиявӣ.

6. Ҳаёти рӯҳонӣ ва хидматгузории пастор.

7. Хидматгузории калисо (идоракунӣ) маълумот.

8. Қоидаҳо ва усулҳои таълим.

9. Дидабароии таърихи калисо.

10. Фаъолияти миссионерӣ, башоратдиҳӣ, шогирдӣ.

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

# Тавсияҳои методӣ барои МБТП (Маркази библиявии тайёркунии пасторҳо)

То ин ки материалҳои барномаро ба тафсил «дода нашуда» ва аз мавзӯи асосӣ «берун набаромада» бештар самаранок пешниҳод намоед, омӯзгор бояд дар ҳар як машғулият тавсияҳои зеринро сармашқи кори худ намояд:

Дар вақти машғулият:

*Ба материалҳои нав шинос намоед.
*Саволҳои ёрирасон ё саволҳое диҳед, ки дар таркибашон ҷавоб бошад.
*Тафсирҳои асосиро ҷудо намоед ва шарҳ диҳед.
*Диққататонро ба оятҳои асосии Библия равона созед ва онҳоро дар рафти таълим истифода баред.
*Материали омӯхтаистодаро дар шакли як чизи бутун тасаввур намоед.
*Шогирдонро ба шавқ оред. Ҷидду ҷаҳдашонро афзун намоед.
*Фикронии шогирдонро ба самти муайян равона созед.
*Ба саволҳо кӯтоҳу аниқ ҷавоб диҳед, саволҳои минбаъдаро дар вақти махсуси барои ин ҷудокардашуда муҳокима намоед.
*Кӯшиши онро нанамоед, ки тамоми материалро бо тафсил равшанӣ андозед, (калима ба калима)-шогирдон онро бояд баъдтар пурра хонанд ва омӯзанд.
*Контекст ва силсилаҳои ишораҳоро ташкил намоед, тафсилҳо ва бобҳои алоҳидаро ба он пайваст намоед.
*Ҳақиқатҳо ва талаботҳои пештаромӯхташударо мунтазам такрор намоед ва шогирдонро барои дарки чизҳои нав омода созед.
*Ҷамъбаст кунед ва ғояҳои асосиро ҷудо намоед.
*Материали омӯхтаро ба чизи бутун расонед ва алоқа бо дигар китобҳои дарсиро барқарор намоед.
*Мувофиқати шаклҳои гуногуни корӣ: лексия, баҳс, сӯҳбат ва саволу ҷавобро истифода баред.
*То ин ки самаранокии рафти омӯзишро тафтиш намоед. Супоришҳои тадқиқотиро истифода баред.
*Пешравиро аз рӯи саҳифа ё бобҳои дар як рӯз гузаштаатон баҳо диҳед, аз рӯи имконият дар якҷоягӣ бо дигар омузгорон кор кунед.

# Феҳраст

**ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ ………………………………………….4**

**САРСУХАН………………………………………………………....5**

**ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ БАРОИ МБТП………………………....6**

**МАЪЛУМОТИ УМУМӢ**

Барномаи курс……………………………………………………….8

Харитаи таълимӣ-методии курс…………………………………..10

Тавсия барои омӯзгорон…………………………………………...11

Нақшаи курс……………………………………………………….....12

**МУНДАРИҶАИ КУРС**

**I .** Муқаддима………………………………………………………....15

**II .**Усули мунтазам омӯхтани Библия……………………………...33

**III .**Нақшаи намунавии мунтазам омӯхтани Библия…………….110

**ИЛОВА**

66 китоби Библия…………………………………………………….1

Нақшаи наҷот………………………………………………………...2

Рамзи имон…………………………………………………………...3

# Курс №1
# Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он
# Барномаи курс

## Таъиноти курс

Курс барои шинос намудани шогирдон бо усулҳои асосии омӯзиши Библия ва қоидахои тафсири он таъин гаштааст. Диққати махсус ба дуруст фаҳмидан ва итоат кардан ба Каломи Худованд ва инчунин ба инкишофи малакаҳои амалии шогирдон равона карда мешавад. Донишҷӯён барои худ муайян кардани онро ёд мегиранд, ки дар Навишта чӣ гуфта шудааст, он чӣ маънӣ дорад ва онро дар амал чӣ гуна татбиқ кардан мумкин аст.

## Вазифаҳои курс

1. Ба пасторҳо мунтазам омӯхтани Библия ва тафсири онро дуруст омӯзондан лозим, то ин ки Каломи Ҳақиқатро содиқона омӯзонанд» ва «ба ҳама корҳои нек омода бошанд».

2. Ба пасторҳо барои дарк намудани зарурияти худашон дар амал истифода бурдани Каломи Худованду пайгирӣ намудани Библия, тарғиб ва ба дигарон ёд додан, ёрӣ додан.

3. Ба пасторҳо зарурияти омӯхтани Библия пеш аз ҳама барои «насиҳат ба тақводорӣ»-и худашонро, то ин ки бештар шабеҳи Исои Масеҳ гарданд, нишон додан.

4. Зарурияти пурра ба мунавваркунӣ ва насиҳатҳои Рӯҳулқудс, ки мунтазам дар  мо аст, такя карданро, қайд кардан.

5. Пасторҳоро барои мустақилона, мунтазам ва ҷиддӣ омӯхтани Библия, омӯхтани матни Навиштаи Муқаддас рӯҳбаланд намудан.

## «Каломи Худовандро омӯзед, то Худоро, ки Каломро ба шумо додааст, дарк намоед».

## Маводҳои таълимии курс

1.Библия

2.Шарҳи Библия

3.Воситаи таълимии ҳақиқӣ

## Талаботи курс

1. Кор дар синф. Дар рафти лексияҳо ва баҳсҳо қайдҳои зарурӣ кунед ва дар муҳокимаҳо иштирок намоед.

2. Супоришҳои рӯзмарра (Дар нимаи дуюми рӯз иҷро карда мешаванд). Бодиққат тамоми материалеро, ки пагоҳӣ дар машғулиятҳо омӯхтаед (аз он ҷумла пораҳои зарурӣ аз Библия) хонеду аз назар гузаронед ва тамоми супоришро иҷро кунед. Аз он қаноатманд гардед, ки мундариҷаи материал, фаҳмиш ва қоидаҳои асосии дар амал истифодабарии онро (дар як машғулият аз 4 то 10 саҳифа омӯхта мешавад) аз худ кардаед. Бо иҷро кардани супориш шогирд метавонад мустақилона ба хондани Библия, чӣ тавре, ки дар зер оварда шудааст, машғул шавад. Вақт барои саволу ҷавобро метавон дар охири рӯз (бегоҳӣ) пайдо намуд.

3. Ташриф ба машғулиятҳо. Ташриф ба машғулиятҳо ҳатмист. Шогирдоне, ки дар машғулиятҳо тез-тез иштирок наменамоянд, метавонанд аз МБТП хориҷ гарданд. Материалҳои мавзӯҳои қафомондаро бояд бо роҳи гӯш кардани сабт (дар аудиокассета) ва иҷрои ҳамаи супоришҳо аз бар бояд кард.

4. Ба дониш баҳодиҳӣ. То ин ки ба курсҳои минбаъдаи Маркази тайёркунии Библиявӣ роҳ дода шавед, шумо бояд ба омӯзгор дониши аз материалҳои ин курс бардошта ва соҳиби малакаи амалӣ буданатонро, ки дар барнома нишон дода шудааст, намоиш диҳед. Ба ҳама саволҳо лутфан ба омӯзгор муроҷиат намоед. Омӯзгор супоришҳои иҷрокардаи шуморо мебинад,

кори шуморо дар синф, иштироки амалии шуморо дар хидматгузорӣ баҳо медиҳад ва мунтазам бо шумо сӯҳбат менамояд, то қонеъ гардад, ки раванди таълим бомуваффақият аст.

5. Талаботи иловагӣ.

А. Пеш аз машғулияти охирин шумо ба омӯзгор бояд кори хаттӣ (дар ҳаҷми 1 саҳифа) бо нақл дар бораи ҳақиқат, қоидаҳо, фаҳмиш ё шахсиятҳои библиявӣ, ки дар рафти машғулиятҳои курс ба шумо бештар таъсир расонидаанд, супоред.

Б. Дар вақти машғулиятҳои рӯзона ва инчунин танаффусҳо байни семестр ба шумо супоришҳои зеринро иҷро кардан лозим аст (танҳо пас аз ин шумо метавонед таҳсилро дар семестри дигар идома диҳед):

*Боз як бор бодиққат тамоми материали таълимии ин китоби дарсиро хонеду такрор намоед.

*Фаслҳои зерини Библияро хонед:

| | | |
|---|---|---|
| дар ибтидои курс | 3 | Ҳастӣ-Китоби сеюми Подшоҳон |
| -----------\\----------- | 5 | Китоби 4 Подшоҳон- Суруди сурудҳо |
| ------------\\----------- | 7 | Ишаъё – Малокии Набӣ |
| -------------\\---------- | 10 | Матто – Ваҳй |

*Дар як рӯз 25 саҳифа хонед (танҳо Навиштаи муқаддас, ғайр аз шарҳу тафсир ва ғайра).

*Дар бораи иҷрои ҳама талаботҳо ҳисоботи хаттӣ диҳед.

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

# Харитаи таълими методии курс

| Рақами машғулият | Таърихи рӯз | Рақами саҳифа | Мавзӯъ |
| --- | --- | --- | --- |
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| 4. | | | |
| 5. | | | |
| 6. | | | |
| 7. | | | |
| 8. | | | |
| 9. | | | |
| 10. | | | |
| 11. | | | |
| 12. | | | |
| 13. | | | |
| 14. | | | |
| 15. | | | |
| 16. | | | |
| 17. | | | |
| 18. | | | |
| 19. | | | |
| 20. | | | |
| 21. | | | |
| 22. | | | |
| 23. | | | |
| 24. | | | |
| 25. | | | |
| 26. | | | |
| 27. | | | |
| 28. | | | |
| 29. | | | |
| 30. | | | |

**Эзоҳ:** Омӯзгор метавонад, ин харитаро пур намояд ва шогирдонро огоҳ созад, ки вақти ҳар як машғулият дар кадом ҳаҷм омӯхтани мавод тавсия карда мешавад (вобаста ба курс аз 4 то 10 саҳифа).

## Ҷадвали тахминии машғулиятҳо барои таълими шакли рӯзона

Душанбе-Ҷумъа

| | |
|---|---|
| Дарси 1 | 9:00-10:30 |
| Танаффус | 10:30-11:00 |
| Ибодат | 11:00-11:30 |
| Дарси 2 | 11:30-13:00 |
| Хӯроки нисфирӯзӣ | 13:00-13:45 |
| Машғулиятҳои мустақилона | 13:45-16:00 |
| Саволҳо ва ҷавобҳо | 16:00-16:30 |

**Эзоҳ:** Ба ибодат метавонад мадҳи Худованд, дуо ва вазъи 15 дақиқагии библиявӣ, ки онро омӯзгор ё яке аз шогирдон мехонанд, дохил шавад.

## Барномаи пурра барои омӯзиши шакли рӯзона

Дар вақти таълимии шаклаш рӯзона шогирдон барои пурра омӯхтани барнома даҳ курсро, ки дар нақшаи таълимии МБТП дохил гаштааст, якбора 2 -тоқ дар ҳар яки 5 семестр мегузаранд. Давомнокии семестр 6 ҳафта мебошад. Ҳамин тавр тамоми барнома, ки аз 10 курси таълимӣ иборат мебошад, дар даҳ моҳ иҷро карда мешавад.

**Мисол:**

Мӯҳлатҳо

| | |
|---|---|
| Семестри 1 | Курси 1 |
| (6 ҳафта) | Курси 2 |
| Танаффус (3 ҳафта) | |
| Семестри П | Курси 3 |
| (6 ҳафта) | Курси 4 |

## Тавсия барои омӯзгорон

Муносибат ба омӯзиш, ки асоси ин курс мебошад, тайёрии амалии шогирдонро, азхудкунии асосҳои донишу малакаи онҳоро дар доираи таҷриба пешбинӣ менамояд.
**Супоришҳо** чунон тартиб дода шудаанд, ки шогирдро водор месозад, худаш шахсан қоидаҳои омӯхташударо дар амал истифода барад.
**Фаслҳои** ба такрори маводҳои гузашта бахшидашуда бояд кафолат диҳанд, ки шогирдон асосҳои ҳақиқатро фаҳмидаанд ва лаёқати ба дигарон онро фаҳмондан доранд. Барои дорои алоқаи хуб гаштан бо аудитория ва имконияти ба рафти таҳсил баҳои судманд додан ба омӯзгор тавсия карда мешавад, ки дар баробари лексияҳо саволу ҷавоб ва баҳсҳоро низ истифода барад. Омӯзгор бояд мисолҳо ва айёниятҳоеро истифода барад, ки ба талаботи маҳал ҷавобгӯй бошанд. Ташкили материалҳои хониши мазкур гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо, истифодабарии корҳои илмӣ ё дигар китобҳои дарсиро бидуни Библия талаб намекунад.
Дар ихтиёри омӯзгор силсилаи диапозитивҳо ҳастанд. Истифодабарии диапозитивҳо дар синф барои иҷро ё санҷиши вазифа шогирдонро фаъол мегардонад ва ба омӯзиши

Танаффус (3 ҳафта) ва ғайра.

мутобиқ менамояд.

**Эзоҳ:** Барои гузаштани курсҳои дар зер омада, барои таълими корҳои синфқ соатҳои зиёде лозим аст. Дар ин маврид дар ҷадвали машғулиятҳо тағйирот ворид сохтан лозим, камаш то ду соат ба ҷои якуним соати дар нақша ба назар гирифташуда. Ба чунин курсҳо тааллуқ доранд:
2. Обзори Аҳди Қадим
3. Обзори Аҳди Ҷадид
5.Обзори омӯзиши библиявӣ
9. Обзори таърихи калисо

### Ҷадвали тахминқ барои таҳсили шаклаш шабона

Барнома бо курсҳои байнашон як ҳафта танаффус омӯхта мешавад. Машғулиятҳо ҳафтае се бор бегоҳиҳо гузаронида мешаванд (2 соат машғулиятҳои синфӣ, як соат барои тайёрӣ), бо чор соат машғулият рӯзҳои шанбе, аз ин як соат барои ибодат ва танаффус. Барои гузаронидани курсҳои таълимии 1, 4, 7, 8 панҷ ҳафтаӣ ҷудо карда шудааст ва барои курсҳои 2, 3, 5, 6, 9, 10- ҳашт ҳафтаӣ. Ҳамин тавр барномаи аз 10 курс иборатбударо тақрибан дар 18 моҳ аз бар кардан мумкин.

Дар нимаи дуюми рӯз шогирдон бояд дар ---Марказ монанд, то ин ки
--машғулиятҳои саҳариро дар синф такрор намоянд.
--ҳамаи супоришҳоро иҷро намоянд.
--аз омӯзгорон маслиҳатҳои иловагӣ гиранд.
--мувофиқи нақшаи хониши Библия порчаҳоро аз Библия азёд намоянд.
Китоби дарсқ чунон тартиб дода шудааст, ки шогирдон мунтазам ба матни асосии Библия муроҷиат намоянд. Порчаҳои иқтибосӣ ва ишораҳо ба Библияро дар ин воситаи таълимӣ дар синф хонда ҳал кардан лозим аст.

### Имкониятҳои истифодабарии китоби дарсӣ.

Он ҷо, ки ташкил ва кори Маркази Библиявии тайёркунқ имконнопазир аст, пастор ё миссионер метавонад, китоби дарсӣ, Библия ва тафсири онро барои тайёр кардани гурӯҳҳои на чандон калон барои хидмати пасторӣ, истифода барад. Дар ин маврид ҷадвали машғулиятҳо мувофиқи шароит тағйир меёбад.
Дар як қатор мавридҳо китобҳои дарсии алоҳида метавонанд барои таълими васеъ дар калисоҳо истифода бурда шаванд.Чунин шакли истифодабарии китоби дарсӣ танҳо бо розигии хаттии муаллиф имконпазир аст.

Дар баъзе мавридҳо омӯзиши пай дар паи курсҳо бо пурра тамом кардани як курс то саршавии курси минбаъда мақсаднок мебошад.
Мисол, ду ҳафта курси якум омӯхта мешавад ва баъд чор ҳафта курси дуюм. Дар баъзе курсҳо барои корҳои аудиторӣ 35 соат ҷудо карда шудааст, дар он ҳолате, ки ба дигар курсҳо на камтар аз 60 соат лозим мебошад.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Нақшаи курс**

# УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ БИБЛИЯ ВА ҚОИДАҲОИ ТАФСИРИ ОН


**1. Сарсухан** саҳ. 15-32

А. Қудрати Каломи Худованд 15

Б. Таъиноти Каломи Худованд 17

В. Омӯхтани Библия- вазифаи пастор 21

Г. Нақши Рӯҳулқудс дар омӯхтани Библия 25

Д. Ба омӯхтани Библия чӣ гуна муносибат бояд намуд 26

Е. Ҳақиқатҳои муҳим, ки ба Библия дахл доранд 27

Ж. Муайян кардани истилоҳҳои асосӣ 28

*Ваҳӣ, илҳом
*Худодӯстӣ
*Бегуноҳӣ
*Обурӯй
*Равшанкунӣ
*Тафсир
*Омӯзиши мунтазам

**П. Усули омӯзиши мунтазами Библия** 33-109


Баёни мухтасари се давраи асосии омӯзиши мунтазами Библия

1. Мушоҳида -Дар Библия дар бораи чӣ гуфта мешавад?

2. Тафсир -Ин чӣ маънӣ дорад?

3. Истифодабарӣ - Ман чӣ бояд кунам?

А. Тасвири се давраи асосии омӯзиши мунтазами Библия

## Давраи 1. <u>Мушоҳида</u>- Дар матн дар бораи чӣ гап меравад? 34-36

*Се фикри асосӣ 34

*Чӣ тавр бояд дуруст савол дод? 35

*Чиро бояд ҷуст:
-калима 37
-тартиби матн 39
-фазо 41
-шакли адабӣ 43

*Ҷамъбаст намудани мушоҳида 46

## Давраи 2. <u>Тафсир</u> – Ин чӣ маънӣ дорад? 47-76

А. Сарсухан. Саволҳои асосӣ 47

Б. Чиро бояд дар хотир дошт? 48

В. Қоидаҳои умумии тафсир 50-61

1.Айнан тафсир намоед 50
2.Аз рӯи контекст шарҳ диҳед 53
3.Аз нуқтаи назари таъриху фарҳанг шарҳ диҳед 56
4.Аз нуқтаи назари шакли адабӣ шарҳ диҳед 58
5.Порчаеро бо дигар қисмҳои Навишта мутобиқ намуда тафсир намоед 59
- Ишора ба корҳо бо порчаҳои мушкил
6.Назарияи илмии пайдарпаиро нигоҳ дошта тафсир намоед 61

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

Г. Қоидаҳои хусусии тафсир 62-76

1.Масалҳо №1 (Аҳди Ҷадид) 62
2.Масалҳо №2 (Аҳди Қадим) 63
3.Назм 64
4.Ифодакунии образнок 66
5.Рамзҳо 68
6.Пайғамбарӣ 70
7.Истифодабарии матни Аҳди Қадим дар Аҳди Ҷадид 73

Д. Ғалатҳо дар тафсир 76

**Давраи 3. <u>Истифодабарӣ</u> –Ман чӣ бояд кунам?** 77-79

А. Оқибати ба Каломи Худованд итоат накардан 77

Б. Қоидаи бомуваффақият истифодабарӣ 78

В. Мақсади истифодабарӣ 79

**Обзори ҷамъбастии ҳар се давраҳои асосӣ** 80

Б. Дигар усулҳои омӯзиши Библия 81-109

1. Тарҷумаи ҳолӣ 82
2.Тематикӣ 91
3.Теологӣ (доктринавӣ) 99
4.Усули насиҳаткунии рӯҳонӣ 106

**Ш. Нақшаи тахминии омӯзиши мунтазами Библия** 110

# УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ БИБЛИЯ
# ВА
# ҚОИДАҲОИ ТАФСИРИ ОН

## 1. Сарсухан

А. Қудрати Каломи Худованд

*__Каломи__ **Библия лаёқати ҳаёти шуморо тағйир доданро дорад.**

Ишаъё 55:10-11
1 Таслӯникиён 2:13

Каломи Худованд чунон қудрати дохилие дорад, ки барои расидан ба мақсадҳои барои Худо маъқул, лозим ҳастанд.

1. Беимононро ба имон меорад.

    1 Петрус 1:22-25
    Каломи Худованд-ин тухмаест, ки ҳаёти навро медиҳад.

    2 Тимотиюс 3:15
    Навиштаи Муқаддас лаёқати ба одам нишон додани роҳи наҷотро дорад.

    Румиён 1:16
    Инҷил- ин қудрати Худо барои наҷоти ҳамаи онҳоест, ки имон доранд.

2. Ба гуноҳ мухолиф меистад.

    Забур 118:9-11

Каломи Худовандро дониста ва ӯро пайгирӣ намуда истода, мо метавонем гуноҳро дар партави ҳақиқат бинем ва оқибатҳои онро дарк намоем.

## Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

3. Ба рушду нумӯи рӯҳонӣ таъсир мерасонад

1. Петрус 2:2

Чӣ тавре, ки шир ба инкишофи ҷисмонӣ ёрӣ мерасонад, ҳамин тавр Каломи Худованд ҳам, вақте ки онро мефаҳманд ва ба ӯ итоат менамоянд, ба инкишофи рӯҳонии одам кӯмак мерасонад.

Юҳанно 6:63

Каломи Худованд-ин ғизои рӯҳонии мост. Онро истифода баред ва сер гардед.

4. Майли ҳақиқии моро ба мо мекушояд

Ибриён 4:12

Каломи Худованд дорои чунин лаёқатест, ба мо чизи муқад-дастарин, майли ҳақиқии моро, ки мо баъзан худамон онро дарк наменамоем, мекушояд.

5. Моро ба тимсоли Масеҳ мегардонад.

Яъқуб 1:22-25

Ба маънии Каломи Худованд сарфаҳм рафтан, ба монанди ба оина нигаристан аст, ки ба мо нишон медиҳад, мо дар ҳақиқат кистему чиро тағйир дода метавонем, агар мо Библияро пайгирӣ намоем.

2 Қӯринтиён 3:18

Агар мо мунтазам Каломи Худовандро пайгирӣ намоем,

хислати мо, рафтори мо, сухани мо шабеҳи Масеҳ мегардад

Қӯлассиён 3:9-10

*** Библия ба ягон китобе монанд нест, ки шумо ягон вақте хонда бошед: Ин ягона китобест, ки қудрати реалии абадан тағйир додани ҳаёти шуморо дорад.**

Б. Таъиноти Каломи Худованд

**Библия –ин сарварии мо дар ҳаёт мебошад.**

**Каломи Худованд**:

1. Дорои ҳақиқати ҷовидонӣ ва беғараз мебошад, ки ба мо Худованд додааст:

   Забур 118:89-91

   Забур 118:160

   Библия-ин ҳақиқати объективист, ки барои ҳама чизи боқимонда ченак мебошад. Ӯ онро ба мо мекушояд, ки чӣ ҳақикат мебошаду, чӣ дурӯғ.

2. «Роҳнамои» ҳаёти мост:

   Забур 118:105

   Библия чӣ тавре, ки ба мо ба ҳаёт роҳхати умумӣ медиҳад, ҳамин тавр мушаххас нишон медиҳад, ки чӣ тавр рӯз то рӯз зиндагӣ намоем.

3. Моро таскин мебахшад, таълим медиҳад ва рӯҳбаланд

месозад:

Румиён 15:4

Он чизе ки Каломи Худованд ба мо таълим медиҳад, ёрӣ медиҳад, ки мушкилиҳои зиндагиро бартараф намоем ва умедро аз даст надиҳем.

## Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

4. Аз такрор намудани ғалатҳои дигарон пешгирӣ менамояд:

1 Қӯринтиён 10:11-12

Мисолҳо аз Навиштаи Муқаддас моро дар бораи оқибатҳои гуноҳ огоҳ месозад ва нишон медиҳад, ки аз чӣ бояд канораҷӯқ намоем.

5. Худро ҳамчун «яроқи» амалкунанда муқобили васваса зоҳир менамояд:

Матто 4:4,7

Исо ҳақиқатҳои библиявиро истифода бурда ба васвасаҳои шайтон рақобат намуд ва мо низ бояд чунин рафтор намоем.

6. Ба мо дониш дар бораи Худовандро медиҳад.

Юҳанно 5:39

Луқо 24:27, 44

Дониши ҳақиқиро дар бораи Худованд мо аз Навишта

мегирем, бе ӯ фаҳмиши мо дар бораи Худованд нодуруст ва нопурра мебуд.

6. <u>Моро барои хидматгори Худованд шудан «омода месозад».</u>

Библия воситаи асосии мо барои «омодагӣ» ба хидмат ва таълими дигарон мебошад.
2 Тимотиюс 3:16-17
**ҲАМА** Навишта

- Худопарастӣ (аз рӯи илҳом)

ва

«Каломи Худи Худо»

- муфид

**имон** барои

<u>ёддиҳӣ</u> (доктринаи ҳақиқӣ)
**ба чӣ бояд бовар кард** (+)

<u>фошшкунӣ</u> (маҳкум кардани гуноҳҳо ва ғалатҳо)
**ба чӣ бояд бовар накард** (-)

**рафтор**

<u>ислоҳ</u> (фош кардани рафтори нодуруст)
**чиро набояд кард** (-)

<u>насиҳат барои тақводорӣ</u>

**Таъинот** = Одами Худо ба ҳама кори нек тайёр карда мешавад

Хамин тавр

(лаёқат дорад, омӯзонда шудааст, пухта аст, ҳунарманд аст, моҳир мебошад).

**ХУЛОСА.** Каломи Худованд ин ягона воситаест, ки моро барои хидматгорони Худованд шудан омода месозад. Каломи

(таълими рафтори дуруст)
**чӣ бояд кард** (+)

Худованд ин ягона чизест, мо бояд ба одамон диҳем, ки метавонад онҳоро ба наҷот барад, ҳаёти ононро тағйир диҳад, ба онҳо имконияти рӯҳан инкишоф ёфтанро диҳад ва дар Масеҳ комил гарданд.

## <u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

**<u>Такрор</u>**

1. Бо кадом маънӣ Каломи Худованд дорои қудрат мебошад?

2. Камаш се таъиноти Каломи Худовандро номбар кунед.

3. Бо кадом қиёс бештари одамон ҳақиқатро муайян месозанд?

## <u>B. Омӯхтани Библия вазифаи пастор мебошад</u>

Қудрат ва таъиноти Каломи Худованд ба мо равшан месозад, маҳз Ӯ бояд мавзӯи омӯзиши мо бошад.

**Вазифаи пастор- омӯхтани Каломи Худованд, иҷро кардани Он ва таълими дигарон мебошад.**
**Эзро 7:10**

Пастор бояд худро ба он бахшад, то ин ки Каломи Худовандро

1. Омӯхтан
- бодиққат
- сидқан

2. Итоат кардан
*истифода бурдан
*зиндагӣ кардан, тарзе ки Калом талаб менамояд

3. Ёд додан
*бо сухан
*бо ибрати шахсӣ

<u>Эзро :</u>

«дар шариати Мусо китобдони тезфаҳм» (Эзро 7:6).

«коҳин ва китобдон, донандаи аҳкоми Худованд ва фароизи Ӯ» буд.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

1. Каломи Худовандро омӯхта истода, пастор бояд:

   * **бо ҷидду ҷаҳд**

     2 Тимотиюс 2:15

     -бисёр кор кардан

     -дуруст дарс додан

     каломи ҳақиқатро дуруст (аниқ) шарҳ додан

   * **рӯзмарра** (мунтазам)

     Аъмол 17:11

     -сидқан (хушҳолона, бо хоҳиш)

     -Навиштаро ҳал кардан

     -ҳар рӯз

   * **Ба Рӯҳулқудс такя карда**

     Забур 118:124-125

     -барои дорои заковат гаштан

     -барои ба аслаш сарфаҳм рафтан

     -барои фаҳмидан

2. Пастор бояд худаш ба Каломи Худованд **итоат** намояд.

Матто 7:24-27

Одами оқил онест, ки на танҳо мешунавад, балки ба Каломи Худованд итоат менамояд.

Супориш. Мухтасар дар як ҷумла ҳақиқатеро мухтасар ифода намоед, ки ҳар як ояти дар зер овардашуда ба мо меомӯзад.

Юҳанно 7:17

Юҳанно 13:17

Юҳанно 14:15

Ҳизқиёл 33:30-32

Такрори шариат 29:29

Ибриён 5:14

**Донистан ва итоат накардан ин маънии ҳеҷ чизро надонистан аст: Каломи Худованд барои ба Ӯ итоат кардан дода шудааст!**

**«Библияро омӯзед, то ин ки оқил гардед, ба ӯ бовар намоед, то ин ки дар бораи ҳеҷ чиз ташвиш накашед, ба ӯ итоат намоед, то ин ки муқаддас гардед».**

**(Муаллифи номаълум)**

***Ба Каломи Худованд итоат кардан рӯҳи шуморо дар тозагӣ нигоҳ медорад ва нисбати шумо ҳамчун пастор бовариро**

**қавӣ мегардонад.***

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

3. Ҳамин тавр, пастор бояд Каломи Худовандро ваъз гӯяд ва ёд диҳад.
2 Тимотиюс 4:2
Ваъз гуфтан-эълон кардан, маъқул кардан (чизеро), истифода бурдан.
Ёд додан- насиҳат кардан, фаҳмондан, истифода бурдан.
Вазифаи асосӣ:
**Навиштаро хондан ва маънии онро фаҳмондан**, то ин ки одамон онро **фаҳмида** ва дар ҳаёташон **татбиқ карда** тавонанд.
Нахемё 8:1-6 , 8,9,12

**Возеҳу дастрас насиҳат намоед**, то ин ки одамон итоат карда тавонанд, тарзе **шарҳ** диҳед, ки онҳо фаҳмида тавонанд.
Аъмол 8:30-35
*Каломи Худовандро дар қудрати Рӯҳулқудс хонед ва эълон намоед.
*Каломи Худорвандро шарҳ диҳед, то одамон онро фаҳмида тавонанд.
*Ба одамон нишон диҳед, чӣ тавр ба Каломи Худованд итоат намудан ва онро татбиқ кардан мумкин аст.

***Мо бояд ба одамон мужда диҳем, ки Каломи Худованд чӣ мегӯяд ва ба Каломи Худованд имконият диҳем, ки ба ҷои худаш сухан гӯяд***

маънии Каломи Худовандро бемазмун **Накунед,** 2 Қӯринтиён 1:18-20
Каломи Худовандро вайрон **Накунед,** 2 Қӯринтиён 4:2
Каломи Худовандро рад **Накунед** , 1 Қӯринтиён 4:6-7

**Вале** пеш аз он ки пастор Каломи Худовандро бомуваффа-
қият омӯзондаю вазъ гуфта метавонад, вай худаш бояд **шогирди содиқи Калом** бошад, то ин ки донад, дар он дар бораи чӣ гуфта мешавад, фаҳмад, ки он чӣ маънӣ дорад ва ҳақиқати библиявиро дар амал татбиқ карда тавонад.
Вазифаи пастор -ба одамон чӣ тавр истифода бурдани Навиштаро фаҳмондаю нишон додан аст ва дарки ин мақсад
дар пастор бояд хоҳиши хондани Библияро бедор намояд.

## Г. Нақши Рӯҳулқудс дар омӯхтани Библия

**Пастор бояд дар болои омӯхтани Библия бисёр кор кунад, вале ба ӯ лозим аст, ки ҳама вақт ба Рӯҳулқудс такя намояд.**

1. Нақши Рӯҳулқудс дар омӯзиши мо Библияро:

*ба мо ҳақиқати Худоро ёд додан,
Юҳанно 14:26

*«моро барои ҳар гуна ҳақиқат панд гуфтан»,
Юҳанно 16:13

*ба мо дидани ғалатҳоро ёд додан (таълимоти дурӯғ),
1 Юҳанно 2:20, 26, 27

*мо бо истеъдоди мунавваршавӣ сарафроз намудан (ақли моро равшан намудан) то ин ки мо ҳақиқатро фаҳмем ва қабул намоем.
1 Кӯринтиён 2:12-14
2 Тимотиюс 2:7
Луқо 24: 45

*ба мо қудрати итоат намуданро додан.
Филиппиён 2:13
ҳизқиёл 36:27
Қӯлассиён 1:29

***Рӯҳулқудс ба мо омӯзиши Библияро иваз наменамояд: Ӯ омӯзиши Библияро самаранок мегардонад*.**

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он.

Д. Ба омӯзиши Библия чӣ тавр бояд муносибат кард

Муносибати дуруст ба омӯзиши Библия барои шогирди боғайрат ҳатмист.

1. Кӯшиш намоед, Каломи Худовандро донед ва фаҳмед.
   Забур 118:97-100

2. Худро ба қабули ғайрипешакии он чизе, ки дар бораи вай дар матн гуфта мешавад, омода созед.
   Забур 118-169

3. Қарор қабул намоед, он чиро пайгирӣ менамоед, ки аз Библия
   донистаед.
   Забур 118:33-35

4. Ба Худованд такя намоед, то ин ки он чиро ки Ӯ ба шумо омӯхт
   ба дигарон омӯзед.
   Забур 50:14-15

**То ин ки шогирди хуби Каломи Худованд гардед, худро ба таълим мувофиқ намоед, рӯҳатонро ба ин кор омода созед.**

***Муносибати мо ба омӯзиши Библия ва таассуроти пештар ҳосилкардаи мо ба натиҷаи омӯзиш таъсири ҷиддӣ мерасонад***.

E. Ҳақиқатҳои муҳиме, ки ба Библия тааллуқ доранд

Он чиро ки мо дар бораи Библия фикр мекунем, бағоят муҳиманд:

1. Библия аз рӯи насаб илоҳист ва кушодагӯии ғайриоддии тараққипарваронаро дар бораи он ки Худо кӣ ҳасту одам дар муносибат бо Ӯ кист, зоҳир менамояд.
   2 Тимотиюс 3:16
   Ибриён 1:1-3

2. Библия- ин ҷамъоварии нодири 66 китоб аст, ки одамон зери сарварӣ ва таъсири Рӯҳулқудс навиштаанд.
   2 Петрус 1:20-21

3. Библия асари яклухтест, ҳама қисмҳои он байни худ пайвасти чудонашавандаанд ва дар онҳо мухолифатҳои дохилӣ нестанд.
   Забур 118-160

4. Библия худопарастона аст, бинобар ин гуноҳсодирнакунанда аст (ғалат надорад) ва обрӯманд аст.
   Забур 17:31
   2 Тимотиюс 3:16
   Юҳанно 10:35
   Юҳанно 17:17

Агар мо фикр мекунем, ки Библия ин асари бадеӣ асту аз ҷониби одамон, ки хусусияти ғалаткунӣ доранд, навишта шудааст, айнан аз ҳамин мавқеъ мо онро тарғиб менамоем. Вале агар мо бовар мекунем, ки Библия сазовори боваристу ваҳй аз болост, аз ҷониби Худо ба воситаи одамон дода шудааст, пас ҳамин тавр мо онро ба одамон пешкаш менамоем.

***Аз он ки мо ба Каломи Худованд чӣ гуна муносибат менамоем, муносибати мо ба омӯзишу тарғиби он ба ҳамин дараҷа алоқаманд аст*.**

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Ж. Муайян кардани истилоҳҳои асосӣ

1. **Ваҳй** –ин кушодани ким-чизи номаълумро ифода мекунад.

   **Муайянкунӣ**-равандест, ки ба воситаи он Худо ба одамон дониш дар бораи Худи Худаш, корҳои Худаш ва иродаи Худаш ва инчунин мундариҷаи ин донишҳоро медиҳад.

   Ваҳй эътироф намудани се далелро фарз мекунад: (1) Худо вуҷуд дорад, (2) Худоро дарк кардан мумкин аст ва (3) Худо бо одам муносибат дорад.

Ваҳйро ба ду гурӯҳи калон тақсим кардан мумкин аст.

**А. Ваҳйи умумӣ (табиӣ)-**Худо худро дар офарида (табиат) (ба Забур 18:1-7, Румиён 1:18-21 бингаред), дар одам (виҷдон) (ба Румиён 2:13-16, Воиз 3:11 бингаред) ва дар таърих (ба Аъмол 17:24-28, Дониёл 2:19-21 бингаред) зоҳир месозад.

Ваҳйи умумӣ имконият медиҳад, Худовандро ҳамчун **Офаридгор дарк намоем**, ӯ

1. дар шакли шифоҳӣ ошкор нагаштааст,

2. мавҷудияти Худовандро зоҳир месозад,

3. кофист, то ин ки одамро барои гуноҳҳояш ба ҷавобгарӣ кашад
(аз сафедкунӣ маҳрум созад),

4. лаёқати ба одамон нишон додани роҳи наҷотро надорад,

5. бо баҳс метавонад, инкор гардад,

Ваҳйи умумӣ дарки Худовандро ба воситаи **амалҳояш** имкон медиҳад.

Б. **Ваҳйи махсус**- Худованд Худашро дар шакли шифоҳӣ ва шахсан ба одамон зоҳир месозад (Ибриён 1:1-3, Забур 18:8-15).

Ваҳйи махсус дарки Худоро ҳамчун **Худованд ва Наҷотдиҳанда** имкон медиҳад, ӯ

1. шакли шифоҳӣ дорад (даҳонӣ ё хаттӣ),

2. фаҳмидани Худо ва чӣ тавр бо Ӯ муносибати дуруст барқарор карданро имкон медиҳад,

3. масъулияти шахсии ҳар як одамро барои гуноҳ тасдиқ менамояд,

4. лаёқати нишон додани роҳи наҷотро дорад,

5. ҷавоби «Қабул мекунам» ё «Рад мекунам»-ро талаб мекунад.

Ваҳйи махсус Худоро ба воситаи **Каломи** Ӯ зоҳир месозад:

- Каломи зинда- Исои Масеҳ,
- Каломи навишта- Библия.

Ваҳйи махсус- ин <u>Каломи Худо</u> дар ду шакл мебошад:

1) Исои Масеҳ-**Шахсияти зинда** (Юҳанно 1:14, 18, Ибриён 1:1-3).

2) Библия- **далелҳо ва ҳақиқати хаттӣ баёнкарда** (2 Тимотиюс 3:16). Ваҳйи Худованд инъикоси пурраашро дар Библия ёфтааст (Яҳудо 3).

- **Ваҳйи аз ҷониби Худованд ба одам додашуда комил аст, ҳамаи он чизе, ки мо дар бораи Худо ва одам донем, дар Библия, ки кушодагӯии тараққикардаи Худованд дар бораи Худаш мебошад, дар шакли хаттӣ мавҷуд аст.***

2. **Худопарастӣ (Навишта)-**маънии онро дорад, «ки Худо бахшид» (аз ҷониби Худо будан) ва ба ҳифз кардани ваҳйи Худованд дар бораи Худаш (мундариҷа) дар шакли хаттӣ

(ваҳйи дар Навиштаи Муқаддас омада) тааллуқ дорад. Дар доктринаи таълимоти ортодоксалии Худопарастӣ қайд карда мешавад:

А. Сарчашмаи илоҳӣ-Каломи Худованд аст.
Б. «қосидони» ваҳй одамоне буданд, ки Библияро навиштаанд, аз Рӯҳулқудс огоҳ буданд ва дар баробари ин хусусиятҳои шахсии худро нигоҳ доштаанд (Аъмол 27:15).
В. Ин равандро Рӯҳулқудс сарварӣ менамояд (2 Петрус 1:20-21).
Г. Ваҳй дар шакли шифоҳӣ-суханони рӯҳбахшанда, на ононе, ки навиштаанд (2 Тимотиюс 3:16).

3. **Саҳвнакунандагӣ**-маънии онро дорад, ки дар Библия ғалат нест, чунки он бевосита аз ҷониби Худованд аст. Бесаҳвӣ танҳо дар дастнависии асл аст, на дар нусҳа ё дар тарҷума, бо истисно ононе, ки ба асл монанданд. Библия бесаҳв аст, чунки аз ҷониби Худост: Азбаски Библия Каломи Худост, дар он бояд саҳв набошад. Агар шумо чунин шумуред, ки дар Библия ғалат аст, пас яке аз ду бояд адолат бошад.

- ё Библия Каломи Худованд нест.
- ё Худованд дурӯғ мегӯяд.

**Эзоҳ**. Дар замони мо баъзе теологҳои либералӣ бесаҳвии Библияро рад менамоянд ва чунин мешумуранд, ки дар Библия танҳо он саволҳое, ки ба наҷот ва имон тааллуқ доранд, дурустанд. Он чиз, ки ба тасвири одам, таърих, география илмҳои табиатшиносӣ ва ғайра тааллуқ доранд, дар он ҷойҳои ғалатҳои назарнорасе ҷой гирифтанашон мумкин. Мисол: мегӯянд, ки Аъмол 1-11-ро айнан қабул кардан нашояд: ин асотир ё ривоят мебошад. Чунин ақида ифодакунандаи нобоварӣ ба Каломи Худованд ва кӯшиши онро ба шароитҳои ҷамъияти материалистии мо мутобиқ намудан мебошад.

- **Ё Каломи Худованд ҳақиқат аст, ё он пурра нодуруст аст***

4. **Обурӯй (эътибор)** –маълумоти Библияро ба Каломи Худованд ҳамчун **ҳуқуқ ва ҳокимияти илоҳӣ** дар назар дорад, ки:

А. аз худ боварии сазовор, боэътимод ва маҳаки объективии ҳақиқати мутлақро зоҳир намояд, ки мутобиқи он ҳама чизҳои боқимонда баҳо дода мешаванд.

Б. ҳақиқати имон ва меъёри ахлоқро барои ҳама одамон ва барои калисо барқарор кунад.

В. аз худ сарчашмаи ягонаи боэътимод дар бораи Худо ва табиати рӯҳонии одам зоҳир созад (Матто 7:28-29, 28:18).

***Эътибори Каломи Худованд аз ҳама анъанаҳои одамон, таълимоти калисо, фалсафа ва ақидаҳои шахсӣ болотар аст*.**

Матто 5:43-44, 15:1-9.

**Ҳамаи анъанаҳо, одатҳои фарҳангӣ ва таълимотҳоро бо Каломи Худованд муқоиса намуда, ҳамаи ононро муҳокима намоед.**

5. **Мунавваршавӣ-«**Омӯзиш, фаҳмиш»-ро дар назар дорад ва ба фаъолияти Рӯҳулқудс, ки ба имондорон лаёқати фаҳмидани Навишта ва қабул кардани ҳақиқати онро мефаҳмонад, тааллуқ дорад.
(1 Қӯринтиён 2:12-14, Эфсӯсиён 1:17-19).

Дар доктринаи мунавваршавӣ таъкид карда мешавад:

А. муносибати имондор ба Масеҳ, дар якҷоягӣ бо комилии рӯҳонӣ
Б. лаёқати фаҳмидан, қабул кардан ва истифода бурдани ҳақиқати Худованд Луқо 24:45 ва Марқӯс 4:34.
В. ба маънии Навишта амиқ сарфаҳм рафтан. 2 Тимотиюс 2:7

6. **Тафсир кардан**-муайян кардани маънии Библия дар аслаш дар назар дошта шудааст. Мо бояд дар аввал маънои ягонаи дурусти порчаро сарфаҳм равем, пеш аз он ки онро истифода барем. Муаллиф ин ё онро тасдиқ кардаистода, чиро дар назар дошт. «Герменевтика»-истилоҳест, ки санъати тафсирро мефаҳмонад (Аъмол 8:30-35).

Ин қонуну қоидаи дар тӯли солҳо санҷидашуда ва аз тарафи умум қабулкардашудаи тафсир мебошад, ки барои дуруст муайян кардани маънии навишта хеле ёрӣ мерасонад (саҳифаҳои 47-76-и китоби дарсии мазкур).

7. **Омӯзиши пай дар пай**-раванд ё муносибати бонизому бомантиқи омӯзиши Библияро, ки барои ошкор кардани маънии он ва истифодаи он дар амал равона карда шудааст, мефаҳмонад. Омӯзиши пай дар пай ёрӣ медиҳад, мо муайян намоем, ки кадом иқдому кадом низомро бояд пеш гирем (Аъмол 17:11,
2 Тимотиюс 2:15).

## А. Омӯзиши пай дар пай чист?

Ин на бештар аз воситаест, усулест барои ба мақсад ноил гаштан-донистани Каломи Худованд, ба ӯ итоат намудан ва дигаронро ёд додан.

Муносибати пай дар пай барои омӯзиши Библия, ки дар ин курс сухан дар бораи он меравад, инҳоро дар назар дорад:

1. Навиштаро омӯхта истода, мо ҳама вақт дар бораи он фикр мекунем, ки чӣ тавр онро истифода барем ва ҳақиқати онро бо дигарон бо ҳам бинем.

2. Дар асоси омӯзиш пеш аз ҳама худи матн меистад (Навишта чӣ мегӯяд).

3. Омӯзиши Библия характери мустақили индуктивӣ дорад, яъне мо кӯшиш мекунем, ки ҳақиқатро аз Навишта пайдо намоем, на ин ки Навиштаро мо мутобиқи он чӣ намоем, ки мо ҳақиқат фикр мекунем, мо кӯшиш намекунем, дар Навишта он чиро хонем, ки ӯ он ҷой нест.

## Б. Чӣ омӯзиши пай дар пай нест?

1. Вай курси алоҳидаро дар бар намегирад, балки равандест дар тамоми ҳаёт дуру дароз.

2. Вай кори бо ҷидду ҷаҳдро иваз намекунад, вале метавонад воситае гардад, ки ба кушодани ҳақиқати Навишта ёрӣ расонад.

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

# Такрор

1. Чӣ рух медиҳад, агар шумо пеш аз вазъ гуфтан ё омӯзондан ба тарзи кофӣ сидқан Каломи Худовандро наомӯхта бошед.

2. Шумо нақши Рӯҳулқудсро дар рафти омӯзиши Библия чӣ тавр муайян менамудед?

3. Муносибати шумо ба Навиштаи Муқаддас ва тасаввуроти шумо дар бораи он ба омӯзиши Библия чӣ гуна таъсир мерасонад?

4. Чаро муҳим аст,  Каломи Худованд, ки дар Библия омадааст, бояд пурра ва ба анҷомрасида бояд бошад.

П. **Методикаи омӯзиши пай дар паи Библия**

- **Методи омӯзиши пай дар паи мо-ин равандест, ки мақсадаш ба даст овардани қоидаҳои ҳақиқии дар Навиштабуда мебошад.**

## БАЁНОТИ МУХТАСАРИ СЕ ДАВРАИ АСОСИИ ОМӮЗИШИ БИБЛИЯ

### Мушоҳида (омӯзиши ибтидоии матн)

Матнро бодиққат омӯзед / тадқиқ намоед /, таҳлил намоед.
Савол: **Ин ҷо гап дар бораи чӣ меравад**?
Аъмол 17:11

### Тафсири матн

Қоидаҳои таъиншударо истифода баред.
Савол: **Ин чӣ маънӣ дорад?**
Аъмол 8:30-35

### Истифодабарӣ (ҳақиқат, қоидаҳо, ки дар матн мавҷуданд)

Ҳақиқатро бояд қабул кард ва ба он итоат намуд.
Савол: **Ман бояд чӣ кор кунам?**
Аъмол 22:8-10

## Усули омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

А. Тасвири се давраи асосии омӯзиши пай дар паи Библия

**Давраи 1 Мушоҳида** Дар матн дар бораи чӣ гап меравад?

1. Сарсухан. Саволҳои асосӣ
   Ин ҷо дар бораи чӣ гап меравад?
   Дар матн чиро ва чӣ тавр ҷустанро меомӯзем
   Ман чиро мебинам?
   * Се фикри асосӣ
   1. Диққати худро ба матн **ҷалб намоед**.

   2. Қайд намоед**, дар он чӣ ҳаст ва чӣ нест.**
   Мисолҳо:Матто 2:1-2 – Чанд мунаҷҷимон омаданд?
   Матто 2:9-11- Мунаҷҷимон дар куҷо Исоро диданд?
   Ваҳй 20:14-15-Беимонон дар дӯзах намемонанд!
   Ваҳй 21:1 ва 2 Петрус 3:10-13- Барои имондорон на танҳо осмон ҷои истироҳати абадӣ мебошад!
   -бодиққат хонед
   -якчанд маротиба хонед
   -босаброна хонед
   -бо ибодат хонед
   -мақсаднок хонед
   -бо шавқ (кунҷковона) хонед

   3**. Бодиққат (дақиқ**) бошед.
   * Хатоҳои хосае, ки дар давраи мушоҳида аз онон бояд канораҷӯқ намуд.
   - Шумо ҳама тафсилотро мушоҳида накардед,
   - Шумо он чиро, ки дар матн нест, надидед,
   - Шумо дар вақти мушоҳида ба нодақиқӣ роҳ додед,
   - Шумо хулосаи нодуруст баровардед:
   - Шумо пешакӣ қарор додед, аллакай он чиро, ки дар матн омадааст, медонед.

**«Байни хондан ва омӯхтан ҳамин хел фарқе ҳаст, ба монанди фарқи қаиқе, ки бо иродаи мавҷҳо ҳаракат**

**мекунад ва қаиқе, ки белзанҳо ӯро ба ҷои лозимӣ мебаранд».**

**Оскар Фейхт**

Супориш. 2 Петрус 1:2-4-ро хонед. Чӣ қадар бештар, ки метавонед, мушоҳидаҳоятонро нависед________________________________
__________________________________________________________________________
________________________________________

Супориш. Ҳастӣ 6:19-20-ро хонед. Чӣ тавр Нӯҳ тавонист, ки ҳайвонҳоро дар киштӣ ғун (ҷамъ) намояд?____________________
__________________________________________________________________________
________________________________________

Супориш. Иов 1:22 ва 2:10-ро хонед. Аксуламали Айюб дар ин ё он маврид чӣ гуна фарқ менамояд?______________________________
__________________________________________________________________________
________________________________________

- Чӣ тавр саволи дуруст бояд дод

## Барои самаранок омӯхтани Библия бояд саволҳоро дуруст гузошт.

Аз рӯи матн ба худ савол диҳед:

**КӢ** нақл мекунад ё дар бораи кӣ нақл мекунанд?

**ЧӢ** предмет ё мавзӯи муҳокима мебошад, ё пеш дар бораи чӣ гуфта мешуд ва баъд дар бораи чиӣ гуфта мешавад?

**ДАР КУҶО** амал содир мешавад ё муҳокима дар куҷо мегузарад?

**КАЙ** амал содир мешавад ё муҳокима баргузор мешавад?

**ЧАРО/БАРОИ ЧӢ** амал содир мешавад ё муҳокима баргузор

мегардад? (мақсад).

Инро одамон-иштирокчиёни ҳодиса **ЧӢ** хел қабул мекунанд?

## Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Супориш. Луқо 17:11-19-ро хонед. Мувофиқи имконият ба миқдори бештар саволҳо ҷавоб гардонед.
Кӣ?_______________________________________________
Чӣ?_______________________________________________
Дар куҷо?__________________________________________
Кай?______________________________________________
Барои чӣ/чаро?_____________________________________
Чӣ хел?____________________________________________

- Чиро бояд ҷуст

Дар вақти мушоҳида ба:

-**калима** (калимаҳои асосӣ, истилоҳҳо ва ибораҳо)

-**тартиби матн** (ташкили он)

**-фазо** (муҳит)

-**шакли адабӣ**

Диққат диҳед.

1. <u>Калима</u>

- Давраҳои ҷустуҷӯй:

    1. **Калимаҳои асосиро** дар порча муайян кунед. Румиён 8:9.
    2. Муайян кунед, оё ин калима **дуруст** истифода гаштааст ё ба
       маънои **маҷозӣ**. Юҳанно 10:6-9.
    3. **Шакли грамматикии** онро қайд намоед (исм? феъл? пешоянд ва ғайра).
    4. Нишон диҳед.
       *__Ҷинс__ (мардона / занона / миёна)
       Юҳанно 14:16-17
       «Ӯ», «Ӯро». Оё дар ин порча дар бораи ҷисми беҷон ёдоварӣ мешавад?
       *__Шумора__ (танҳо ё ҷамъ)
       Ғалотиён 3:16
       «насл»
       *__Замон__ (гузашта, ҳозира, оянда)
       Ибриён 1:1-22

<u>Махсусан кобед:</u>

**Феълҳо** «дид» Хуруҷ 2:11-15
«кушт» дар ҳикоя амалро ифода мекунанд
«гурехт»

**пешоянди** «ба» Филиппиён 4:13

пайвандакҳои «пас» Румиён 12:1 Ба чизи пештар гуфташуда
«лекин» тааллуқ дорад.

**Исм** (мубтадо, пуркунанда) «Калом» Юҳанно 1:1, 14.

5. Маънии калимаи асосиро дар контекст муайян кунед.
   Мисол калимаи «имон» дар Яҳудо 3 кадом ҳиссаи нутқ асту
   он чӣ маънӣ дорад?
   Шумо чӣ тавр дониста метавонед, ки калимаҳои монанди «даста», «торик» чӣ маънӣ доранд (даста-дастаи табар, гулдаста, дастаи аскар) ,(торик-торик, нофаҳмо).

   **<u>Эзоҳ</u>**. Дар давраи мушоҳида ба калимаи асосӣ, ки оқибат дар мавриди тафсир метавонад тасдиқ ё иваз гардад, муайянкунии пешакӣ имконпазир аст.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Супориш. Калимаҳо ва ибораҳои асосиро дар Румиён 6:1-12 номбар кунед.

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
__________________________________________________

Супориш. Калимаҳо ва ибораҳои асосиро дар Ибриён 11:1-8 номбар кунед.

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
__________________________________________________

## 2. Сохти матн

Нигаред, чӣ тавр пораи матн **сохта** ё **ташкил** карда шудааст.

Қоидаи кор.

1. **Матнро аз рӯи абзацҳо хонед.** [Дар Библияи таълимии NIV

матнҳо аллакай ба абзацҳо
ҷудо карда шудаанд]

* Як абзац як ё бештар ҷумлаҳоро, ки фикр, идея ё мавзӯи ягонаро доранд, дар бар мегирад* МИСОЛ: Қӯлассиён 2:6-12. Он ҷо чанд абзац ҳаст ва ҳар абзац чанд ҷумла дорад?

* Баъзе абзацҳо мустақиланд: дигарон ба абзацҳои пешомада ё пасомада алоқаманданд ва қисми фасл ё «порча» мебошанд.

ДИҚҚАТ! Баъзе вақт бобҳо ва оятҳои ҷудокардашуда беҳтарин кӯмак барои омӯхтани порчаҳо нестанд.

Мисол: Қӯлассиён 3:25, 4:1.

2. **Нигаред, чӣ тавр порча тартиб дода шудааст**.
   Сохти як ё якчанд порчаҳо синҷеро мемонад, ки биноро он нигоҳ медорад.

   Қисмҳо / фаслҳои гуногуни Навишта бисёр вақт муттаҳиданд ё дар атрофи якдигар сохта шудаанд.

   * одамон (тарҷумаи ҳолӣ)
   Ҳастӣ 12-50 Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф
   Аъмол 1-12 Петрус
   Аъмол 13-28 Павлус

   * макон (ҷуғрофӣ) Хуруҷ

   * ҳодиса (таърихӣ) Еҳушаъ ибни Нун

   * ғоя (теологӣ) Ба Румиён

   * пораҳои вақт (хронологӣ) 3 ва 4 Подшоҳон



Супориш. Луқо 15:1-7, 8-10, 11-32-ро хонед. Кадом ғояҳои асосӣ се ҳикояи Луқо 15-ро муттаҳид мегардонад.

___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
_____________________

Баъзе вақт таркиби асосии матн инҳоанд:

- муқобилгузорӣ (тазод) Ғалотиён 5:19-25
- муқоисакунӣ Матто 13:33
- мисолҳои бо расм орододашуда Матто 7:1-5
- саволҳо Марқӯс 11:27-33
  Марқӯс 12:13-17
- такрор Румиён 6:1-12 «барои гуноҳ»
  Ибриён 11 «бо имон»
- алоқаҳои сабабӣ- тафтишотӣ Румиён 1:18-32

*** Мушоҳида аз болои ташкилёбии матн ба мо имкон медиҳад бинем, ки чӣ тавр мавзӯҳо ва ғояҳо кушода мешаванд ва аз болои рушди онҳо назорат намоем, инчунин алоқаи порчаи додашударо бо порчаи пеш аз ин омада ва баъд аз ин омада ошкор намоем***

Ақл ва чашмони худро барои ҷустуҷӯи машқ диҳед.

- абзацҳо
- калимаҳо ва иборахо
- таркибҳо

3. Муҳит (фазо)

Муҳит (фазои) порчаро муайян намоед.

**Муҳит (фазо)** –ин оҳанги асосӣ, майл ё рӯҳи порчаи додашуда ва таъсири эҳсосноки он ба хонанда мебошад.

Фазо бо таъсири аз порча гирифташуда, он эҳсосоте, ки ӯ бедор мекунад, муайян карда мешавад. Ин тавсифномаи субъективӣ, шахсист. Инро дар порчаи мушаххас санҷед.

МИСОЛҲО:

- шубҳа –Марқӯс 16:9-14
- хушҳолӣ – Эзро 3:10-13
- тарс – Хуруҷ 20:18-21
- бузургӣ – Ишаъё 6:1-5
- ғазаб – Ададҳо 26:12-16
- шукргузорӣ- 1 Тимотиюс 1:12-17
- мадҳ- Забур 150
- эҳтиром – Луқо 7:11-17
- ғамгинӣ – Луқо 8:49-52
- ҳайрат ва ғайра – Матто 19:7-10

Супориш. Ваҳй 9:13-21-ро хонед. Чизи хондагӣ дар шумо чӣ гуна эҳсосот (аксуламал)-ро бедор мекунад?

______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
_________________________

Супориш. Румиён 7:21-25-ро хонед. Кайфияти ин порча чӣ хел иваз мешавад?

______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
_________________________

Ба мундариҷаи порча дода шавед, то ин ки вазъ ва ҳиссиёти хонандаи аввали онро тасаввур карда тавонед.

## Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Супориш. Забур 8-ро хонед. Кадом акси садоро ин суруд пешбинӣ менамояд?

______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________

_______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________

Супориш. Луқо 24:1-25-ро хонед. Ба шумо ин ҳикоя чӣ гуна таъсир расонид?

_______________________________________________________________________________
_______________________________________________________________________________
_______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________

*** Фаҳмидани муҳити порча ба мо имконият медиҳад, кайфияти муаллифро, инчунин хонандаи нахустинро беҳтар ҳис намуда ба чизи хондашуда баҳои ҳаққонӣ диҳем *.**

4. Шакли адабӣ

Шакли адабии матнро муайян кунед.

Танҳо: (1) таҳлил кардани калима, (2) дидани сохти матн, (3) ҳис кардани муҳит, муҳит нест, вале инчунин зарур аст, ки (4) шакли асосии адабии порчаи омӯхтаистодаро муайян намоем.

Одатан ин корро дар ибтидо мекунанд, ки метавонад вақти тафсир хеле муфид бошад.

Дар Библия чор шакли асосии адабӣ дучор мешаванд.

**А. Қисса, ҳикоят**- шакли насриест, ки барои инъикоси таърих ва
ҳақиқат бо воситаи далелҳои овардашуда, воқеаҳо, масалҳо, нақлҳои шоҳидон, тарҷумаи ҳол ва ғайра аз рӯи нуқтаи назари диншиносӣ таъин гаштааст.

Хислатҳои хос ( **миёнаравии ифодакунии ҳақиқат)**

1. «Тимосҳои хаёлӣ»-ро ба миён оварда, ба эҳсосот ва тасаввурот таъсир мерасонад.
2. Бисёр вақт ба вуҷуд омадани характери қаҳрамон ё таназзули онро нишон медиҳад (Юсуф, Шимъӯн).
3. Бисёр вақт дорои шаҳодатест, ки қонуни кишту даравро тасдиқ менамояд (Довуд).
4. Баъзе вақт нишон медиҳад, ки чӣ хел Худо бо одамон ва халқҳо муносибат менамояд.
5. Одатан дорои ғояи асосист ва / ё қоидаҳои истифодабарии онро ёд медиҳад.
6. Гоҳ-гоҳ барои мо васиятҳо (амру наҳъ)-ро дорад.

Баъзе мисолҳои библиявӣ: Ҳастӣ
Хуруҷ
Ададҳо
1 Подшоҳон
Аъмол

Пешакӣ огоҳонидан. Ба ҳалли ҳама тафсили он диққати зиёде додан лозим нест: баъзеи онҳо муҳиманд, баъзеи дигар не. Луқо 12:13-15.

## Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Б. Насиҳат (сӯҳбат)-** шакли насриест, барои пешниҳод намудани ғоя, фаҳмиш, доктрина ё далелҳои аз рӯи мантиқ дуруст, дар шакли ба тартибдаровардашуда (бисёр вақт дар шакли баҳс, нома, таълимот, вазъ ё нутқ).

Хусусиятҳои хос (**бевосита инъикос намудани ҳақиқат)**

1. Ба ақл ва қобилияти фикрӣ таъсир мерасонад (оқилона ва ботартиб).
2. Қариб ҳама вақт тараққиёт ва ҳаракати фикрро нишон медиҳад.

3. Бисёр вақт пандҳо ва васиятҳоро дар бар мегирад.
4. Одатан ба хулосаҳои муайян мебарад ё ба амал (итоаткорӣ)
   даъват менамояд.

<u>Баъзе мисолҳои библиявӣ</u>: Такрори шариат (қисмҳои алоҳида)

Ибодат (қисмҳои алоҳида)
Румиён
Эфсӯсиён
Ибриён
Матто 5-7

<u>Диққат.</u> Дар вақти дида баромадани қисмҳои алоҳида хавфи партофтани ғоя ё мавзӯи асосӣ ҷой дорад (Румиён 6:11-12).

**B. Назм**- пеш аз ҳама дар ифода кардани эҳсосот, ҳиссиёт ва ғоя ҳамчун воситаи ифодакунандаи ҳақиқат зоҳир мегардад.

<u>Хусусиятҳои хос</u> (**инъикос ёфтани ҳақиқат ба воситаи «образҳои шифоҳӣ»):**

1. Барои офаридани образҳои хаёлӣ забони маҷозӣ, тасвир, рамз истифода мешавад.
2. Калимаҳо на ҳама вақт бояд айнан қабул карда шаванд, вале маънӣ ва ҳақиқати дар он инъикосёбанда бояд фаҳмо бошад.
3. Эҳсосоти баланд ҳиссиётро бедор мекунад.
4. Сохти параллелиро барои ҷудокунӣ, мухолифгузорӣ, пурқувваткунӣ ва ғайра истифода мебарад.
5. Назми Библия қофия, вазн ё садоҳои қофиядор надоранд.
6. Барои омӯхтани ҳақиқат бо кӯмаки ифодаҳои образнок ва ғайра самаранок истифода бурдан мумкин аст.

<u>Баъзе мисолҳои библиявӣ:</u> Айюб

Забур
Масалҳо
Вақоеъномa
Суруди сурудҳо
Китоби анбиёҳо (қисмҳои алоҳида, мисол Ишаъё)

**<u>Диққат</u>**. Кӯшиши айнан шарҳ додани рамзҳо ва истиораҳо метавонад барои фаҳмидани ҳақиқат, ки порча меомӯзад, халал расонад.

Забур 88:26, 1 Қӯринтиён 10:4.

**Г. Валигӣ-** истифода бурдани забони рамзҳоро барои «кушодан» ё «ошкор» намудани чизи номаълум пешбинӣ менамояд.

<u>Хусусиятҳои хос</u> (**инъикос намудани ҳақиқатҳои пеш номаълум**)

1. Ба дараҷаи олӣ забони рамзӣ ва маҷозиро истифода мебарад, вале бо вуҷуди ин ҳақиқати реалиро ифода мекунад.
2. Одатан дорои пешгӯиҳои валиёна (пайғамбарона) мебошад.
3. «Рӯъё»-ро ворид месозад, ки он тафсири басе эҳтиёткоронаро талаб менамояд.

<u>Баъзе мисолҳои библиявӣ:</u> Ишаъё
Ирмиё
Ҳизқиёл
Дониёл
Малокӣ
Ваҳй

**<u>Диққат</u>**. Хавфе ҳаст, ки шумо хислатҳои рамзӣ ва авлиёии маводро дарк ва қоидаи тафсири пешгӯиро риоя карда наметавонед.
Ваҳй 6:3-6

## *Муайян кардани шакли адабии порча ба дараҷаи баланд ба тафсири дурусти он мутобиқат менамояд*.

## <u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

Ҷамъбаст намудани Мушоҳидаҳо - Дар матн чӣ гуфта мешавад? Ман чиро мебинам?

Дида тавонистани <u>он чӣ</u> дар матн <u>ҳаст</u> ва <u>он чӣ, ки нест</u>.

**<u>Савол</u>.** Одатан чӣ рух медиҳад, вақте ки мо дар вақти мушоҳида нокифоя диққат медиҳем ва он чиро, ки дар матн ҳақиқатан гап дар бораи он меравад, нодида мегузарем?

Мо **тафсири дурустро** намеёбем.

Мо **нодуруст истифода** мебарем.

Мо чиро меҷӯем?

1. **Калом-** бодиққат тадқиқ намоед.
2. **Сохт-** равшан муайян намоед.
3. **Муҳит** – шахсан ҳис намоед.
4. **Шакли адабӣ** – дуруст муайян намоед.

***Ҳадафи мушоҳида- боварӣ ҳосил кардан ба он ки, он чизеро ки дар матн гуфта шудааст, мо пеш аз тафсир ва истифодабарии он дар амал, медонем*.**

Мушоҳидаи рӯякӣ ба тафсири нодуруст мебарад, ки дар навбати худ дар вақти истифодабарӣ ба саҳву ғалатҳо роҳ медиҳад.

| | | |
|---|---|---|
| Мушоҳидаи бодиққат | Тафсири дуруст | Истифодабарии дуруст |

**Давраи 2** **<u>Тафсири матн</u>** Дар ин матн чӣ дар назар дошта шудааст?

A. Сарсухан. Саволҳои мифтоҳӣ

**Тафсир**- раванди ошкорнамоии мақсад ва ғояи асосии матни Библия, инчунин қоидае, ки ба беҳтар фаҳмидани матн мусоидат менамояд.

**Мақсад** – маънии ягонаи дурусти матнро дар асл муайян кардан.

*** Агар шумо фикри Худовандро намефаҳмед, пас шумо дорои Каломи Худованд низ намегардед***

2 Петрус 1:20-21

Пеш аз он ки ҳақиқати Каломи Худовандро истифода баред ва ба он итоат намоед (давраи 3), шумо бояд донед, ки дар он гап дар бораи чӣ меравад (давраи 1- мушоҳида) ва фаҳмед, ки он чӣ маънӣ дорад (давраи 2- тафсир).

<u>Баъзе саволҳои мифтоҳии давраи 2</u>:
Ин чӣ маънӣ дорад? Аъмол 8:30-31
Муҳимият, аҳамияти он чӣ гуна аст? Румиён 9:10-13
Чаро Худо инро ба Навишта ворид кард? Румиён 8:28
Мақсади порчаи додашуда чист? 1 Қӯринтиён 6:1-8
Чӣ тавр калимаҳои муаллиф дар матни аслӣ овардаро фаҳмидан мумкин аст? 1 Қӯринтиён 12:13.
Чӣ қадар ин ба заминаи Навиштаи Муқаддас ҳамоҳангӣ дорад? Юҳанно 6:44.

<u>**Диққат**</u>. Давраи 1 (мушоҳида)-ро тамом накарда, давраи 2 (тафсир)-ро оғоз нанамоед.

- **То он вақте намефаҳмед, ки дар матн чӣ гуфта шудааст, шумо барои муайян кардани он омода нестед, ки ин чӣ маънӣ дорад ва онро чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст.**

**Эзоҳ. Ҳар як порча дар Навишта танҳо як маънӣ дорад, вале ба тарзҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст.**

## <u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

Б. Дар бораи чӣ дар хотир доштан лозим аст.

Барои тафсири дуруст инҳоро ба инобат гирифтан лозим аст:

1. **Вазъияте, ки дар он Библия навишта шуда буд, аз мо фарқ мекунад**:

**-таърихӣ** (ҳазор сол пеш навишта шудааст).
**-ҷуғрофӣ** (дар кишвари дигар навишта шудааст).
**-фарҳангӣ** (одату анъанаҳои дигар).
*сиёсӣ *иқтисодӣ
*иҷтимоӣ *динӣ
*ҳуқуқӣ *ахлоқӣ
**-забонӣ** (ба забонҳои ибрии қадим, арамӣ ва юнонӣ навишта шудааст).
-**алоқаманд бо навиштан** (муаллифон ва хонандагони гуногун, бо мақсадҳои муайян ва вазъиятҳои мушаххас).

Ин вазъиятҳои гуногун монеаҳое мешаванд барои фаҳмидани мо фикри дар ибтидо оғозёфтаи Навиштаро ва бояд тавассути омӯзиши бодиққат бартараф карда шаванд.

***Сарсухан ба китобҳои алоҳида, нақшаҳо ва тафсирҳо ба Библия (Библияи таълимӣ NIV) бисёр вақт ахборот ва инчунин маълумотҳои каме муҳими ибтидоӣ дар бораи порча ё китоби хондашудаистодаро доро мебошанд**.

***Библия тарзе фикр карда шудааст, ки ӯ ба одамон фаҳмо бошад**
Такрори шариат 29:29

**Дар хотир нигоҳ доред:** Библия аз ҷониби одамон барои он навишта шуда буд, ки ба одамон ба забони мӯътадили одамӣ гап мезадагӣ фаҳмо бошад.

2. **Библия, ин асари адабиест, дорои :**

   Наср – Ба Румиён
   Назм - Забур
   Нақл кардан – Ҳастӣ.

3. **Библия-ин намуди махсуси асари бадеист, дар он инҳо истифода мегарданд:**
   масалҳо (№ 1, НЗ)* -Луқо
   пешгӯӣ – Дониёл

масалҳо (№ 2, ВЗ)* -Масалҳо

4. **Библия ваҳйи тараққикардаистодаи илоҳиро дорост ва воҳиди пурра аст.**
   Ибриён 1:1-2 Юҳанно 1:18

5. **Аҳди Қадим бе аҳди Ҷадид пурра нест ва ҳамин тавр Аҳди Ҷадидро низ бо тамоми пуррагиаш танҳо дар партави Аҳди Қадим фаҳмидан мумкин аст,**
   Луқо 24:25-27

6. **Ҳақиқати Каломи Худованд рӯҳан фаҳмида ва қабул карда мешавад.**
   1 Қӯринтиён 2:14

   Муҳокимаи мантиқӣ, омӯзиш ва ақли одамӣ худашон лаёқати кушодани ҳақиқати Навиштаро надоранд ва ба мо низ ёрӣ дода наметавонанд, ки онро ҳамчун ҳақиқат қабул намоем.

Дуруст фаҳмидани Навишта вобаста аст аз риояи қоидаҳои тафсири карордодашуда. Дар хотир нигоҳ доред, ки:

- Библия сазовори боварист, соҳибэътибор ва бесаҳву ғалат аст.
- Библия- ин воҳиди пурра аст ва ягон қисми он ба қисми дигараш мухолиф нест.
- Библия дорои ваҳйи илоҳӣ, тараққикунанда ва комил мебошад.

*Боинтизом омӯзед то ин ки хулосаи дуруст
*Ба Рӯҳулқудс такя намоед дар бораи маънии ҳақиқии
*Қоидахои тафсирро риоя намоед порча намоед

***Қоидаҳои минбаъдаи тафсирро пайгирӣ намоед, то ин ки аз хулосаҳои нодуруст, нисбати чизи дар матн гуфташуда канораҷӯӣ намоед.**

---

*Шарҳи масалҳоро дар саҳифаҳои 62-63 бингаред.

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

В. ҚОИДАҲОИ УМУМИИ ТАФСИР

**Қоидаи умумии №1** Айнан тафсир намоед

***Калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳоро дар маънии оддӣ мӯътадил табиӣ ва анъанавиашон қабул карда истода, Навиштаро айнан тафсир намоед.**

Ду намуди тафсири айнан вуҷуд дорад:

**-тафсири оддии айнан-** оддӣ, безабони образдиҳӣ.

Аъмол 2:7 «Ва Худованд Худо одамро аз хоки замин бисиришт»

Юҳанно 8:24 «Дар гуноҳҳои худ хоҳед мурд»

Ибриён 9:27 « Ва чунон ки одамонро насиб гардидааст, ки як бор бимиранд ва пас аз он ба доварӣ дучор шаванд».

**-тафсири образноки айнан-**забонест, ки дар он маҷоз ва калимаҳои рамзӣ истифода мегарданд, вале бо вуҷуди ин возеҳии ғоя, фаҳмиш, ҳақиқат ё маънӣ нигоҳ дошта мешавад.

Луқо 13:31-32 Ҳиродус – «рӯбоҳ» (шағол)

Ирмиё 17:1«Гуноҳи Яҳудо бо қалами оҳанин навишта шудааст»

***Маънии айнии порча метавонад рост ё образнок (бо ёрии маҷоз) ифода ёбад.**

Маънии калима мутобиқ

1. ба муайянкунандаи асосӣ,
2. ба он ки калима дар дигар пораҳои Навишта чӣ тавр истифода мешавад.
3. ба контекст порча, ки ӯ дар он истифода гаштааст муайян карда мешавад.

Мисол, калимаи «даста»: шумо танҳо контексти муайянро дида истода, метавонед муайян намоед, ки муаллиф дар зери ин калима чиро дар назар дорад.

<u>Якчанд маслиҳатҳои муфид, дар вақти омӯхтани калимаҳо.</u>

- Тафсирҳо ба матнҳоро омӯзед.
- Системаи далеловариҳои чандтарафаро истифода баред.
- Феҳрастро (нишондиҳандаи мавзӯъ)-ро истифода баред.
- «Симфония»-ро истифода баред.
- Фасли «Методи тематикии омӯзиши Библия»-ро бингаред.

(саҳ 91, китоби дарсии мазкур).

Супориш: Яъқуб 2:24-ро бо Румиён 4:2 муқоиса намоед. Оё маънии калимаҳои «сафед шудан» дар ҳар ду матн якхела аст?

______________________________________________

Яъқуб 2:24 «сафед мешавад»_________________________

______________________________________________

Румиён 4:2 «сафед шуда бошад»-

____________________________________________________________

_________________________________

Супориш. Аз руйхати калимаҳои мифтоҳӣ, ки дар мавриди мушоҳида дар Румиён 6:6-12 ва Ибриён 11:1-8 қайд кардаед, чор калимаро гиред ва маънии онҳоро муайян намоед. (Ба феҳрастии тафсирҳо, бо «Симфония» ё ба фарҳанг бингаред.

| **Калима** | **Маънӣ** |
| --- | --- |
| 1.____________________ | ____________________ |
| 2.____________________ | ____________________ |
| 3.____________________ | ____________________ |
| 4.____________________ | ____________________ |

**Кӯшиш кунед Навиштаро пеш аз ҳама чӣ тавре ки ӯ навишта шудааст ва чӣ тавр онро бояд хонандаи нахустин дарк намояд, фаҳмед**.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

## Тафсири рамзӣ

**Диққат.** Бар хилофи тафсири айнӣ раванди ҷустуҷӯи фикри **махфӣ** ё **хуфия** (ки бисёр вақт ба фикри ҳақиқии порча ҳеҷ умумияте надорад) тафсири рамзӣ, **аз хаёл бофташуда, рӯҳан муболиғаомез номида мешавад.** Мисол дар вақти тафсири боби 3 ҳастӣ бисёриҳо собит месозанд, ки Одаму Ҳавво зинокорӣ намудаанд, гарчанде ки дар матн амалан беитоатӣ намудан буд (вайрон кардани амри Худованд). Вақте ки Шумо ягон порчаро «ғайридинӣ» тафсир менамоед, ба ҷои ҳақиқати рӯҳонӣ шумо **дурӯғи рӯҳониро** пайдо мекунед ва маънии Каломи Худовандро вайрон месозед.

МИСОЛ:

**Эстер**-Баъзеҳо фикр мекунанд, ки дар китоби Эстер вай рамзи Калисо, Ҳомон- рамзи шайтон ва Мордахай-рамзи Рӯҳи Муқаддас мебошад. Вале бо ин гуна муносибат он далел ба инобат гирифта намешавад, ки онон одамони реалӣ буданд. Мақсади асосии китоб дар он аст, ки Худо ҳокими мутлақ ва содиқ аст, Ӯ ҳама вақт барои эҳтиёҷоти одамон ғамхорӣ менамояд ва ин ба тасвирҳои хаёлии калисои масеҳӣ алоқаманд нест.

Тафсири хаёлӣ ё рӯҳан муболиғакардашуда.

1. Маънии ҳақиқии матнро пинҳон мекунад.
2. Аз ҳад зиёд субъективӣ ва индувидуаллӣ мебошад (меъёри баҳоро ёфтан номумкин аст).
3. Ҳақиқати матнро нодуруст нишон медиҳад.
4. Далелнокии ҳаққонияти матнро зери шубҳа мегузорад.

Инчунин дар хотир доред, ки ҳар як порча метавонад, танҳо як тафсир ё маънии дуруст дошта метавонад, вале якчанд усули истифодабариро доро мебошад. Бинобар ин усулҳои гуногуни истифодабариро ҷустан мумкин аст, вале тафсирҳои рамзиро истифода бурдан мумкин нест.

**Эътимод ҳосил намоед, ки он чиро ки шумо меомӯзонед ё тарғиб менамоед, шумо ҳақиқатан аз матни Каломи Худованд мегиред**.

1 Қӯринтиён 4:6- «касе бештар аз он чӣ навишта шудааст, оқилтарошӣ накунад».

Такрори шариат 4:2 –«ба он чӣ ман ба шумо амр мефармоям, чизе илова нанамоед».

**Қоидаи умумӣ №2** <u>Дар контекст тафсир намоед</u>

***Ҳар як оят ё порчаи Навишта бояд дар контексти худаш дида баромада шавад. Дар ин маврид ба ҷои ӯ дар Навишта, пеш аз он ва баъди он чӣ меояд, ва ӯ бо дигар қисмҳои Навишта чӣ гуна пайваст мебошад, диққат диҳед.**

1 Қӯринтиён 7:1-Агар шумо танҳо ин оятро дар алоҳидагӣ мехонед шумо метавонед, хулосаи нодуруст дар бораи муносибати Худо ба никоҳ бароред (тафсирҳо, давоми Қӯринтиён 1, Матто 19:1-11-ро бингаред).

Яъқуб 2:24 -Агар шумо танҳо ин оятро мехонед, метавонед ба хулосаи нодуруст оед, ки одам метавонад, тавассути корҳои некаш наҷот ёбад (тафсирҳо бингаред, оятҳои аз ин пеш ва баъдомадаро аз 14 то 26 хонед).

**Контекст- ин омили аз ҳама асосист, ки дурустии тафсирро муайян мекунад. Контекст барои ҳар як ояти Библия худи Библия мебошад**.

Ҳастӣ 9:3, Дониёл 1:12

Оят--------ҷумла--------абзац------ абзацҳои ҳамсоя--------
-------- боб -------- фасл ------ китоб------ ҳама Библия.

<u>**Якчанд маслиҳатҳои барои омӯзиш муфид**</u>

- Пеш аз он ки дар бораи хислату рафтори ин ё он қаҳрамони Библия хулоса бароред, аз «Симфония» ё тафсирҳо <u>ҳама</u> маълумотҳоро дар бораи ин қаҳрамон ёбед, мисол, Ибриён 11:4 ва Ҳастӣ 4:1-5.
- Дар китоб ҷумлаеро пайдо кунед, ки мақсаду тематикаи онро нишон медиҳад ва дар партави ин гуфтаҳо тафсир намоед.

Луқо 1:1-4, Юҳанно 20:30-31, 1 Петрус 5:12, 1Тимотиюс 3:14-15.

- <u>**Алоқамандӣ:**</u> яке аз қисмҳои таркибии омӯхтани контекст, омӯхтани он аст, ки чӣ тавр материалҳои китоб ташкил ёфтаанд ва бо ҳам алоқамананд.

Ҷадвал ба китоби Ҳастӣ, ки дар саҳифаи 55 омадааст, тасаввуроти умумӣ барои ҳамаи китоб ва муносибати қисмҳои он медиҳад. Бодиққат онро хонед.

Мана якчанд ҷумла, ки ба шумо барои дидани сохт, ташкили матн ва алоқаи матни омӯхташудаистода бо дигар қисмҳои Навишта ёрӣ мерасонад:

## Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

1. Китоберо, ки нияти омӯхтан доред, пеш аз омӯхтани он қисм ба қисм, ҳамаашро хонед (ё абзацҳои ҳамсоя ва ё бобҳоро хонед).
2. Дар рафти хониш эҷодкорона андеша ронед.
   Чаро ин ҷо аст?
   Чӣ тавр ин ба материалҳои пешомада ва баъдомада алоқаманд
   аст?
   Ин чӣ тавр ба материалҳои ҳамаи китоб ё боб мутобиқ аст?
3. кӯшиш намоед, ҷудо кунед,

- мавзӯъ ё мақсади асосӣ,
- фаслҳо (қисмҳо)-и асосии китоб,
- қаҳрамони асосӣ,
- ҳодисаҳои махсус,
- муқоисакунӣ,
- мухолифгузорӣ,
- такрор,
- ғояҳои динӣ,
- унсурҳои умумӣ,
- кулминатсия.

4. Дар бораи он андеша ронед, ки баъд чӣ мешавад,-----хаёлан ба қафо баргардед, ------дар майна тамоми китобро нигоҳ доред. Инро дар вақти кор аз болои тамоми китоб, фасл, қисм, боб ё порчаи боб кардан мумкин аст.
5. Ҷадвали оддиро аз рӯи порчаи аз Навишта омӯхташудаистода тартиб диҳед.

Супориш: Забур 138:1-12-ро хонед ва ба он чӣ ки аз оятҳои 1-6 ва 7-12 дар бораи Худо медонед, муқоиса намоед. Натиҷаашро ба ҷадвали дар зер овардашуда гузаронед.

Забур 138:1-12

| Худо **ҳамаро медонад.** | | Худо **дар ҳама ҷост.** Ӯ **ҳама ҷо мавҷуд аст.** | |
|---|---|---|---|
| 1 | 6 | 7 | 12 |

ҲАСТӢ
“КИТОБИ ЯКУМ”

| 4 ҳодисаи мифтоҳӣ | | | | 4 қаҳрамони мифтоҳӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ОФАРИНИШ** | **МАЪСИЯТ** | **ТӮФОН** | **ХАЛКҲО** | **ИБРОҲИМ** | ИСҲОҚ | ЯЪҚУБ | **ЮСУФ** |
| Анҷом | Фосиқшавӣ | Маҳкум кунӣ | Омехтак унӣ | Ваъда | Фарзан дон | Тағйи рот | Ҳифз кардан |
| Нур.Рӯшной Фалак/ об Замин/наботот Офтоб/ Моҳ/ ситораҳо Парранда-ҳо/моҳӣ/ ҳайвонот Одам «Ором гирифтан» | Боғи Адан Одам Ҳавво Иблис Гуноҳ Ҷазо Қобил/ Ҳобил Шет | Нӯҳ Киштӣ Тӯфон Ибти-Дои Нав Тирука-Мон | Мано-раи Вавилон (Бобул) Номбар-кунии халқҳо | Даъват Лут Васият /амр Соро Исмо-ил Аҳду пай-мон Хатна Садум ва Амуро Қурбо нӣ | Яъқуб зиди Эсов Ҳуқуқи нахуст-зодагӣ Фотиҳа/ дуои хайр Тасди-қи васият | Фиреб Хоб Нардбон Леё Роҳел Мубори за бо Худо Ном ба Исроил иваз карда шуд | Либос ҳои ранга Ғуломӣ дар Миср Илтифот дар Миср Ҳифз намудани оилаи Яъқуб |
| ИБТИДОИ ИНСОИЯТ | | | | ИБТИДОИ ХАЛҚИ ИЗРОИЛ | | | |
| ТАЪРИХ<br>4000 сол пеш аз мелод 2100сол пеш аз мелод | | | | ТАРҶУМАИ ҲОЛ<br>1897 то мелод 1804 сол то мелод | | | |

## Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Қоидаи умумӣ №3** Аз нуқтаи назари таърих ва фарҳанг тафсир намоед.

***Ҳар як оят ё пораи Навиштаро аз рӯи нуқтаи назари шароити таърихӣ ва фарҳангӣ тафсир намоед.**

<u>Муҳити таърихӣ</u> Аъмол 15:1-35

Ба диққат гиред:
муаллифро,
вақти навиштаро,
ҷои навиштаро,
сабаби навиштаро,
хонандагонро,
шароити сиёсиро,
шароити иқтисодиро,
шароити иҷтимоиро,
шароити диниро,
шароити ахлоқиро.

- Дониши вазъияти таърихӣ дар фаҳмидани маънии порча ба шумо кӯмак мерасонад.

<u>Шароити фарҳангӣ</u>-- 1 Қӯринтиён 11:2-16- Ҳиҷоб дар калисо зани

боодобро аз зани бероҳагард фарқ мекунонид ва аломати ба ҳокимият мутеъ будани ӯро дошт. Имрӯз барои зан вақти дар калисо будан ҳоҷати ҳиҷоб доштан нест, вале ӯ бояд рӯҳи мутеъ буданро дошта бошад.

<u>Фарҳанг ин чизест, ки дар ҷои муайян, дар вақти муайян:</u>
- одамон ба он бовар мекунанд,
- чӣ мегӯянд,
- чӣ кор мекунанд,
- чӣ менӯшанд,
- чӣ мехӯранд,
- чӣ меофаранд (месозанд),
- чӣ анъанавӣ мебошад.

<u>Лаҳзаҳои асосии</u> имконияти онро муайянкунанда, ки оё дар ин порчаи додашуда маҳдудияти фарҳангие вуҷуд дорад ва оё онро дар рӯзҳои мо истифода бурдан мумкин аст, инҳоанд:
1. Мақсади анъанаи фарҳангӣ ё таълим чӣ буд?

2. Оё чунин анъанаи фарҳангӣ дар рӯзҳои мо низ он моҳиятро дорад?
3. Агар не, пас оё ин ҷо қонуни бобақое ҳаст, ки онро дар замони мо, вале бо шакли дигар истифода бурдан мумкин бошад?
4. <u>Чунин шуморед, ки ҳама таълимот ё анъанаҳои дар Навиштаомада имрӯзҳо ҳам истифодашавандаанд, танҳо агар,</u>

- истифодабарии онҳо бо контекст маҳдуд нагаштаанд,
- онҳо бо ваҳйи хеле баъдомада рад нагаштаанд,
- онҳо ба дигар ҷойҳои Навишта мухолифат надоранд,
- шумо эътимод ҳосил намекунед, ки онҳо барои фарҳанги зикрёфта ба куллӣ хосанд.

*Истифодабарии баъзе лаҳзаҳо (анъанаҳо)-и Навишта дар чорчӯбаи муайяни фарҳангӣ-замонавӣ маҳдуд карда шудаанд, дигарҳояшро мисли пешин бояд пайгирӣ кард. (ба тафсир бингаред).

**Ҳар як таҷриба ё анъанаи фарҳангӣ бояд мутобиқи таълимоти Каломи Худованд санҷида шавад.**

Марқӯс 2:18-21

<u>Супориш.</u> Юҳанно 13:1-17-ро хонед. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Оё дар рӯзҳои мо шустани пойро ҳамчун оин, маросими калисо риоя кардан лозим аст?

____________________________________________________________

2. Кадом қоида ё ҳақиқатро ин ҷо Исо таълим медиҳад? Оё онҳо имрӯз истифодашавандаанд?

____________________________________________________________

## <u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

**Қоидаи умумӣ №4** Аз нуқтаи назари шакли адабӣ тафсир
намоед.

***Ҳар як оят ё пораи Навиштаро аз нуқтаи назари шакли адабӣ тафсир намоед.**

Ин чӣ?
- наср
- нақл
- пешгӯӣ
- назм
- масал №1
- масал №2

Мисол, дар назм бештар маҷоз ва рамз истифода мешаванд, вале бо вуҷуди ин ҳақиқат айнан баён мегардад.

Забур 18:2-5

Хислатҳои хоси шаклҳои гуногуни адабиро, ки дар Библия омадааст ва дар бораи онон дар фасли «Мушоҳида»-и китоби мазкур гуфта шудааст, такрор намоед (саҳ. 43-45).

Супориш. Ҳастӣ 22:1-2-ро хонед. Ин порча амр дар бораи қурбон кардани фарзандон нест, чӣ тавре ки ба Иброҳим гуфта шудааст. Чӣ тавр шакли адабии ин порча ба шумо имконият медиҳад, ки хулосаи дуруст бароред.

________________________________________________________________
________________________________________________________________
____________________

**Қоидаи умумӣ №5** Порчаро бо дигар қисмҳои Навишта мутобиқ намуда, тафсир намоед

***Ҳар як оят ё пораро ба пораи ба он алоқаманд ё монанд дар ин ё китобҳои дигари Библия мутобиқ намуда, тафсир намоед.**

Юҳанно 4:14 Юҳанно 7:38-39
Юҳанно 16:33 1 Юҳанно 5:4-5
Порчаҳои монанд ё бо ҳам алоқаманд бисёр вақт ба мо дар бораи фаҳмидан ва истифода бурдани ҳақиқати Библия ёрӣ мерасонад.

Таъинот дар бораи кор бо пораҳои душвор

Ин қоида ба шумо барои тафсири дурусти пораҳои душвори Навишта ёрӣ медиҳад:

- **Библия ҳеҷ вақт ба худ мухолиф нест**.

Хурӯҷ 20:5-6 Ҳизқиёл 18:1-4
Нодуруст фаҳмидани талаботи дар Хурӯҷ 20 омада сабаби ба миён омадани зарбулмасале гашт, ки баъд он ҳамчун зарбулмасали ғалат дар Ҳизқиёл 18 маҳкум гашт.

- **Ба маънии оддӣ, бештар табиӣ пеш аз маънии мураккаб таваҷҷӯҳ намоед.**

Ваҳй 20:1-4
Инкор намудани ҳокимияти ҳазорсолаи Масеҳ дар рӯи замин бемаънигӣ мебуд, чунки ин маънии рӯиросту табии порчаи додашуда мебошад.

***Аҳди Ҷадид ва Аҳди Қадим якдигарро маънидод менамоянд.**

Ҳастӣ 3:1 Ваҳй 12:9

***Барои тафсири порчаҳои нофаҳмо ва думаънодор маълумоти дигар- бештар соддаю фаҳморо, ки маънии асосиро фаро гирифтааст, истифода баред.**

Аъмол 2:38 Аъмол 8:12-13

Дар Аъмол 2:38 ба гумон меравад, дар назар гирифта шудааст, ки таъмид бо об ба одам «наҷот» мебахшад. Ин оятро бояд дар партави он оятҳои возеҳу равшане, ки таълим медиҳанд, барои наҷот танҳо имон лозим аст, тафсир намоем. Мисол Юҳанно 3:16 Румиён 10:12-13.

Супориш. Юҳанно 10:27-29-ро хонед ва ба Ибриён 3:12 муқоиса намоед. Мавҷудияти ҳар дуи ин порчаҳоро дар Библия чӣ тавр фаҳмондан ва онҳоро байни якдигар оштӣ кунондан мумкин аст?

________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
_________________________

***Дар вақти истифодабарии иқтибос аз Аҳди Қадим дар Аҳди Ҷадид овардани матни он айнан шарт нест.**
1 Петрус 1:16 Ибодат 19:2

***На ҳама чизе, ки дар Библия тасвир меёбад, сазовори таҳсин тасвир ёфтаанд.**
Ҳастӣ 34:13-31

***Баёнҳои гуногуни як ҳодиса нисбат ба мухолифат ба якдигар ин ҳодисаро пурра мегардонанд.**
Матто 20:29-34 Луқо 18:35-43

***Баъзе номувофиқии рақамҳо, ин бештар ғалати рӯйбардоркунандаҳоанд.**
« Подшоҳон 15:7 «4 ё 40»

***Он далел, ки мо барои чизе шарҳи комил надорем, маънои онро надорад, ки чунин шарҳ тамоман мавҷуд нест.**
Румиён 11:33-36

Мо бояд кӯшиш намоем, ки аз рӯи ақлу фаросат он ақидаҳои мухолифмаънои дар назари аввал ба чашмрасандаро дар Библия дуруст ҳаллу фасл намоем.

**Қоидаи умумӣ №6** Пай дар паии доктринавиро нигоҳ дошта

тафсир намоед

***Ҳар кадом тафсири пешниҳодшударо санҷед: оё он мухолифи доктринаи асосии динӣ нест (оё пай дар паии доктринавӣ нигоҳ дошта мешавад).**

Юҳанно 4:24 Луқо 11:20

Агар шумо ба хулосае меоед, ки Худо ба маънои ҳақиқӣ «ангуштарин» (ангушт) дорад, пас ин мухолифи он мебошад, ки Худо Рӯҳ мебошад.

**Дар вақти тафсир инро ба назар гиред, ки табиати Худованд,**
**мавҷудияти Ӯ дар тӯли ҳамаи Навишта бетағйир мемонад**.

Супориш. 1 Подшоҳон 15:1-3-ро хонед. Оё аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки Худо «дӯст намедорад», чунки Ӯ ба Шоул амр кард, ки Амолеқиёнро пурра нест намояд? Чаро ҳа/чаро не? (Инчунин Такрори шариат 9:1-5, Ҳабаққуқ 1:12-13, Ҳастӣ 15:16-ро хонед).

________________________________________________________________________________________________________________________________________________________

**Такрор**

1. Чаро қоидаҳои таъиншудаи тафсирро бояд риоя намуд?
2. Кадом аз шаш қоидаи умумӣ дутоаш ба ақидаи шумо бештар муҳиманд? Чаро?

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Г. ҚОИДАҲОИ ХУСУСИИ ТАФСИР
Барои тафсири баъзе намудҳои адабиёти библиявӣ қоидаҳои хусусии тафсир истифода мешаванд.

**Қоидаи хусусии №1** Масалҳо №1 (НЗ)
***Масалро таҳлил кунед ва ҳақиқати асосиро, ки ӯ таълим медиҳад, муайян намоед.**

Масали №1- ин ҳодисаи ҳақиқатоомезест, ки аз ҳаёти оддию рӯзмарра гирифта шудааст ва тарзе тартиб дода шудааст, ки яке аз андеша ё ғояҳоро расонида тавонад.

Масали №1 – ин ҳодисаи дунявист, ки бо фикри рӯҳонӣ пур карда шудааст. Ӯ:
-яке аз ҳақиқатҳои мифтоҳиро таълим медиҳад.
-яке аз фикрҳои асосиро тасдиқ менамояд.
-яке аз ҳақиқатҳоро бо суратҳо зеб медиҳад ё мефаҳмонад.
Матто 20:1-16.

*Одатан на ҳама унсурҳо дар масал (№1) маънии ҳалкунанда доранд- ба он диққат диҳед, ки чӣ тавр онҳо ба ҳақиқати асосӣ алоқаманданд.

Аз ҳад зиёд масалҳо (№1) дар Инҷилҳои синоптикӣ (Матто, Марқус, Луқо) вомехӯранд. Рӯйхати масалҳоро дар Библияи Таълимӣ NIV бингаред.

Супориш. Масал дар бораи коранда ва заминро дар Луқо 8:4-15 хонед. Чӣ ҷавобгӯи чор рамзи замин аст? Ҳақиқати асосиро, ки ин масал меомӯзонад, дар як ҷумла баён намоед.
1.______________________________________________.
2.______________________________________________
3.______________________________________________
4.______________________________________________
Ҳақиқати асосӣ____________________________________
______________________________________________

**Қоидаи хусусии №2** Масалҳои № 2 (ВЗ)

***Масали (№2)-ро таҳлил  намоед ва муайян намоед, дар он дар бораи чӣ тавр хирадмандона зистан чӣ гуфта шудааст.**

Масали №2:
-ин изҳоркунӣ, тасдиққунӣ ё муқоисакунии хирадмандона мебошад,
-хирадмандии Худовандро дар масъалаи зиндагиро тавонистан ифода менамояд,
-ҳеҷ чиз ваъда надода, <u>қоидаҳоро</u> таълим медиҳад,

Масалҳо 22:6  бачаҳо, ки тарбияи дуруст ёфтаанд, ҳама вақт роҳи ҳақиқатро медонанд, новобаста аз он ки онҳо ин роҳро пайгирӣ менамоянд ё не.

-барои он таъин гаштааст, то ин ки қоидаҳои умумиро, ки бештар вақт дурустанд, ёд диҳад, дар ин маврид дар бораи истисно чизе гуфта намешавад.
-дар он бисёр вақт ду одам муқоиса карда мешаванд ё мухолиф гузошта мешаванд: хирадманд ва ҷоҳил (доно ва нодон).
-нишон медиҳад, ки чӣ тавр одами хирадманд Худоро эътироф менамояд ва мувофиқи он зиндагиашро ба низом меорад.
-нишон медиҳад, ки чӣ тавр одами нодон ба Худо беэътиноӣ менамояд ва тарзе зиндагӣ менамояд, ки гӯё Худо умуман вуҷуд надошта бошад.
-дорои бисёр ибораҳои образнок аст.
-қонуни кишт ва даравро бо расмҳо оро медиҳад,

Масалҳо 1:7    Масалҳо 3:5-6

-фарқҳо мегузорад, байни:

**дониш**=мундариҷа    мушоҳида
**фаҳмиш=**дарккунӣ    тафсир
**хирадмандӣ**=маҳорати донишро дар ҳаёт татбиқ намудан истифодабарӣ

*Масалҳои №2 пеш аз ҳама дар китобҳои библиявии хирад, монанди Масалҳо, Вақоеънома, Яъқуб истифода мегарданд.

<u>Супориш</u>. Масалҳо 14:16-ро хонед. Байни одами хирадманд ва нодон кадом фарқиятҳо гузошта  мешавад?

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Қоидаи хусусии №3** Назм

- **Барои фаҳмидани он ки дар назми қадими яҳудӣ гап дар бораи чӣ меравад, дар он ибораҳои образнок ва таркиботи параллелии истифодашударо таҳлил намоед.**

Дар назми қадимаи яҳудӣ

-садоҳо ва ё калимаҳо ба қофия даровардa намешаванд.
-вале ғоя, андеша, фаҳмиш ва образҳо ба қофия даровардa мешаванд.
-дорои бисёр ифода ва рамзҳои образнок мебошад.
**-одатан мисраи якум мисраи дуюмро шарҳ медиҳад:**

1. Ҳамон як ҳақиқатро дигар хел ифода мекунад- Масалҳо 9:9.
2. Ҳамон як ҳақиқатро маънидод мекунад ё қайд менамояд- Масалҳо 24:1-2.
3. Ба сабабҳо ва оқибатҳо ишора мекунад:
   (мусбӣ) – Масалҳо 16:3.
   (манфӣ) –Масалҳо 5:22.
4. Дорои мухолифгузорӣ ё муқоиса мебошад. Масалҳо 9:8

   Дар Масалҳо 9:8 таркиби параллелии аз ду мисра иборати барои назми қадими яҳудӣ хосбуда ба осонӣ ба назар мерасад.

   Масхарабозро мазаммат накун: мисраи 1.
   мабодо аз ту нафрат кунад.

   Хирадмандро мазаммат намо, мисраи 2.
   Ва ӯ туро дӯст хоҳад дошт.

   Қайд намоед, дар ин ду мисра аксуламалҳои гуногуни одамонро, ки мазаммат карда шудаанд, нишон дода шудааст.

   Қоида. Ҳама вақт кӯшиш намоед, муайян кунед, ки чӣ тавр мисраи дуюм ба якум таъсир мерасонад.

Назми қадимаи яҳудӣ пеш аз ҳама дар китобҳои Айюб, Забур, Масалҳо Суруди Сурудҳо ва баъзе қисмҳои китобҳои пайғамбарон, мисол дар китоби Ишаъё ва ғайра мавҷуд мебошад, дар баробари ин дар он бисёр ифодаҳо ва рамзҳои образнок истифода мешаванд.

**Супориш**. Айюб 42:2-ро хонед. Мисраҳои 1 ва 2-ро ишора кунед. Чӣ тавр мисраи 2 ба мисраи 1 мутобиқат менамояд?
Мисраи 1______________________________________________
Мисраи 2_______________________________________________
__________________________________________________________________________
________________________________________

**Супориш**. Ишаъё 40:18-ро хонед. Мисраҳои 1 ва 2-ро ишора кунед. Чӣ тавр мисраи 2 ба мисраи 1 мутобиқат менамояд?
Мисраи 1 ________________________________________________
Мисраи 2________________________________________________
__________________________________________________________________________
________________________________________

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Қоидаи хусусии №4** Ифодаи образнок

***Муайян кунед, ки дар матн кадом ифодаи образнок истифода гаштааст ва моҳияти онро барои фаҳмидани ғоя ё ҳақиқати дар матн омада баҳо диҳед.**

Муайянкунӣ. Шакли ғайриоддӣ ё истифодабарии калима ё ибора мебошад, ки образи хаёлӣ ё шифоҳиро ба вуҷуд меорад.

Мисол, «чой меҷӯшад» (чой намеҷӯшад, балки об барои чой меҷӯшад).

**Ифодаҳои образнок барои он истифода мешаванд, ки:**

1. Ҳақиқатеро, ки сухан дар бораи он меравад, бештар боварибахшу эътимоднок гардад.
2. Моҳияти онро қайд намоед.
3. Мақсади онро бештар амиқтар гардонад.
4. Ба он тобиши эҳсосотӣ диҳад.
5. Ифоданокии суханро боқувваттар гардонад.
6. Диққатро ҷалб намояд.
7. Ғояҳои абстрактиро бо расмҳо оро диҳад ва фаҳмонад.

Забони образнок чунон саҳеҳ аст, ки ғояи ба воситаи ӯ дода мешудагӣ возеҳу равшан ва ҳаққонист.

***Ҳақиқатеро, ки тавассути воситаҳои забони образнок ифода мегардад, ҳарф ба ҳарф қабул кардан мумкин аст.**

Баъзе мисолҳои ифодаи образнок, ки ба Библия хосанд:

1. **Муқоиса** –қиёс кардан, ки дар он бандакҳои «чи хеле ки» «монандӣ» истифода мегарданд.

2. **Маҷоз** –муқоисакунӣ, ки дар он як фаҳмиш барои ифода кардани фаҳмиши дигар истифода мегардад.
   Мисол, «Шумо намаки ҷаҳон ҳастед» Матто 5:13.
   «Забон низ оташ аст» Яъқуб 3:6.

3. **Тимсол**- додани сифатҳои инсонӣ ба ашёҳо, фаҳмишҳои абстрактӣ ё ҳайвонот,

Мисол, «ва барбат ва уд, ва даф ва най ва шароб дар базмҳои онҳост, вале онҳо ба корҳои Худованд назар намекунанд, ва амали дастҳои Ӯро намебинанд» (Ишаъё 5:12).

4. **Антропоморфизм** – ба Худо додани сифатҳои одамӣ,

Мисол, «ва дасти Худои мо бар мо буд» (Эзро 8:31).

5. **Идиома** – усули махсуси ифодаи фикр бо забони ба худ хос,

Мисол, «бо шикастани он» (Аъмол 2:42).

6. **Эвфемизм** –иборои таҳқиромезро бо иборои хуб иваз намудан,

Мисол, «барои қазои ҳоҷат» (1 Подшоҳон 24:4).

7. **Муболиға**- барои таъсирнок гаштан, аз ҳад зиёд калон нишон додан,

Мисол, «Тамоми дунё ҳам он китобҳои навишташударо ғунҷоиш дода наметавонист» (Юҳанно 21:25).

8. **Тамасхур**-иборои истеҳзоомез, ки фикри бараксро дар назар дорад,

Мисол, «бо овози баланд бихонед, зеро ки вай худост»
3 Подшоҳон 18:27.

9. **Тазод** –иваз кардан, ки дар натиҷаи он ду чизи ба ҳам мухолиф барои ифода кардани як чизи бутун истифода мешавад,

Мисол, «Ту шинухези маро медонӣ»
(яъне, ҳама он чизро, ки ман мекунам) Забур 138:2.

<u>Супориш.</u> Ду мисраи аввали Ирмиё 17:11-ро хонед. Кадом иборои образнок инҷо ифода ёфтааст? Кадом образи хаёлиро ӯ ба вуҷуд меорад?

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Қоидаи хусусии №5** Рамзҳо

## *Бодиққат ҳама рамзҳоро омӯзед, то ин ки мақсади истифодабарӣ ва маънии ононро муайян намоед.

Муайянкунӣ. Рамз –ин калима ё ибораест, ки чизеро иваз ё тасвир менамояд. Вазифаи ӯ оро додани фикр ё бештар фаҳмо гардонидани он мебошад.

Мисол, Исои Масеҳ монанди «Барраи Худо» Юҳанно 1:29.

- Вале бодиққат бошед, рамз метавонад на танҳо ба як, балки ба якчанд қаҳрамонҳо тааллуқ дошта бошад.

Мисол, ҳам шайтон (1 Петрус 5:8), ҳам Масеҳро (Ваҳй 5:5) шер меноманд. Вале Масеҳ тамоми сифатҳои беҳтарини шерро дорост (ин қудрат, бузургӣ ва ғайра мебошад), дар баробари ин сифатҳои бади ӯ (ҳайвони дарранда) ба шайтон мансуб дониста шудааст.

Мисолҳо:
Исо - Барра, Шер, Шух (Харсанг), Навда, Реша, Санги пешпохӯрӣ (Садд).
Рӯҳулқудс - об, равғани зайтун, шамол (бод), кабутар
абр/ оташ - ҳузур доштан / сарварии Худованд
аждарҳо / мор - шайтон (иблис)
шох - қудрат
мифтоҳ, калид - ҳокимият

Супориш: Матто 3:12-ро хонед. «Ғалбер» рамзи чӣ аст (оне, ки бо он ғалларо мебезанд)?
_______________________________________________
_______________________________________________
__________

## Такрор

1. Риоя накардани қоидаи хусусӣ вобаста ба тафсири масалҳо (№1) дар худ кадом хатари асосиро ниҳон медорад?

2. Чаро донистан муҳим аст, ки масалҳо (№2) қоидаҳои асосиро меомӯзонанд, на ваъдаҳоро?

3. Чаро бисёр вақт назм воситаи хуби ифодакунандаи ҳақиқат мебошад?

4. Ифодаҳои образнок тафсирро мураккаб месозанд, ё содда мегардонанд? Барои чӣ?

5. Чӣ тавр рамзҳо ба мо барои беҳтар  фаҳмидани чизҳои абстрактӣ ёрӣ  мерасонанд?

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири онҳо

**Қоидаи хусусии №6** Пешгӯӣ

***Қоидаҳои умумии тафсирро истифода бурда истода порчаҳои пешгӯидоштаро таҳлил намоед, вале дар ин маврид диққати ҷиддиро ба хусусиятҳои хосе, ки пешгӯиҳои библиявиро тавсиф менамояд, равона созед.**

Барои чӣ пешгӯиҳоро бояд омӯхт?

1. Вақте ки Библия навишта шуд, 25 фоизи он аз масалҳо иборат буд.

2. Пешгӯиҳо ба мо садоқат, ҳокимияти олӣ ва қудрати фавқултабии Худовандро зоҳир месозанд- 3 Подшоҳон 8:56.

3. Пешгӯиҳо умеди имондорро тақвият медиҳанд
1 Таслӯникиён 4:13-18.

4. Пешгӯиҳо имондоронро пок мегардонанд ва ба ҳаёти парҳезкорона ҳидоят менамоянд – Титус 2:11-15.

5. Пешгӯиҳо нияти абадӣ ва нақшаи Худовандро (ваҳйро) мекушоянд.- Ишаъё 46:10.

Пешгӯиҳои махсуси библиявӣ

1. «**Тасвири пешомад»**

На пайғамбарони Аҳди Қадим, на муаллифони Аҳди Ҷадид натавонистанд, пешбинӣ кунанд, ки ду ҳодисаро солҳои тӯлонӣ ҷудо карда метавонанд (водӣ дар байни қуллаҳои кӯҳ).




Ишаъё 61:1-2 Луқо 4:17-21

Ба пайғамбар маълум набуд, ки ин пешгӯиҳо пас аз садсолаҳои
ояндаи дур амалӣ мегарданд.

**2. Истифодабарии таъҷилӣ ва иҷрои ғайритаъҷилӣ**

Ишаъё 7:14 Матто 1:22-23

Ин пешгӯии Ишаъё дар замони худаш ҳам истифода бурда шуд, вале иҷроиши он дар Исо ҳамчун Масеҳ дар ояндаи дур муяссар гашт.

**3. Қисман иҷрошавӣ дар мӯҳлати муайян (тараққикунанда/мунтазам)**

Юил 2:28-32 Аъмол 2:17-21

Дар рӯзи Панҷоҳрӯзагӣ ин пешгӯии аҳдиқадимӣ қисман иҷро гашт, он вақт Рӯҳулқудс фиристода шуда буд. Пешгӯи пурра бояд дар оянда амалӣ гардад.

(Ваҳй 6:12-14-ро бингаред).

<u>Якчанд маслиҳатҳои муфид дар вақти тасрифи пешгӯиҳо</u>

1. Ба порчаи додашуда ҳама чизҳои алоқаманд ва параллелро муқоиса намоед (мисол Дониёл ва Ваҳй).

Ваҳй 13:5 Дониёл 7:25

2.Дар хотир нигоҳ доред, байни эълони пешгӯӣ ва иҷрои он метавонад давраи зиёде гузарад (садҳо ва ҳазорсолаҳо)

Ишаъё 40:3 Малокӣ 3:1-3 Матто 3:3

Ҳам Ишаъё, ҳам Малокӣ пешгӯӣ карданд, ки кадом вазифа дар Аҳди Ҷадид бар дӯши Яҳёи Таъмидгар меафтад: Омадани Исои Масеҳро эълон кардан.

3.Фарқ кардани пешгӯиҳои амалишударо ва ононеро, ки амалишавиашон ҳоло дар пешанд, ёд гиред.

<u>МИСОЛ:</u>

Иҷрошуда: Ишаъё 44:28, Эзро 6:3

Ишаъё пешгӯӣ кард, ки шоҳ Куруш ба яҳудиён рухсат медиҳад, ки аз нав маъбадро созанд. Пас аз дусад сол мо иҷрои ин пешгӯиро дар китоби Эзро мебинем: Куруш ба Яҳудиён бозгашт ба Ерусалимро рухсат медиҳад.

Иҷро нашуда-Ирмиё 31:31-34

Аҳди нав барои Изроил.

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он.</u>

4. Ибораҳои образнок ва рамзҳоро ёбед (агар онҳо ҳастанд) ва маънии онҳоро ба инобат гирифта матнро тафсир намоед.

   Ваҳй 6:1-2 Савора дар болои аспи сафед –рамзи душмани Масеҳ аст. Вале, инро ба инобат гиред, ки дар Ваҳй 19:11 Масеҳ ҳам дар вақти бозгашти дуюмаш саворaи аспи сафед тасвир ёфтааст.

5. Эътимод пайдо намоед, ки тафсири шумо мухолифи дигар ҷойҳои Навишта нест.

   Луқо 17:34-37 Ин ба сууд метавонад муносибат надошта бошад, чунки гирифташуда бояд назди маҳкама ҳозир шавад (1 Таслӯникиён 4:13-18).

<u>Супориш</u>. Ишаъё 53:1-9-ро хонед. Монанди 1 Петрус 2:21-25 ва Матто 8:14-17 ин пешгӯӣ ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад?

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________

## Такрор

1. Чаро ин қадар пешгӯиро омӯхтан муҳим аст? Камаш ду сабабро номбар кунед.

2. Омӯзиши пешгӯиҳо ба мо аз хислатҳо ва табиати Худованд чиро ошкор менамояд?

**Қоидаи хусусии №7** Истифодабарии матни Аҳди Қадим дар Аҳди Ҷадид

- **Контекстеро, ки дар он порчаҳои Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид истифода бурда мешаванд, омӯзед. Муайян кунед, ки чӣ хел ва бо чӣ мақсад матни Аҳди Қадим дар Аҳди Ҷадид истифода бурда мешавад.**

* Истифодабарии матни Аҳди Қадим дар Аҳди Ҷадид ба ягонагии Навишта ва мухолифи якдигар набудани онон далолат менамояд.

**<u>Моҳият:</u>**

1. Дар Аҳди Ҷадид бештар аз 30 иқтибос аз Аҳди Қадим аст. (10 фоизи Аҳди Ҷадид ин иқтибосҳо ё истинодҳо аз Аҳди Қадим мебошанд).
2. Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид як муаллифи илоҳӣ доранд.
3. Фаҳмидани Аҳди Қадим барои фаҳмидани Аҳди Ҷадид мутлақо лозим аст.
   Луқо 24:26-27 Барои то охир фаҳмидани он ки чаро Исо омад ва Ӯ дар ҳақиқат кист, шумо бояд Аҳди Қадимро омӯзед.
   Ғалотиён 3:16-17 То он вақте ки шумо ваъдаи додаи Иброҳимро дар Аъмол 12-17 намефаҳмед, возеҳу равшан фаҳмида наметавонед, ки Павлус дар Нома ба Ғалотиён дар бораи чӣ мегӯяд.
4. Муаллифони Аҳди Ҷадид Аҳди Қадимро айнан медонистанд ва обурӯи онро ҳамчун Каломи Худованд эътироф менамуданд.
   (Ибриён 3:7, Ғалотиён 3:8-9, 2 Тимотиюс 3:15-17), инчунин ба ин гуфтаҳо худи Исо низ тааллуқ дорад (Луқо 24:44, Матто 15:7).

**Чӣ тавр дар Аҳди Ҷадид Аҳди Қадим истифода бурда мешавад:**

1. <u>Бо истифодаи калимаҳои муқаддимавӣ</u>.

«Зеро ки навишта шудааст» Матто 4:6
«То ба амал ояд» Матто 1:22
«Навиштаҳо чӣ мегӯянд» ё Румиён 4:3
«Дар Навиштаҳо чӣ гуфта шудааст»

2. <u>Дар шакли мувофиқаткунии якчанд пораҳо аз Аҳди Қадим</u>
   2 Қӯринтиён 6:16-18
   Матто 22:34-40.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

3. Бо тағйир додани ночизи матни Аҳди Қадим
Румиён 15:12

**Мақсади иқтибосоварӣ аз Аҳди Қадим ба Аҳди Ҷадид:**

1. Барои нишон додани амалӣ гаштани валигӣ ё пешгӯӣ аз Аҳди Қадим .

Дар Матто 1:22-23 пешгӯиҳо аз Ишаъё 7:14 пурра амалӣ мегарданд, вале на ҳама вақт иҷрошавӣ маънои пурра амалӣ гаштанро дорад. (Аъмол 2-амалӣ гаштани қисман на пурраи пешгӯӣ дар Юил 2).

2. Барои тасдиқ намудани шариат ё ҳақиқати Аҳди Қадимӣ
Аъмол 15:4-18 Омус 9:11-12

3. Барои бо расмҳо оро додан ё истифода бурдани шариати Аҳди Қадим ё ҳақиқат.
1 Қӯринтиён 1:19 Ишаъё 29:14

4. Барои ҷудо кардан (мухтасар ифода кардан)-и шариати Аҳди Қадим ё ҳақиқат.
Ғалотиён 5:14 Ибодат 19:18
Румиён 1:17 Ҳабаққуқ 2:4

5. Барои истифода бурдани ибораҳои аҳдиқадимӣ баҳри пурқувваткунонӣ (барои ягон фикру ақидаро қайд кардан).
Румиён 10:8 Такрори шариат 30:14

Супориш. 1 Қӯринтиён 6:16-ро хонед. Дар ин порчаи аҳдиҷадидӣ порчаи аз Ҳастӣ 2:24 чӣ гуна истифода бурда мешавад?

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
__________

Якчанд ***маслиҳатҳои*** муфид:

1. Барои пайдо кардани порчае аз Аҳди қадим инҳоро истифода баред:

- Эзоҳ ба матн.
- Тафсир (Библияи таълимӣ NIV ).
- Услуби далеловарии чандтарафа .
- “Симфония” (калимаи мифтоҳиро истифода баред).

2. Контексти  Аҳди қадимро омӯзед.

3. Контексти Аҳди ҷадидро омӯзед, вале кӯшиш накунед, ки маънии пораи Аҳди ҷадидро ба Аҳди қадим гузаронед, чунки хонандагони аввалини Аҳди қадим наметавонистанд Аҳди ҷадидро истифода баранд (ӯ барои онон таъин нагашта буд).

4. Фарқияти ифодаи аниқро дар порчаҳои аз Аҳди қадим ва Аҳди ҷадид  муайян намоед.

5. Муайян намоед, чӣ тавр ва барои чӣ порча аз Аҳди қадим истифода бурда мешавад (дар шакли иқтибоси рӯирост, мусаввара, ифодаи аниқи кӯтоҳ, амр барои иҷро ва ғайра).

Такрор

1. Муаллифони Аҳди ҷадид ба чӣ дараҷа ҳаққонӣ, умедбахш ва муфид будани Аҳди қадимро мешумурданд?

2. Чаро бе Аҳди қадим Аҳди ҷадидро пурра фаҳмидан имконпазир нест?

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Д. ғалатҳо дар вақти тафсир.

Дар мавриди тафсир аз се ғалат канораҷӯқ бояд кард.

1. Тафсири нопурра-ин чунин маънӣ дорад, ки вақти мушоҳида мо чизеро нодида мегузарем ва наметавонем тафсири пурраи матнро диҳем.

2. Тафсири муболиғаомез-мешавад, ки дар матн мо чизеро меёбем, ки ӯ он ҷо нест.

3. Тафсири ноаниқ (нодуруст)-мешавад, ки мо матнро нодуруст мефаҳмем ва хулосаи ғалат мебардорем. Ин дар натиҷаи фориғболӣ, бедиққатӣ дар вақти мушоҳида, инчунин дар вақти таълим мо ба Рӯҳулқудс такя намекунем, имкон намедиҳем, ки ӯ моро таълим диҳад, рӯй медиҳад.

- Тафсири нодуруст ба истифодабарии нодуруст оварда мерасонад.

Супориш. Чор лаҳзаи бештар муҳимро номбар кунед, ки шумо шахсан дар бораи тафсир донистед.

1.______________________________________________________________

2.______________________________________________________________

3.______________________________________________________________

4.______________________________________________________________

Марҳилаи 3. Истифодабарӣ (ҳақиқат, қоидаҳои дар матн мавҷудбуда)

Шумо вақти худро беҳуда мегузаронед, агар шумо Навиштаро мехонеду меомӯзед, вале нияти иҷро кардани онро надоред. Омӯзиши Каломи Худованд мақсади ягона набуда, балки танҳо воситаи рушди комил дар Масеҳ мебошад. Яъқуб 1:22-25,

Луқо 6:46-49 (порчаҳои мифтоҳӣ, ки муҳимияти истифодабариро қайд менамоянд, ба саҳифаҳои 23-и дастури мазкур бингаред).
Юҳанно 13:17    ҳақиқатро фаҳмидан, қабул кардан ва ба он итоат кардан лозим аст.
Ибриён 5:14    "ба малака омӯхта шудан"
Саволҳои мифтоҳӣ: Ман чӣ бояд кунам?
Ин чӣ тавр рӯй медиҳад?
Ман инро чӣ тавр дар таҷрибаам истифода бурда метавонам?

А. Оқибати ба Каломи Худованд итоат накардан

*Шумо худро гумроҳ месозед, агар танҳо донистанро кифоя медонед.
*Шумо рӯҳан рушду камол намеёбед ва камолоти рӯҳониро ноил намегардед.
*Шумо он чиро дар хотир нигоҳ намедоред, ки дар амал истифода мебаред.
*Суханон ва амали шумо фарқ мекунанд (рафтор аз гуфтор эътимодбахштар аст).
Он чизро, ки шумо худатон истифода намебаред, наметавонед самаранок таълим диҳед (тарғиб намоед).

Истифодабарӣ (итоат намудан)

на бояд:
*мушоҳида ва тафсирро пешгирӣ намояд,
бояд:
*оқибати қарор бошад, на ҷӯшу хурӯши эҳсоснок,
*дар тӯли вақти кофӣ идома ёбад,
*комил бошад, аммо на қисман,
*ба Рӯҳулқудс такя намояд,
*нақшаи амалро, ки бояд кофӣ бошад, ба роҳбарӣ гирад:
-муҳим бошад, то ин ки худро ба он бахшӣ,
-оддӣ бошад, то ин ки фаҳмо бошад,
-кӯтоҳ бошад, то ин ки онро иҷро кардан мумкин бошад,
-мушаххас бошад, то ин ки имконияти натиҷаро баҳо додан дошта бошӣ.
-рӯҳан пурмазмун бошад, то ин ки маҳсули ҷиддӣ оварӣ.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Б. Қоидаи истифодабарии бомуваффақият.

№1. Дар порча талабот ё ҳақиқатро, ки ба таъсири вақт мутеъ нестанд, ҷудо карда истода, фикри асосиро мухтасар ифода кунед, то ин ки онҳо:

-имрӯз  муносиби шумо ва ё калисои шумо бошаду ба эҳтиёҷотатон ҷавоб диҳад.
-мухолифи Навишта набошанд.
-хислатҳои умумӣ дошта бошанд, вале ба тарзи кофӣ фаҳмою мушаххас бошанд, то ин ки онҳо пайравӣ гарданд.
<u>Мисол,</u> фикри асосии Луқо 9:23 метавонад чунин баён гардад: ҳар рӯз дар кадом шароите, ки набошад ман бояд иродаамро ба иродаи Худованд тобеъ намоям.
№2. Нигаред, таълимот (талаботе)-е, ки шумо нияти истифодабарӣ доред, дар  вазъиятҳою  муносибатҳои  тарафайни гуногун чӣ тавр муфид буда метавонад.
Чӣ тавре ки вобаста ба:____________________истифодапазир  аст.




№ 3.  Дар болои саволҳои зерин андеша ронед:
Оё дар ин порча амре ҳаст барои:
*талаботе, ки онро истифода бурдан мумкин аст.
*васияте, ки онро иҷро кардан лозим аст.

*гуноҳе, ки барояш омурзиш бояд талабид ва аз он бояд рӯй гардонид.
*одате, ки онро иваз намудан ё партофтан лозим аст.
*муносибате, ки онро иваз намудан лозим аст.
*ҳақиқате, ки ба он бовар кардан лозим аст.
*ваъдае, ки онро дар ёд бояд дошт.
*намуна барои тақлид кардан.
*соҳаи ҳаёти мо, ки онро ба Худованд мутеъ кардан лозим аст.
*амали мушаххас, ки онро зоҳир кардан лозим аст.
*шарте, ки онро иҷро кардан лозим аст.
*одаме, ки онро бахшидан лозим аст.
*хатар ё ғалате, ки аз он боядканораҷӯӣ кард.
*тағйироте, ки бояд дар хислатҳо рафтор ё баёнкуниҳои ман рӯй диҳанд.

№4. Ба қудрати Рӯҳулқудс, ки дар шумост такя карда истода ҳамаи инро дар амал татбиқ намоед.

Румиён 8:12-14 — Филиппиён 4:9
ғалотиён 5:16-18, 22-25 — Филиппиён 4:13

В. Мақсади итоат кардан (истифода бурдан)-тағйир додани ҳаёт, рафтор, мафкура, ақидаи худро мутобиқи Каломи Худованд гардонидан. Мо ба Каломи Худованд итоат менамоем ва дигаронро таълим медиҳем, ки ба ӯ итоат намоянд ва бештар шабеҳи Исои Масеҳ гарданд. (2 қӯринтиён 3:18, 1 Юҳанно 3:2).

"Дар болои матн худатон кор кунед ва монед, ки матн дар болои шумо кор кунад".

Ч. А. Бенгел

Супориш. 1 Петрус 1:13-16 ва 2 қӯринтиён 7:1-ро хонед. Нависед, ки амалан чӣ тавр ин сатрҳоро дар ҳаёти шумо истифода бурдан мумкин аст. Чӣ тавре шумо шахсан ин васиятҳоро пайравӣ менамоед. Кадом қадамҳои мушаххасро бояд шумо гузоред. Забур 138:23-24.

______________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

ОБЗОРИ ҶАМЪБАСТӢ

Мушоҳида — то ин ки донӣ, дар Каломи Худованд дар бораи чӣ гап меравад.

Тафсир — то ин ки фаҳмӣ, Каломи Худованд чӣ маънӣ дорад.

Истифодабарӣ — Каломи Худовандро, то ин ки дар Исои Масеҳ камолот ёбӣ.

Б. Дигар усулҳои омӯзиши Библия

Дар вақти омӯзиши Библия баъзан на танҳо усулҳои муқаддимавӣ ё таҳлилиро истифода бурдан муфид аст. Муайян кунед, ки чиро шумо ҳамчун талаботи реалиатон ва талаботи калисоатонро ба инобат гирифта бояд омӯзед. ҳар як усули дар зер овардашуда мақсад ва таъиноти муайяне дорад. Пеш аз он ки яке аз ин усулҳоро истифода баред, аниқ муайян намоед, ки шумо чиро ноил шудан мехоҳед:

1. Тарҷумаи ҳолӣ (шахсони амалкунанда, қаҳрамонҳо).

2. Тематикӣ (калимаҳо ё мавзӯҳо).

3. Теологӣ (доктринавӣ).

4. Насиҳати рӯҳонӣ (ғанӣ гардонидани шахсият).

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

## 1. ***Усули тарҷумаиҳолӣ***

**Муайянкунӣ.** Усули тарҷумаиҳолӣ ба он сафарбар карда шудааст, ки донем, дар Библия ё яке аз китобҳои он дар бораи ҳаёт, хидматгузорӣ ва хислати ин ё он одам чӣ гуфта мешавад (Яъқуб 5:17, Ибриён 13:7, 1 Қӯринтиён 10:11, 1 Қӯринтиён 11:1).

**Мақсад: донистан,**
*оё ҳаёти ин одамро дар нақшаи рӯҳонӣ бомуваффақият ё бебарор шумурдан мумкин аст.
*кадом хислатҳои мусбат ва манфиро ин одам доро буд.
*дар ҳаёти ин одам хислати ӯ ва дигар омилҳо кадом нақшро бозиданд.
*кадом ҷиҳатҳои ҳаёт ва хислатҳои ин одамро ҳамчун намуна истифода бурдан мумкин аст ва аз кадомаш бояд канораҷӯӣ намуд.
*аз ҳаёти ин одам чӣ гуна бояд панд гирифт ва онро чӣ тавр дар ҳаёти шумо ва дар ҳаёти калисоатон бояд истифода бурд.

**Марҳилаҳои тавсияшаванда**

**Марҳилаи 1.** Барои омӯзиш шахсияти барои шумо ҷолибро интихоб намоед.
*Дар бораи баъзе одамон дар Библия хеле бисёр гуфта мешавад (мисол, дар бораи Яъқуб, Юсуф, Довуд, Павлус, Петрус).
*Дар бораи дигар одамон танҳо якчанд маротиба хотиррасон карда шудааст (мисол, дар бораи Одам, Нуҳ, Луқо, Истефанус).
*Баъзе одамон дар давоми тамоми Навишта ёдовар мегарданд, (мисол, Иброҳим) дар он мавриде, ки дар бораи дигарон маълумотро танҳо дар як китоб ва ё як қисми он ёфтан мумкин аст (мисол Илий).
*Навиштаро хонда истода, рӯйхати шахсони амалкунандаро нависед, ки дар он нақши калонеро бозидаанд ва ҳаёти онҳоро минбаъд шумо омӯхтан мехостед.

**Эзоҳ.** Пеш аз он ки дар вақти тафсир дар бораи хислати ин ё он одам ба хулосае оед, тамоми ишораҳои дар Библия доир ба ин одам омадаро хонед (мисол, 2 Петрус 2:6-7 барои аниқ донистани хислати Лӯт кӯмак мерасонад, ҳол он ки дар Ҳастӣ 19:1-36 ин чизҳо нест).

*Вобаста аз миқдори материал ва мақсад, ки шумо дар наздатон мегузоред, қарор диҳед, ки дар кадом чаҳорчӯба омӯзишатонро маҳдуд месозед.

**Китоби Библия, Аҳди Ҷадид, Аҳди Қадим, тамоми Библия**

**Марҳилаи 2.** *Библияи таълимии NIV,* «**Симфония**» ва **нишондиҳандаи фанниро** нигареду рӯйхати ҳама зикркунии қаҳрамон (персонаж)-ро нависед.

**Марҳилаи 3**. Ҳама порчаҳои ҷамъкардашударо хондаистода, диққатро **ба тафсири** *(Библияи таълимии NIV* ), **эзоҳ ба матнҳо**, инчунин ба **истинодҳои чандтарафа** нигаронед. Ҳар як порчаро дар контекст хонед ва мухтасару аниқ ифода намоед, ки дар ҳар кадоми он дар бораи қаҳрамони омӯхташудаистода чӣ гуфта мешавад.

**Марҳилаи 4.** Боз як бори дигар аз сари нав ҳама порчаҳоро хонед, таассуроти худро нависед ва кӯшиш намоед, ки худро дар ҷои ин одам гузоред (ӯ чӣ **фикр мекард, чӣ ҳис мекард, чӣ кор мекард** ва ғайра).

**Марҳилаи 5.** Материалҳои ҷамъкарда (Марҳилаи 3) ва таассурот-ҳоятонро (Марҳилаи 4) ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда, ташкил намоед:

- *ҳаёт (ном, насаб/ вазъият дар оила ва ғайра),
- *хидмат (кадом намуд, оё калон аст, ҳодисаҳои муҳим),
- *хислат (хусусиятҳои мусбӣ ва манфӣ),
- *муваффақият,
- *бебарорӣ.

**Марҳилаи 6.** <u>Истифодабарӣ.</u> Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

*Ҳаёти ин одам ба мо чиро меомӯзонад (кадом талаботҳоро ӯ нишон медиҳад)?

*Хусусиятҳои манфию мусбии ин одам ба ҳаёт ва хидматгузории ӯ чӣ гуна таъсир расонид?

*Ҳаёти ӯро омӯхтаистода кадом ҳақиқатҳои библиявӣ, шариат ва талаботҳоро донистан мумкин аст?

*Натиҷаи ин тадқиқоти тарҷумаиҳолиро ман дар ҳаёти

худам ва ҳаёти калисоям чӣ гуна истифода бурда метавонам?

(Ба тавсияҳо дар фасли «Истифодабарӣ» дар саҳифаҳои 77-79-и ин китоб нигаред).

## <u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

**Марҳилаи 7**. Натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаи хотимавиатонро дар шакли конспекти вазъ ё дарс мухтасару аниқ ифода намоед. Бо одамон сӯҳбат кардаистода ва дар муҳокимаҳо иштирок намуда истода, шумо инчунин метавонед он чизеро истифода баред, ки дар рафти омӯзиш донистаед, ин маълумотҳоро ба тарзи мисол оварда метавонед, ки чӣ тавр рафтор кардан лозим асту чӣ тавр мумкин нест.

<u>Тасвири кӯтоҳи марҳилаҳои услуби тарҷумаиҳолӣ</u>

### <u>МУШОҲИДА</u>

**Марҳилаи 1**. Қаҳрамонеро барои омӯзиш интихоб намоед.

**Марҳилаи 2.** Рӯйхати ёдоварӣ дар бораи ӯро тартиб диҳед.

**Марҳилаи 3.** Ҳама порчаҳоро хонед ва мазмуни онро аниқу мухтасар баён намоед.

### <u>ТАФСИР</u>

Марҳилаи 4. Таассуроти худро нависед.

Марҳилаи 5. Материалҳоро ба тартиб оред.

### <u>ЭЗОҲ</u>

**Марҳилаи 6.** Тарзи истифодабариро фикр намоед.

**Марҳилаи 7.** Вазъро (дарсро) омода созед.

ЭЗОҲ. Шумо метавонед, танҳо он марҳилаҳоеро гузаред, ки ба шароити мушаххас ва вазифаҳои омӯзиш мутобиқанд.

Намунаи истифодабарии услуби тарҷумаиҳолӣ

**Марҳилаи 1.** «Барнаббо» дар Аҳди Ҷадид.

**Марҳилаи 2.** «Симфония» Нишондиҳандаи фаннӣ (тафсир)

*(Библияи таълимӣ NIV )*

Марқӯс 6:3 (танҳо тафсир)

| | |
|---|---|
| Аъмол 4:36 (37) | Аъмол 4:36 (37) |
| 13:1 | 12:1 |
| 14:14 | 13:1, 5, 9 |
| 9:27 | 14:1, 4, 12, 23 |
| 11:22-29 (30) | 15:12, 39 |
| 13:14 | 1 Қӯринтиён 9:4 |
| 15 | 2 Қӯринтиён 8:18 |
| Ғалотиён 2:1-13 | Ғалотиён 2:1 |
| 1 Қӯринтиён 9:6 | Қулассиён 4:10 |
| Қӯлассиён 4:10 | Сарсухан ба «Нома ба Ибриён» (*Библияи таълимӣ NIV* ) |
| | 2 Тимотиюс 4:11 |

**Марҳилаи 3.** Марқӯс 6:30 Барнаббо-ҳаворӣ (нигаред, тафсир ба *Библияи таълимӣ NIV* ).

Аъмол 4:36 (37) Барнаббо («ибни тасаллӣ»). Левӣ аз аҳли Қаприс, заминашро фурӯхт ва пулашро ба ҳаввориён дод.

9:27 Дар назди ҳаввориён аз номи Павлус гап зад.

11:22-30 Калисои Ерусалим Барнабборо ба Антиёхия фиристод, то хидматгузориро баҳо диҳад. Барнаббо онҳоро насиҳат кард. Ӯ марди накӯкор ва пур аз Рӯҳулқудс ва имон буд. Ба Тарсус ба ҷустуҷӯи Шоул рафт ва

ӯро ба Антиёҳия овард. Тамоми сол онҳо он ҷо ҷамъ шуданд ва мардуми бисёреро таълим доданд. Ионат ҷамъ карданд, то ин ки ба бародарони Яҳудо ёрӣ диҳанд.

12:1 Истифодабарии тафсир имконнопазир аст.

13:1-5 Барнаббо ҳамроҳи Павлус аз ҷониби калисои Антиёхия ба сафари миссионерӣ фиристода шудаанд.

13:42-46 Ба ононе, ки ба суханони ӯ мухолифат менамуданд, далерона гап мезад.

14:1 Дар Иқуния дар куништ вазъ гуфт.

14:3 «Муддати дарозе» дар он ҷо монд.

14:12 Ӯро «Худо» номиданд.

14:14 Ҳавворӣ-Барнаббо итоаткорона ҳамаро хидмати Худованд донист.

14:23 Ба ҳар калисо пиронро таъин кард.

15:1-39 Барнаббо бо яҳудиён дар бораи он баҳс кард, ки оё барои наҷот хатна лозим аст, ҳамроҳи Павлус ба Ерусалим равон шуд ва он ҷо зидди хатна баромад кард, дар Антиёхия башорат доданро идома дод, бо Павлус баҳс кард, ки оё Юҳанно (Марқӯс)-ро барои сафари миссионерӣ ҳамроҳи худ гиранд ё не. Барнаббо Марқӯсро ҳамроҳи худ гирифта ба Қаприс рафт.

1 Қӯринтиён 9:6 Ҳамроҳи Павлус хидматгузории беғаразона намуд.

Ғалотиён 2:1, 9 Ҳамроҳи Павлус ба Ерусалим рафт.

2:13 Барнаббо аз «риёкории» Петрус норизо буд.

Қӯлассиён 4:10 Марқӯс ҷияни Барнаббо буд.

2 Тимотиюс 4:11 Тафсир ба Марқӯс (NIV) тааллуқ дорад.

Сарсухан ба Ибриён. Тахмин меравад, ки Барнаббо муаллифи эҳтимолии Нома ба Румиён мебошад.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Марҳилаи 4**. Гарчанде, ки Барнаббо монанди Павлус ё Петрус ин қадар хуб машҳур набуданд, ӯ таскиндиҳанда ва воизи содиқу фаъоли Инҷил буд.

**Марҳилаи 5**. **Ҳаёт**

- Левӣ аз Қаприс
- Ҳаввор̄ӣ
- Маънии ном «ибни таскин»

## Хидматгузорӣ

- барои паҳн намудани Инҷил пул дод,
- ба ҳимояи Павлус гап зад,
- дар фаъолияти калисои Антиёхия фаъолона ширкат варзид,
- аз ҷониби Рӯҳулқудс ба сифати миссионер «ҷудо карда шуд»,
- ҳамроҳи Павлус сафарҳои миссионерӣ намуданд,
- дар ҷамъомад, дар Ерусалим ғояи «наҷот бо имони ягона» бе хатнаро ҳимоя намуд,
- воизӣ намуд, хидмат кард / ба одамон ёрӣ дод, пиронро таъин намуд,
- пас аз баҳс бо Павлус ҳамроҳи Марқӯс ба Қаприс рафт,
- муаллифи эҳтимолии Нома ба Ибриён.

## Хислат

| Хуб (хусусиятҳои мусбӣ) | Бад (хусусиятҳои манфӣ) |
| --- | --- |
| *таскиндиҳанда | *метавонист гумроҳ гардад. |
| *саховатманд | *баъзан якрав (мисол дар баҳс бо Павлус. |
| *бо Рӯҳулқудс пур гашта | |

*марди боимон
*одами хуб (муфид, самаранок
коркунанда, «шавҳари меҳрубон»)
*ба Худо итоаткор
*хоксор
*роҳбари хуб
*башорат медод
*дӯстонро ҳимоя мекард
*ононеро, ки ҳадафи ҳуҷум мегаштанд,
ҳимоя менамуд.
*одами зирак
*барои ҳақиқат баромад мекард.

Муваффақият- ҳаёт ва хидмати Барнаббо, аз нуқтаи назари Худо бешакку шубҳа муваффақиятнок буд. Худо сифатҳои рӯҳонии ӯро, садоқату матонати ӯро дар ҳимояи ҳақиқат эҳтиром намуда ӯро барои рӯҳбаланд намудани дигарон истифода бурд.
Аъмол 11:19-30

**Марҳилаи 6. Истифодабарӣ**

*Дарси асосӣ-Худо паҳн намудани Инҷилро ба воситаи одамоне, ки дорои рӯҳонияти комиланд, амалӣ месозад ва онҳо ба воситаи фаъолияташон дигаронро рӯҳбаланд месозанд.

*Хусусиятҳои хислати Барнаббо ба фаъолияти бомуваффақияти ӯ мусоидат менамуданд.

*Мо бояд барои ҳақиқати дар Худованд буда қавӣ истодагарӣ намоем, ҳатто агар дигар имондорон ба мо мухолифат намоянд ҳам.

*Ман бояд беҳтар таскин додани одамонро ёд гирам.

**Марҳилаи 7. Вазъ (дарс)** –дар бораи ҳаёти Барнаббо вазъ гуфтан ё омӯзондан ба тарзҳои гуногун мумкин аст. Дар конспекти овардашуда диққати асосӣ ба хидмати ӯ дар нақши таскиндиҳанда равона карда шудааст.



**Конспекти дарс / вазъ**

Барнаббо- «ибни таскин»

Заминаи пешакӣ: «Таскин додан» маънии «дар паҳлӯи» касе барои

*таскин додан *дастгирӣ намудан
*маслиҳат додан *насиҳат кардан
*ёрӣ додан *рӯҳбаланд кардан-ро дорад

Барнаббо дигаронро таскин медод:

1. **Моли доштаашро бо ҳам медид-** Аъмол 4:36-37
   Барнаббо заминашро фурӯхт ва пулашро ба ҳавворйён баҳри хидмат намудан дод. Ба Ҳанониё ва Сафира муқоиса намоед. Аъмол 5:1-11.
2. **Павлусро дар назди ҳавворйён дастгирӣ намуд**-Аъмол 9:20-31.
   Вақте ба Павлус лозим омад, ки касе дар назди ҳавворйён ба ҳимояи ӯ баромад кунад, ин корро Барнаббо кард.
3. **Бо фаъолияти худ ба мақсадҳои Худованд хизмат намудан**
   Аъмол 11:19-24.

*Барнаббо марде буд, меҳрубон, пур аз имон ва Рӯҳулқудс-Аъмол 11:24.
*Барнаббо фаъолияти Худовандро дар Антиёхия шаҳодат медиҳад ва сокинони онро ҳидоят менамуд, ки ба Худованд содиқ бошанд-Аъмол 11:22-23.
*Ионатро (садақа) ба сокинони гуруснаи Яҳудо расонид - Аъмол 11:26-30.
*Ба даъвати Худованд ҳозир шуда ӯ фурӯтанона ба хизмати миссионерӣ машғул шуд. Аъмол 13:1-5.
*Ӯ ҳақиқатро назди мухолифин сахт ҳифз менамуд –Аъмол 13:42-46, 14:1-19.

4. **Бо матонат ҳақиқати Худовандро ҳифз менамуд-** Аъмол 15:1-5,

12, 22, 30, 35. Гарчанде, ки бештарини яҳудиён мехостанд, ки хатна яке аз шартҳои масеҳӣ кунонидани бутпарастон бошад, Барнаббо дар машварати дар Ерусалимшуда (соли 49 мелодӣ) барои он ҳақиқат талош кард, ки наҷот танҳо бо имон дода мешавад.

**ХУЛОСА**. Худованд одамонеро, ки Рӯҳулқудс сарвариашон менамояд барои таскин додани дигарон ва паҳн кардани Инҷил истифода мебарад. Вале шумо метавонед, таскин диҳед, рӯҳбаланд намоед? Мушаххас, чӣ тавр шумо метавонед, дигар одамонро таскин диҳед.

Намунаи нақша (шаблон)

# Омӯзиши тарҷумаиҳолӣ

**Марҳилаи 1-** Қаҳрамон (персонаж)

**Марҳилаи 2-** Зикркунӣ:

«<u>Симфония</u>» <u>Нишондиҳандаи фаннӣ</u> <u>Истиноди чандтарафа</u>

**Марҳилаи 3**- Мухтасару аниқ ифода кардани ҳар як порча

**Марҳилаи 4-** Таассурот

**Марҳилаи 5-**Натиҷаи тадқиқоту таассуротҳоро гирд оваред.

Ҳаёт
Хидмат
Хислат

<u>Хуб</u> <u>Бад</u> <u>Муваффақият</u> <u>Бебарорӣ</u>

**Марҳилаи 6-** Истифодабарӣ

*Дарси асосӣ
*Таъсири хусусиятҳои хислат
*Ҳақиқати библиявӣ, талаботҳо (шариат) ё фаҳмиш
* Истифодабарии шахсӣ

**Марҳилаи 7**- Конспекти вазъ / дарс.

Услуби омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он
Руйхати қаҳрамонҳо барои омӯзиши тарӣумаи ҳолқ
Аҳди Қадим
Мардҳо
Иброҳим

**2. <u>Услуби тематикӣ</u>**

**Муайянкунӣ**. Услуби тематикӣ барои он таъин гаштааст, ки дар ин ё он калима ё мавзӯъи дар Библия мавҷудбуда, инчунин ғоя (фаҳмиш), гап дар бораи чӣ меравад, муайян карда шавад.
**Эзоҳ.** Аслан услуби омӯзиши теологӣ инчунин тематикӣ мебошад.
**Мақсад:** донистан
*калима (мавзӯъ) чиро мефаҳмонад,
*ин калима (мавзӯъ) дар қисмҳои гуногуни Библия чӣ тавр истифода бурда мешавад,
*оё ин калима (мавзӯъ) дар Библия махсусан муҳим аст,
*дар рафти омӯзиш кадом талаботҳои рӯҳонӣ ба миён меоянд.
*натиҷаҳои омӯзиши тематикиро чӣ тавр бояд истифода бурд.
**Марҳилаҳои омӯзиш** (номбаркунии мухтасри марҳилаҳои омӯзиш, ба саҳ. 96 нигаред).
**Марҳилаи 1**. Талаботи воқеиро ба назар гирифта, калима ё мавзӯеро интихоб намоед, ки шумо омӯхтан мехоҳед.
**Марҳилаи 2.** Муайян намоед, ки оё омӯзишро бо боби алоҳида ё китоби алоҳида, Аҳди Қадим ё Аҳди Ҷадид маҳдуд кардан лозим аст, ё ба шумо лозим аст, ки тамоми Библияро истифода баред (мисол, «қурбонӣ» дар Аҳди Қадим, «муҳаббат» дар 1Қӯринтиён 13, «имон» дар китоби Яъқуб).
**Марҳилаи 3**. Рӯйхати калимаҳои маъноашон алоқамандро тартиб диҳед.
**Синонимҳо** (калимаҳои ҳаммаъно)
**Антонимҳо** (калимаҳои маъноҳояшон мухолиф), мисол

| | **Синонимҳо** | **Антонимҳо** |
|---|---|---|
| *имон | ---------- боварӣ ---------- | шубҳа, нобоварӣ |
| *пул | ---------- боигарӣ -------- | қашшоқӣ |
| | дорой | камбағал, нодор |
| | сарват | |

**Марҳилаи 4.** «**Симфония**» ё **Нишондиҳандаи фанниро** (Библияи таълимӣ NIV -ро нигаред) омӯзед ва рӯйхати ҳама зикркунии калимаҳо, мавзӯъҳо ва калимаҳои аз рӯи маъноашон алоқаманди интихобкардаатонро тартиб

диҳед. Агар далелҳо аз ҳад зиёданд, шояд ҳаҷми тадқиқотро кам  кардан лозим аст.

**Марҳилаи 5.** Ҳамаи порчаҳо аз Навиштаро, ки он ҷо калима ё мавзӯи интихобкардаи шумо зикр ёфтааст, ёфта ба тафсир (Библияи таълимӣ NIV ) ва ҳама далелҳои чандтарафа диққат дода истода онро хонед. Тасвир намоед, ки ин калима (мавзӯъ) дар матн чӣ гуна истифода мешавад ва он ба назари шумо дар контексти мазкур чӣ маънӣ дорад (мисол, муайян кардани калимаи «дарк кардан»-ро дар тафсир ба Хуша 2:20 дар Библияи таълимӣ NIV нигаред).

**Марҳилаи 6.** Натиҷаҳои тадқиқоти худро ба тарзи зерин ҷамъбаст намоед:

*Муайянкунӣ ё тасвири калима (мавзӯъ)-ро навишта гиред.

*Ҳама мавридҳоеро номбар кунед, ки калима маънои дигар ё маънои монандро дорад.

*Хулоса бароред.

-дар бораи муҳимияти ин калима ё мавзӯъ.

-дар бораи табиат / хислати ин калима ё мавзӯъ (фан)

**Марҳилаи 7**. Муайян кунед, ки шумо ё калисои шумо натиҷаҳои тадқиқотии шуморо истифода бурда метавонистанд. Инчунин бинед, ки онҳоро чӣ тавр дар вақти вазъ ё тайёрӣ ба дарс истифода бурдан мумкин аст.

**Марҳилаи 8.** Конспекти вазъ ё дарсро тартиб диҳед.

**<u>Диққат:</u>** Хуб тайёр кардани вазъи тематикӣ ё дарс хеле мушкил аст ва баъзан онҳоро баёноти ҳақиқии Навишта (муқаддимавӣ) иваз менамояд. Дар вақти тайёр намудани вазъ / дарси тематикӣ:

*дақиқ бошед.

*ахбороти комил диҳед.

*равшан ифода намоед.

* кӯшиш намоед, ки натиҷаи тадқиқоти худро барои тайёрӣ ба вазъи муқаддимавӣ истифода намоед.

Ба ин масъала материали хеле васеъ дар курсҳои «Чӣ тавр ҳақиқати библиявиро бояд тарғиб намуд» ва «Қоидаҳои услубҳои дарсдиҳӣ» бахшида шудаанд, ҳоло бошад чизҳои зеринро дар ёд нигоҳ доред.

1. Ба сифати асоси вазъи тематикии худ як <u>порчаи асосиро</u> интихоб намоед ва онро ба шунавандагони аудитория фаҳмонед.
2. Аз дигар порчаҳо, ки беҳтар фаҳмидани фикри шуморо тасдиқ менамоянд, ё ёрӣ медиҳанд, истинодҳо оред, вале миқдори онҳоро ба минимум расонед.

**<u>Мисол,</u>** шумо метавонед, «шогирдӣ» дар Луқо 14:25-34-ро аз истинодҳои Луқо 9:23-25 истифода бурда истода, дида бароед.

«Садақа кардан / ионат додан дар 2 Қӯринтиён 9 инчунин
2 Қӯринтиён 8:1-5 ва 1 Қӯринтиён 16:1-2

## <u>Мисоли истифодабарии услуби тематикӣ</u>

1. «Дӯстон»

2. Бо китоби Масалҳои Сулаймон маҳдуд мешавем.

3. Калимаҳои бо маъноашон алоқаманд:
   **Синонимҳо:** ҷӯра, дӯстӣ, ёр, бародар
   **Антонимҳо:** душманон, каси бегона.

4. «<u>Симфония</u>» — <u>Нишондиҳандаи фаннӣ</u>

| ҷӯра, дӯстон, дӯстӣ | не |
|---|---|
| Масалҳо 17:17 | |
| 18:24 | |
| 27:6[1] | |
| 16:28 | |
| 17:9 | |

| бародар | ёр, ҳамсоя | душман |
|---|---|---|
| Масалҳо 17:17 | Масалҳо 3:29 | Масалҳо 16:7 |
| 18:24 | 11:12 | 24:17 |
| 27:10 | 4:21 | 25:21 |
| 6:19 | 24:28 | 27:6 [3] |
| | 25:17[2] | 29:24[4] |

25:18
27:10
27:14[2]
29:5[2]

**<u>Хабардоркунӣ. (Пешакӣ огоҳкунӣ)</u>** «Симфония» тамоми мазмунро пурра намегардонад, мисол, дар мавриди мазкур истинод аз Масалҳо 19:6 дар он мавҷуд нест.

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

## 5. Натиҷаҳои тадқиқот

Дар рафти омӯзиш истинодҳои чандтарафаро нигаред. Дар вақти хондани ояти 24:28 ба назар гиред, ки ояти 24:29 низ ба матни омӯхтаистода муносибат дорад, гарчанде, ки ин оят дар истинодҳои чандтарафа ёдовар намегардад, ҳамин чизро дар бораи ояти 25:22, ки пас аз ояти 25:21 меояд, ояти 27:9, ки пеш аз ояти 27:10 омадааст ва ояти 11:23, ки пас аз ояти 11:12 омадааст гуфтан мумкин аст.

3:29 дар ҳаққи ёри худ андешаи бад макун (инчунин 3:28-ро бингаред).

6:19 дар байни бародарон ситезаҳо маангез.

11:12 аз ёри худ нафрат макун.

11:13 шахси вафодор сирро ошкор намекунад.

14:21 аз ёри худ нафрат намудан гуноҳ аст.

16:7 агар роҳи одам ба Худо маъқул бошад, бо душманонаш низ
оштӣ аст.

16:28 бадгӯӣ дӯстонро аз ҳам ҷудо мекунад.

17:9 бо иродаи худ авф намо, гуноҳҳоро хотиррасон накун.

17:17 дӯст ҳама вақт дӯст медорад, дар рӯзи сахт ёрӣ медиҳад.

18:24 дӯстони бисёр доштан хуб нест, дӯсте ҳаст, ки аз бародар беҳтар аст.

19:6 кӯшиши «харидани дӯстон»-ро накун.

24:17 аз шикасти душман хурсандӣ накун.

24:28 ба ёрат шоҳиди қалбакӣ нашав.

24:29 қасос нагир.

25:17 худро дар гардани дӯстон бор накун.

25:18 шоҳидии дурӯғ ба дӯстат зарар меорад.

25:21 ба душманонат накӯкорӣ кун.

27:6 баъзан ба дӯст таъна задан лозим аст (ҳақиқатро рӯ ба рӯ гуфтан).

27:10 ёри худро тарк накун.

27:14 аз ҳад зиёд дӯстатро таъриф накун.

29:5 дар тамаллуқ заковатмандӣ нест.

29:24 истифоданашаванда.

**Эзоҳ.** Дар китоби Масалҳо бисёр оятҳое дар мавзӯи дӯстон ва душманон ҳастанд, ки дар онҳо калимаҳои навиштаи мо истифода намешаванд. Барои эътимод ҳосил кардани он ки шумо ҳама оятҳои вобаста ба матнро ёфтаед, истинодҳоро аз ҳар ояти ба мавзӯъ мувофиқ бударо навиштаистода, тамоми китобро хонед.

## Хулоса

6. Китоби масалҳо ба мо таълим медиҳад, ки бо дӯстону душманон чӣ гуна бояд муносибат карду чӣ гуна бояд накард.

7. Истифодабарии зоҳиран.

- **То ин ки дӯсти хуб дошта бошӣ, ту худат бояд дӯсти хуб бошӣ.**

8. Дар мисоли додашуда беҳтар мебуд, ки конспекти вазъ ё дарсро тартиб додаистода натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст мегашт.

<u>Намунаи конспекти вазъ / дарс</u>

**«Душманон ва дӯстон дар китоби Масалҳо»**

1. **<u>Душманон –</u> бо онҳо тарзе муносибат намоед, ки Худо амр намудааст.**

   А. Чиро набояд кард:
   1. Нафрату танаффур зоҳир намудан (11:12).
   2. Вақти шикасти душманат хушҳолӣ намудан (24:17, 3:29).

   Б. Чӣ бояд кард:
   1. Накӯкор будан ва амали нек кардан (25:21).
   2. Бо Худованд дар сулҳу салоҳ будан ва муносибати тарафайнро ба Ӯ бовар намудан: бигузор Ӯ туро бо душманонат оштӣ диҳад.

   *Душманро дӯст соз.

**П<u>. Дӯстон</u> – бодиққат интихоб намо, вале бисёр нагир (18:24).**

А. Сифатҳои дӯсти хуб:
- Ҳама вақт дӯст медорад (17:17).
- Дар бадбахтӣ ёрӣ медиҳад (17:17).
- Вафодор аст (18:24).
- Содиқ аст, тарк наменамояд (27:10).
- Ҳақиқатро мегӯяд, ҳатто агар талх аст (27:6).
- Саховатманд аст (3:28).
- Маслиҳатчии бовафо (11:13).
- Бо осонӣ мебахшад (17:9).

Б. Сабабҳои вайрон шудани муносибатҳои дӯстӣ.

- ҷангу ҷидол (16:19).
- Таҳкурсии нодурусти дӯстӣ 19:6.
- Ғайбат (16:28).
- Шаҳодати дурӯғ (24:28, 25:18).
- Қасос (24:29)
- Часпидан, безор кардан, ба мақсадҳои худ истифода бурдан (25:17).
- Аз ҳад зиёд таъриф кардан (27:14).
- Тамаллуқ (29:5).

**<u>Хулоса.</u> Душманонро ҳатмӣ нест, ки ҳама вақт душман бошанд, вале дӯстон ҳам метавонанд, дӯстиро қатъ созанд.**

## <u>Усули омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

**Марҳилаи 1.** Калима ё мавзӯро интихоб намоед.

**Марҳилаи 2.** Чорчӯбаи тадқиқотро муайян намоед.

**Марҳилаи 3.** Калимаҳои аз рӯи маъно алоқамандро нависед.

**Марҳилаи 4.** Истинодҳоро нависед.

**Марҳилаи 5.** Оятҳоро хонед ва натиҷаи тадқиқотҳоро нависед.

**Марҳилаи 6.** Ҷамъбаст намоед (Натиҷаҳоро ҷамъбаст намоед).

**Марҳилаи 7**. Дар бораи истифодабарқ андеша ронед.

**Марҳилаи 8.** Конспекти вазъ ё дарсро омода созед.

**<u>Эзоҳ.</u> Шумо метавонед, танҳо он марҳилаҳоеро истифода баред, ки ба шароиту масъалаҳои тадқиқоти шумо мутобиқанд.**

Намунаи нақша (шаблон)

**<u>Омӯзиши тематикӣ</u>**

1. Калима ё мавзӯъ____________________________________________

2. Ҳаҷми тадқиқот

боб_________________________
китоб________________________
Аҳди Ҷадид__________________
Аҳди Қадим__________________

3.Калимаҳои аз рӯи маънӣ алоқаманд:

*синонимҳо *антонимҳо

4.Истинодҳо

«<u>Симфония»</u> <u>Нишондиҳандаи фаннӣ</u>

5.Натиҷаи омӯзиши оятҳо (порчаҳо).

6. Хулосаҳо (ҷамъбаст)

- муайянкунӣ / тасвир
- хулоса

7. Истифодабарӣ

8. Конспекти вазъ / дарс.

Усули омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

## Калимаҳо ё мавзӯъҳо барои омӯзиши тематикӣ

| | |
|---|---|
| Писархондӣ | Камол |
| Имон | Тайёр кардан |
| Таъмид намудан | Оштӣ додан |
| Калисо | Истироҳат |
| Авф талабидан /кафорат хостан | Тақводор |
| Пушаймон гаштан | Наҷот |
| Шогирд | Васваса |
| Ҷисм | Азоб |
| Бадӣ | Заковат |
| Тарси Худованд | Дунё /замин / сайёра |
| Муносибат | Калом |
| Баракат | Саҷда |
| Некӣ | Шоҳид |
| Инҷил / башорат | Нафс / шаҳват |
| Муқаддас | Итоат кардан |
| Шариат | Сулҳ / осоиш / оромӣ |
| Никоҳ / талоқ | Ибодат |
| Меҳрубонӣ | Тарғиб кардан / вазъ гуфтан |
| Шуур / ақл / қалб | Пул |
| Садақа / ионат | |

Супориш . Яке аз калимаҳои, мавзӯъҳои дар зер овардашударо интихоб намоед ва онро мутобиқи марҳилаҳои омӯзиши тематикӣ таҳлил намоед.

«гуноҳ»
«муҳаббат» дар 1 Қӯринтиён 13
«имон» дар Яъқуб
«ҷаҳаннам» дар Аҳди Ҷадид
«тарси Худованд» дар китоби Масалҳо.

3.Услуби теологӣ (доктринавӣ)

**Муайянкунӣ.** Усулби теологӣ ё доктринавӣ ин шакли омӯзиши тематикӣ мебошад, ки мақсади он ёфтани ҳақиқати теологӣ /доктринавӣ, иборат аз асос барои фаҳмидани Худо ва одам, инчунин асос ба эътиқод, ки мо дар Масеҳ дорем, мебошад.

**Эзоҳ.** Дар чорчӯбаи ин услуб омӯхтан мумкин аст:

*боби алоҳида ё китоб
*муаллифи муайянро (мисол Павлусро)
*Аҳди Ҷадид ё Аҳди Қадим
*тамоми Библияро

**Мақсад**: донистан:

*тамоми Библия ё китоби алоҳидаи он дар бораи Худо, одам ва офариниши дунё чиро меомӯзад,
*ҳақиқат, доктринаи асосгузорандаи имони масеҳӣ,
*чӣ тавр эътиқод (доктринаи) сидқиро дар ҳаёти рӯзмарра татбиқ бояд кард.

**Эзоҳ.** Содда нагузаронидани омӯзиши теологии калима, алалхусус агар дар ихтиёри шумо дигар ғайри Библияи таълимии NIV набошад. Маводҳои китоби дарсиро дар якҷоягӣ бо Рамзи Имон (эътиқоди доктринавӣ) дар Иловаҳо ва курси 5 истифода баред.

## Марҳилаҳои омӯзиш

**Марҳилаи 1.** Мавзӯро интихоб намоед. Он ҳақиқати теологӣ, калима ё доктринаро интихоб намоед ва рӯнавис қунед, ки шумо ҳозир ё минбаъд омӯхтан мехоҳед. (ҳамин хел доктрина ва фаҳмишро дар рафти омӯзиш рӯйнавис намоед). Ҳамин калима ё мавзӯъро дар Нишондиҳандаи фаннӣ ёбед: он ҷо шояд муайянкунии он фаҳмиши библиявие, ки шумо меомӯзед, оварда шудааст. Барои фаҳмидани маънии асосии он, аз рӯи имконият ин калимаро дар луғати энсиклопедқ, фиқҳ (динӣ) ё тафсирқ нигаред.

**Марҳилаи 2.** <u>Чорчӯбаи тадқиқот</u>: фикр кунед, оё тадқиқоти худро танҳо бо қисми Навишта маҳдуд кардан лозим аст.

(мисол, омӯхтани он ки ҳавворӣ Павлус дар бораи гуноҳи одам ва ҳалокат дар Рум 1-3 ё дар китоби Айюб дар бораи ҳукмронии олии Худо чӣ мегӯяд). Шумо метавонед, ҳудуди тадқиқоти худро васеъ намоед, монанди мисоли китоби Дониёл. Дар вақти маҳдуд кардани ҳаҷми омӯзиш на танҳо хатари ноаниқӣ таҳдид мекунад, балки кушода нашудани мавзӯъ ҳам аз эҳтимол дур нест.

**Марҳилаи 3.** <u>Ҳодисаҳои истифодабарии калимаҳо</u> ё мавзӯи интихобшударо нависед: агар шумо тадқиқотро танҳо бо қисми Навишта маҳдуд карда бошед, ин қисмро хонед ва ҳар оятро, ки он ҷо ҳадафи омӯзиши шумост, нависед. Мисол агар шумо донистани ҳастед, ки дар Нома ба Эфсусиён дар бори Исои Масеҳ чӣ гуфта шудааст, ин номаро хонед ва ҳар як ёдоварии номи онро қайд намоед.

**Марҳилаи 4.** <u>Калимаҳои аз рӯи маънк алоқамандро ёбед:</u> фаҳмиш (ё ҳақиқат)-и асосӣ ва ҳамаи калимаҳои бо он алоқаманд ё фаслҳои фиқҳ (динӣ)-ро, ки дар онҳо онро ёфтан мумкин аст, нависед. (Мисол, агар шумо «дар ҳама ҷо мавҷуд будан»-и Худоро омӯхтан хоҳед, шумо метавонед, ҳама истинодҳоро бо калимаи «мавҷуд» ва «Худо» дар «Симфония» ва хислатҳои Худованд дар Нишондиҳандаи фаннӣ бинед). Инчунин сарсухани китоберо (ё қисми китоберо), ки шумо барои омӯхтани мавзӯи фиқҳ (динӣ) фаҳмиш интихоб намудаед, хонед.

**Марҳилаи 5.** <u>Рӯйхати истинодҳоро тартиб диҳед:</u> ҳамаи порчаҳои ба мавзӯи интихобкардаи шумо дахлдошта, инчунин аз рӯи маънӣ дар «Симфония» ва Нишондиҳандаи фаннӣ алоқамандбударо ёбед ва рӯйхати онҳоро тартиб диҳед.

**Марҳилаи 6.** <u>Мазмуни мухтасари оятҳо (порчаҳо):</u> ҳамаи порча-
ҳоро дар якҷоягӣ бо тафсирҳо (Библияи таълимӣ NIV ва истинодҳои чандтарафа хонед ва мухтасару аниқ баён намоед, ки ҳар кадоми онҳо чиро меомӯзонанд.

**Марҳилаи 7.** <u>Ба тартиб даровардани натиҷаҳо:</u> Қайдҳои карда-атонро ба гурӯҳҳо ва дараҷаҳо тақсим намоед, хулосаҳои худро нависед ва нақшаи мухтасар, конспект нависед.

**Марҳилаи 8**. <u>Истифодабарӣ</u>: муайян кунед, шумо чӣ тавр натиҷа-
ҳои ба даст овардаатонро дар ҳаётатон ва ҳаёти ка-лисоатон истифода бурда метавонед: ҳақиқати теологӣ / доктринавӣ бояд дар ҳаёти рӯзмарра истифода бурда шавад.

Ба худ саволҳои зеринро диҳед:

<u>Барои имондорон:</u>

Ин ҳақиқати фиқҳ (диниро) чӣ тавр бояд истифода бурд?
Чӣ гуна аксуламал ё ҳиссиётро ӯ бояд бедор намояд.

<u>Барои беимонон:</u>

Ин ҳақиқати фиқҳ (динӣ)-ро чӣ тавр бояд истифода бурд?
Ба фикри шумо чӣ гуна ҳиссиёту акси садоро вай бояд бедор созад.

**<u>Эзоҳ.</u>** Мисоли минбаъда истисност-чунки дар ибтидо порча интихоб карда шуд, вале ғоя дар бораи ҳокимияти олӣ аз сарсухан ба <u>китоби Дониёли Набӣ</u> (ки дар Нишондиҳандаи фаннӣ қайд карда шудааст) гирифта шудааст.

## <u>Мисоли истифодабарии услуби теологӣ</u>

Дар Дониёл 2:20-22 дар бораи хислатҳо (сифатҳои)Худованд чӣ гуфта мешавад?

**Марҳилаи 1.** Мавзӯъ: Хусусиятҳои Худованд.

**Марҳилаи 2**. Порча: Дониёл 2:20-22 (мувофиқи хоҳиш ҳудудро васеъ намоед).

**Марҳилаи 3**. Ҳамаи оятҳоеро, ки он ҷо дар бораи Худованду хусусиятҳои он гап меравад ва инчунин калимаҳои аз рӯи маънӣ алоқаманд истифода мешаванд, қайд намоед.

**Марҳилаи 4.** «Симфония» Нишондиҳандаи фаннӣ

| «Симфония» | Нишондиҳандаи фаннӣ |
|---|---|
| Истинод нест | «Худованд, хислат»<br>Сарсухан ба китоби Дониёли Набӣ, мақолаи “ҳокимияти олӣ” |

***Эзоҳ.*** Шумо метавонед дар “Симфония”-Дониёл 4:29, 7:27 мақолаи “Ҳукмронӣ  кардан” (ҳокимият, шоҳигарӣ)-ро нигаред.

**Марҳилаи 5.** Ҳамаи истинодҳо ва тафсирҳои чандтарафаро (Библияи таълимӣ  NIV) ва инчунин ҳамаи он чизеро, ки ба порчаҳои омӯхташудаистода алоқаманд бударо (Дониёл 2:20-22) хонед.

**Марҳилаи 6.** Мазмуни мухтсари порчаҳо.

2:20 Заковат ва қудрат ба Худованд тааллуқ  доранд.

**Эзоҳ.** Акнун шумо метавонед мақолаҳои “қудрат” ё “заковат”-ро нигаред.

2:21 Худованд фаслҳои солро иваз мекунад.

Худованд шоҳонро мегузорад ва онҳоро сарнагун месозад.

Худованд заковат ва дониш медиҳад.

2:22 Худованд ҳатто он чиро медонад, ки дар торикӣ ниҳон аст.

4:14 Худованд дар шоҳигариҳои заминӣ ҳукмравоӣ менамояд.

4:22 Шоҳони заминӣ дар дасти Худованданд.

5:11 Ба Дониёл мансуб аст, на ба Худованд.

5:21 Худованд шоҳ Набӯкаднесарро фурӯтан намуд.

7:27 Шоҳигарии Худованд абадист ва муқаддасон ҳамроҳи Ӯ

роҳбарӣ менамоянд.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

**Марҳилаи 7.** Натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаҳо

**Ғояи асосӣ:** Худованд-ҳукмфармои олии сайёра.
Дониёл 4:14

**Исбот:**
1. Худованд фаслҳо ва солҳоро иваз менамояд- Дониёл 2:21.
2. Худованд шоҳонро мегузорад ва барҳам медиҳад – Дониёл 2:21.
3. Танҳо Худо заковат ва қудратро медиҳад- Дониёл 2:20, 22.
4. Худо шоҳони заминро сарварӣ менамояд ва онҳоро танбеҳ медиҳад.
5. Дар охири охирон (умуман) Шоҳигарии абадии Худованд барои ҳама аст –Дониёл 4:31-32.

**Муайянкунӣ**: ҳукмрони олам будан маънӣ дорад, ки:
- ба ҳеҷ кас итоат накардан,
- аз ҷиҳати ҳокимият, таъсир ва муҳимият аз ҳама бартарӣ доштан,
- ҳуқуқ ва ҳокимияти роҳбарӣ ва подшоҳӣ карданро доштан,
- ба сифати мақоми олӣ сарварӣ кардан.

Ҳокимияти олии мутлақро танҳо Худо доро мебошад.
**Эзоҳ.** Ин муайянкунӣ аз матн гирифта шудааст.

**Марҳилаи 8.** Истифодабарӣ

**Барои худ:** Ҳамаи он чизе, ки дар ҳаёти ман рух медиҳад, бо ризогӣ ва иродаи Худованд ба амал меояд ва ин нақшаи Ӯст.
**Барои имондорон:** Беташвиш бошед, Худованд ҳама чизро сарварӣ менамояд, ҳеҷ чиз дар шоҳигарии замин ё ҳаёти шумо бе ризогӣ ва иродаи Ӯ ба вуқӯъ намеояд.
**Барои беимонон:** Худо Шоҳи ҳамагон аст. Чаро ҳозир ба Ӯ сари таъзим фуруд намеоред. Охир медонем, ки то охири шумо ин корро мекунед.
**Эзоҳ.** Барои он ки натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаҳо ба конспект табдил ёбанд, шумо бояд танҳо мисолҳоро аз китоби Дониёли Набӣ (мисол, чӣ тавр Худо шоҳ Набӯкаднесарро фурӯтан намуд (боби 4) ва Балшасарро бекор намуд (боби 5) илова намоед.

## Тасвири мухтасари давраҳои услуби теологӣ

**Давраи 1.** Мавзӯро интихоб намоед.

**Давраи 2.** Ҳаҷми маводи омӯхташудаистодаро маҳдуд намоед (ё мувофиқи хоҳиш васеъ намоед).

**Давраи 3.** Оятҳо / порчаҳоеро, ки он ҷо суханони омӯхташудаистода дучор меоянд, нависед.

**Давраи 4.** Калимаҳои аз рӯи маънӣ ба ҳам алоқамандро ёбед.

**Давраи 5**. Рӯйхати иқтибосҳоро тартиб диҳед.

**Давраи 6.** Мазмуни порчаҳоро мухтасар баён намоед.

**Давраи 7**. Натиҷаҳои тадқиқотҳоро ҷамъбаст намоед.

**Давраи 8.** Истифодабарӣ.

**Эзоҳ.** Шумо метавонед, танҳо он давраҳоеро истифода баред, ки ба талаботҳо ва вазифаҳои омӯзиш дар мавриди мушаххаси шумо ҷавобгӯянд.

Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он

Намунаи нақша (шаблон)

# Омӯзиши теологӣ

1. Мавзӯи интихобшуда барои омӯзиш.

2. Порчаҳо.

3. Ба ёдоварӣ дар порчаҳо.

4. Калимаҳои бо маънӣ алоқаманд (он ҷое, ки заруранд).

5. Рӯйхати иқтибосҳо (он ҷое, ки заруранд).

6. Мазмуни мухтасари порчаҳо, ки ба мавзӯи омӯхташудаистода бахшида шудаанд.

7. Натиҷаи тадқиқотҳо ва хулосаҳо.

8. Истифодабарӣ.

*барои худ,

*барои имондорон,

*барои беимонон.

## Баъзе ҳақиқатҳо ва фаҳмишҳои теологӣ / доктринавӣ барои омӯзиш

Эзоҳ. Мавзӯъҳои каме тангтари омӯзишро дар курси “Обзори омӯзиши Библиявӣ” нигаред.

Хусусиятҳо / сифати Худованд
Номҳои Худованд
Исои Масеҳ
Рӯҳулқудс
Гуноҳ
Наҷот
Одам
Фариштахо
Мӯъҷиза
Каломи Худованд
Шариат
Ягонагӣ дар иттиҳод
Таъмид
Офаридгор
Гуноҳкор шудани одам
Салиб
Кафорат
Калисо
Андӯҳи Бузург
Боло шудан
Биҳишт (Осмонҳо)
Дӯзах (ҷаҳаннам)
Шоҳигарии ҳазорсола
Шайтон

**Супориш.** Яке аз ҳақиқатҳо (ё фаҳмиши) диниро интихоб намоед ва мунтазам давраҳои омӯзишро гузаред.

1. Шахсият ва фаъолияти Исои Масеҳ дар Юҳанно 1:1-18.
2. Шайтон дар китоби пайғамбар Айюб (1-2).
3. Ҳукумати олии Худованд дар Ишаъё 45.
4. Калисо дар Нома ба Эфсӯсиён.
5. Румиён 4 дар бораи наҷот ва имон дар Аҳди Қадим.
6. Хусусиятҳои Худованд дар Забур 144.

**Эзоҳ.** Танҳо он давраҳоеро ҷудо намоед, ки ба вазифаҳои тадқиқоти шумо мувофиқанд. Тадқиқотатонро дар чорчӯбаи порчаи интихоб кардаатон маҳдуд намоед.

## 4. Услуби насиҳати рӯҳонӣ

**Муайянкунӣ.** Услуби насиҳати рӯҳонӣ дар омӯзиши Библия бо мақсади шахсан ғанӣ гаштан аз ҷиҳати рӯҳонӣ ва мустаҳкам намудани муносибати шахсӣ бо Худо равона карда шудааст.

**Мақсад: Ёд гирифтан:**

*мунтазам вақтро дар ибодат ва муносибат бо Худо гузаронида, Библияро омӯхтан,
*дар худ инъикос намудан, шахсан дар худ Каломи Худоро истифода бурдан,
*бо Худо муносибати дуруст намудан дар вақти ибодат, ситоиш, хидматгузорӣ, ба Ӯ такя кардан ва иродаи Ӯро иҷро намудан,
*чӣ тавр ба Худо тавассути ибодат ва омӯзиши Библия наздик шудан,
*ҳаққонӣ баҳо додан ба Худо, барои он ки Ӯ кист?

**Давраҳо / нишондодҳо**

1. Ҳаррӯз вақти муайянро (аз 30 дақиқа то 1 соат) ба омӯзиши Библия бо мақсади инкишофи шахсии рӯҳонӣ ҷудо намоед.
2. Ибодат намоед, то ин ки Худо ба шумо заковату лаёқати фаҳмидани Каломи Худовандро диҳад (2 Тимотиюс 2:7, 1 Қӯринтиён 2:12-15, Қӯлассиён 1:9-14, Ибриён 4:12-13).
3. Аз навишта порчаеро дар ҳаҷми аз якчанд оят то боб интихоб намоед ва дар хотир нигоҳ доред, ки ҳамаи Каломи Худованд муфид аст! Шояд дар шумо хоҳиши мунтазам хондани ин ё он китоб пайдо шавад.
4. Саравval порчаро тез хонед. Сипас оҳиста ва бо мулоҳиза боз як бор хонед. Дар бораи ин порча фикр кунед ва мулоҳиза намоед (бо қалбу ақл ба он ғӯтта занед).
5. Аз Худо хоҳиш намоед ба шумо мақсади асосӣ (ё ҳақиқати асосӣ)-и ин порчаро кушояд.

*** Дар ин бора андеша намоед**.

6. Аз худ пурсед:

- Ин ҳақиқат барои ман чӣ гуна истифодашаванда аст?
- Кадом аксуламалро ин ҳақиқат бояд бедор намояд?

[ Маводҳо барои истифодабариро дар саҳифаҳои 77-79-и китоби мазкур бингаред ].

7. Ба Худо ибодат намоед, то ин ки Ӯ тавассути Рӯҳулқудси дар шумо буда ба шумо барои дуруст дарк намудани порча ва мувофиқи он амал кардан, қудрат диҳад.
8. Ба Худо сипосгузорӣ намоед, ки Ӯ Худашро ба шумо ошкор сохт ва боз барои он ғизои рӯҳоние, ки шумо гирифтед.

- Нависед, он чӣ ки ба шумо айён гашт ва онро шумо бо дигарон бо ҳам дида метавонед. Ин баъд дар анҷом ё тайёрӣ ба вазъу дарс лозим мешавад.

  Шояд дар шумо хоҳиши азёд кардани қисме аз порчаи додашуда ё дар тӯли якчанд рӯз аз сари нав хондани он дар вақти ибодат пайдо шавад, то ин ки он қисме аз шумо гардад (мисол, муфид мебуд, ҳар рӯз дар давоми ҳафта ё бештар чунин боб аз қабили Румиён 8 хонда мешуд).

## Мисол

**Мӯҳлат** : <u>15 январ</u> **Порча:** Ирмиё 9:23-24

**<u>Мақсад:</u>** одами доно мефаҳмад, ки заковати ӯ қудрат ва боигарии ӯ дар ҳадди охир қимати абадӣ надоранд ва бо ин дар назди Худо набояд худситоӣ кард.

**<u>Ман инро чӣ тавр истифода бурда метавонам</u>**: ман барои мағруриам таассуф мехӯраму тамоми қудратамро барои дарк намудану фаҳмидани Худованд сарф менамоям ва ин мақсади ягонаи ҳаёти ман мешавад, ки ман бо он ҳақиқатан метавонам, фахр намоям.

**<u>Супориш.</u>** Яке аз порчаҳои дар зер омадаро интихоб намоед ва намунаи дар зер омадаро истифода бурда истода ба он услуби насиҳати рӯҳониро истифода баред.

| | |
|---|---|
| Забур 1 | Навҳаҳои Ирмиё 3:19-26 |
| 1Қӯринтиён 10:11-13 | Ваҳй 4:11, 5:9, 11-12 |

<u>Усулҳои омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

Намунаи нақша (шаблон)

# **Услуби насиҳати рӯҳонӣ**

Таърихи рӯз______________ Порча___________________________
Мақсад:__________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________
___________________________________________________________________

Ман инро чӣ тавр истифода бурда метавонам:__________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
_______________________________________

## Баъзе порчаҳо барои омӯзиши рӯҳонӣ

1 Вақоеъънома 28:2
Такрори шариат 6:4-8
Хуруҷ 20:1-17
Румиён 8:28-3о
Масалҳо 1:1-7
Масалҳо 3:5-12
Забур 18
Хуруҷ 45:5-7
Айюб 42:1-6
Матто 6:19-24

Матто 7:1-5
2 Қӯринтиён 1:3-7
Филиппиён 3:7-11
1 Таслуникиён 5:16-24
1 Тимотиюс 6:17-19
Ибриён 11:1-6
Яъқуб 5:13-18
1 Юҳанно 2:15-17
Ваҳӣ 2:1-7

**<u>Эзоҳ.</u>** Ҳар кадоми қисми Навиштаи Муқаддас барои омӯхтан муфид аст. Китобро интихоб намоед ва қисм ба қисм хондани онро ҳар рӯз сар кунед. Беҳтар аз Нома ба Филиппиён сар кардан лозим.

## <u>Такрор</u>

Бо як ҷумла мақсади ҳар як услуби омӯзиши Библияро мухтасар ифода намоед.

**1. Тарҷумаиҳолӣ**

**2. Тематикӣ.**

**3. Теологӣ.**

**4. Насиҳати рӯҳонӣ.**

## <u>Услуби омӯзиши Библия ва қоидаҳои тафсири он</u>

**Ш. Нақшаи тахминии омӯзиши мунтазами Библия**.

* **Ибодат намоед,** то Худованд қалбу ақли шуморо пок намояд, ба Рӯҳулқудс такя намоед, ба Ӯ имконияти сарварӣ дар вақти омӯзишро диҳед.

* Давра ба давра материалҳои зеринро **такрор намоед**:

-Ба омӯзиши Библия чӣ гуна бояд муносибат намуд (саҳ. 26).

-Ҳақиқатҳои муҳим мутааллиқ ба Библия (саҳ. 27) .

-Вазифаи роҳиб (пастор) омӯхтани Библия (саҳ. 21).

*Талаботҳои рафти омӯзиши се давраро **истифода баред:**

Мушоҳида -Дар бораи чӣ ин ҷо гуфта мешавад?

Тафсир - Ин чӣ маънӣ дорад?

Истифодабарӣ – Ман чӣ бояд кунам?

* Мунтазам **муқаддимаҳо, нақшаҳо (конспектҳо), “Симфония”, нишондиҳандаҳои фаннӣ, тафсирҳо (Библияи таълимӣ NIV ) иқтибосҳои чандтарафа** ва дигар материалҳои ёрирасони Библияи таълимиро NIV истифода баред.

* Порчаи омӯхтаистодаро якчанд маротиба **хонед**, то оне ки шумо онро азёд намедонед. Онро бо порчаҳои пешомада ва баъдомада муқоиса намоед. Ҳатман порчаро дар контекст хонед ва алоқаи онро бо дигар қисмҳои Навишта муайян намоед.
* **Аз Худованд хоҳиш намоед,** ки ба Шумо мақсад, фикри асосӣ, ҳақиқат, фаҳмиш ё талаботҳоеро, ки дар ин порчаанд кушода диҳад.
* Пеш аз он ки ҳақиқати ба шумо кушодашударо ба дигарон фаҳмонед, шумо бояд **боварӣ ҳосил намоед**, ки порчаро дуруст ва пурра фаҳмидаед.
* Мақсади худ- омӯхтан барои насиҳат кардан дар рӯҳияи тақводорӣ, то ин ки шумо монанди Исои Масеҳ шуда тавонед ва ба дигарон барои дар рӯҳоният инкишоф ёфтан ва ба камолот ноил гаштан ёрӣ расонданро **дар хотир нигоҳ доред**.

Мунтазам омӯхтани Библия –ин кори тамоми ҳаёт мебошад, он мунтазам самар мебахшад. Каломи Худо ҳамеша ба шумо ғизо барои андеша, ҳақиқат, ки аз рӯи онон бояд ҳаёти худро сохт, инчунин мавзӯъҳо барои вазъ ё дарсро медиҳанд.

***Беҳтарин усули бомуваффақиятноктар ва пурмаҳсулноктар омӯхтани Библия – ин омӯхтани он мебошад.**

## Нақшаи наҷот

## I . Мақсади Худованд – муомила бо одам.

А. Одам дар тимсоли Худо офарида шудааст: мақсад ва таъиноти ӯ бо Худованд дар муомила будан ва Ӯро ситоиш намудан мебошад (Ҳастӣ 1:26-31).
Б. Худо аз одам танҳо итоат намуданро талаб менамояд (Ҳастӣ 2:16, 17).

## II . Мушкилии одам (гуноҳ)

А. Одам худаш хост, Худо шавад, ба Худо итоат нанамояд ва гуноҳ содир намояд (Ҳастӣ 3).
Б. Гуноҳ одамро ба марги ҷисмонию рӯҳонӣ оварда расонид, яъне ба ҷудоӣ аз Худои Муқаддас (Ишаъё 59:2).

В. Ҳама гуноҳ содир намудаанд ва аз шарафи Худованд маҳрум гаштаанд.

Г. Интиқом барои гуноҳ - марг аст (Румиён 6:23, Ибриён 9:27, Ваҳӣ 20:15).

Д. Бе рехтани хун авф нест (Ибриён 9:22).

Е. Наҷотнаёфтагон ба ҷудоии абадӣ аз Худо маҳкум гаштаанд (Юҳанно 3:18, 36, Яҳудо 1:7, 2 Таслӯникиён 1:8-9).

**Савол:** Дар Навишта гуфта шудааст, ки ҳама аз гуноҳ мурдаанд ва аз Худованд ҷудо гаштаанд (Эфсӯсиён 2:1, 12). Муносибати одамро бо Худо чӣ тавр барқарор кардан мумкин аст?

## III Нақшаи Худованд (наҷот)

А. Одам худаш худашро наҷот дода наметавонад.

1. Одами "хуб" будан кифоя нест (Ишаъё 64:6).
2. Корҳои нек кардан кифоя нест (Эфсӯсиён 2:9).
3. Оқилу доно будан кифоя нест (Матто 16:17, 1 Қӯринтиён 1:21).

Б. Бе Худо наҷот имконнопазир аст (Луқо 18:26, 27).

В. Худо тавассути Исои Масеҳ барои ҳамаи одамон наҷотро имконпазир мегардонад.

1. "Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод" (Юҳанно 3:16).
2. Вақте ки мо аллакай гуноҳкор ва имдодхоҳ будем, Масеҳ барои мо мурд (Румиён 5:8).
3. Масеҳ гуноҳҳои моро Худаш гирифт ва хуни Худро дар салиб рехта барои мо ҷазо гирифт (1 Петрус 2:22-24).
4. Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд, мувофиқи Навишта гӯр карда шуд ва пас аз се рӯз эҳё шуд (1 Қӯринтиён 15:3-6).
5. Исо роҳи ягона ба назди Худованд аст (Юҳанно 14:6).

## IV Дарк кардани нақшаи Худованд (имон) аз ҷониби одам.

А. Наҷот- тӯҳфаи озоди баракати Худованд (Румиён 6:23, Ефсӯсиён 2:8).

Б. Танҳо ба воситаи имон соҳиби наҷот гаштан мумкин (Аъмол 16:31, Румиён 10:9).

**Эзоҳ:** Имон-на танҳо розигии фикрӣ, балки боварии ҳақиқӣ ба Масеҳ барои авфи гунҳҳо ва ҳаёти абадӣ мебошад. Ин вақт одам аз гуноҳ рӯй мегардонад ва ба Худо рӯй меорад.

В. Наҷот ҳаёти абадӣ бо Худоро медиҳад (Юҳанно1:12,3:16).

**Таклиф:** Бо имон тӯҳфаи баракати Худованд – наҷот ва авфи гуноҳҳоро қабул намоед.

## Маркази библиявии омодасозии пасторҳо (роҳибон)

## РАМЗИ ИМОН

Далелҳои доктринавии додашуда васеъ паҳн гаштаанд ва ифодакунандаи анъанаҳои инҷилии конформистӣ мебошанд, ки ба таълимоти библиявӣ мувофиқанду аз санҷишҳои вақту таҷрибаҳо гузаштаанд. Мушаххас мо ҳақиқатҳои зерини доктринавиро қабул менамоем.

### 1. Навиштаи муқаддас.

Мо боварӣ дорем, ки Библия Каломи рӯҳбахши Худост ва одамони Худо, ки "Рӯҳулқудс онҳоро ба ҳаракат овардааст", Навиштаи Муқаддасро чӣ тавре ки ҳаст, тартиб додаанд. Бинобар ин дар нусхаи аслашон матнҳои библиявӣ ғалат надоранд (яъне онҳо беғалатанд) Худо бо тарзи аҷиб Библияро нигоҳ дошт ва ӯ асосу обрӯи охирин дар имону ҳаёти мост. Библия моро дастгирӣ менамояд, сафарбар мекунад, таскин медиҳад ва барои тақводорӣ насиҳат менамояд. (2 Тимотиюс 3:16-17, 2 Петрус 1:20-21).

### 2. Худо - Ягонагӣ дар иттиҳод

Мо ба Худои ягонаи ҳақиқӣ, дар се шахс имон дорем.

(Падар, Писар ва Рӯҳулқудс), ки ҳар кадоми онон баробар Худованд мебошанд, мавҷудияти илоҳӣ ва ҳама хислатҳои илоҳиро доранду сазоворӣ эътирофу хидматгузории моанд. (Такрори шариат 6:4, Матто 28:19, Юҳанно 1:14, 10:30, 2 Қӯринтиён 13:14).

## 3. Худо Падар

Мо имон дорем, ки Худо Падар- шахси якум Ягонагӣ дар иттиҳод аст. Ӯ ҷовидон, тағйирнаёбанда, пурқудрат, ҳамадон, оқил, порсо ва муқаддас мебошад. Ӯ Ҳукумрони Олӣ ва Мутлақи сайёра мебошад. Ӯ Падари Худованду Наҷотдиҳандаи мо – Исои Масеҳ мебошад. Падари ҳама имондорони ҳақиқист (Ҳастӣ 1:1, Эфсӯсиён 4:6, Юҳанно 1:12-13, 5:19-21, 17:1-4, Ишаъё 40:21-28, 43:10-13, 46:8-11, Румиён 8:14-16).

## 4. Худо Писар

Мо имон дорем, ки Исои Масеҳ –шахси дуюм Ягонагӣ дар иттиҳод мебошад. Ӯ ҷовидонӣ Писари Худованд аст, ки ба ҷисм ворид гаштааст, то ин ки Худоро ба мо айён созад, пешгӯиро амалӣ намояд ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳони гумроҳ гардад. Дорои симои одамӣ гашта, Исо Худовандии Худро тарк накард, бинобар ин Ӯ Худои комил ва Инсони комил мебошад. Ин ду мавҷудият дар як шахс абадӣ мустаҳкам пайванданд.
Исо Масеҳ бо тарзи аҷиб аз Рӯҳулқудс тухма гузошта шуд ва аз духтари бокира Марям тавлид ёфт. Ӯ ҳаёти бегуноҳро аз сар гузаронад, вале марги қурбониро дар салиб қабул кард, пурра кафорати гуноҳҳои одамонро дар ҳама давру замон дод, дар ҷисм гӯр карда шуд, аз мурдаҳо эҳё гашт, барои шукӯҳ аз ҷисми эҳёшуда ба осмон боло шуд, дар паҳлӯи Падар ба тахт нишаст ва миёнарави ягона миёни Падар-Худо ва одамон гашт, Ӯ болои абрҳо аз паси Арӯси Худ-Калисо меояд, Ӯ аз нав дар ҷисм ҳамчун шахсият ба замин меояд ва одамон Ӯро мебинанд.
Бо ташрифи дуюми Ӯ таърихи инсоният анҷом меёбад ва мақсади абадии Худованд амалӣ мегардад. Ӯ мурофиа бунёд мекунад ва ҳазор сол подшоҳӣ мекунад, ки баъди он абадият ба миён меояд (Юҳанно 1:1, 14, 18, 3:16, Луқо 1:30-35, Филиппиён 2:5-8, Қӯлассиён 2:3,9, Марқус 10:45, Аъмол 2:22-24, Юҳанно 1:29, Румиён 3:25-26, Ибриён 10:5-14, 1

Петрус 2:24, 3:18, Юҳанно 20:20, Филиппиён 3:20-21, Ибриён 1:3, Румиён 8:34, 1 Юҳанно 2:1, Аъмол 1:11, Ибриён 9:28, 1 Таслӯникиён 4:13-18, 2 Таслӯникиён 2:7, Матто 24:44, Ваҳӣ 19:11-21,
Ваҳӣ 21-22).

## 5. Худо Рӯҳулқудс

Мо имон дорем, ки Рӯҳулқудс- шахси сеюм Ягонагӣ дар иттиҳод мебошад, Ӯ махсус ба дунё омадааст. Дар рӯзи Панҷоҳрӯзагӣ, то ин ки Масеҳро ситоиш намояд ва одамон дар Масеҳ дорои наҷот гашта тавонанд. Рӯҳулқудс нақши асосиро дар ошкор намудани гуноҳҳои мо ва навшавии мо мебозад. Дар як вақт бо наҷот Рӯҳулқудс моро дар ҳаёти нав эҳё месозад, дар бадани Исо (Калисои Ӯ) бо имон таъмид месозад, мунтазам дар имондор аст ва дар Рӯзи Кафорат имондорро хуб нишон медиҳад.

Рӯҳулқудс он имондоронеро пур мегардонад (сарвари менамояд), ки ба Ӯ итоат менамоянд, ба ӯ имконият медиҳанд, маҳсул орад ва қудрат диҳад, ки аз ҳукми гуноҳ озод зиндагӣ намоянд. Мо инчунин боварӣ дорем, ки Рӯҳулқудс ба имондорон барои мустаҳкамкунии Калисо мувофиқи Навишта тӯҳфаҳои рӯҳонӣ мебахшад (1 Қӯринтиён 13:8, 14:22, Юҳанно 16:7-15, 1 Қӯринтиён 6:19, 12:13, Эфсӯсиён 1:13-14, 4:30, Ғалотиён 5:16-17, 22-23, Румиён 8:5-13, 1 Петрус 4:10-11, Румиён 12:3-8).

## 6. Одам

Мо имон дорем, ки одам аз ҷониби Худи Худованд дар тимсоли Худованд офарида шудааст, на ин ки ба дунё дар натиҷаи эволютсия омада бошад. Одамизод офарида шудааст, то ин ки Худовандро ситоиш намояд, ба Ӯ саҷда ва хидмат намояд, дар муносибат бо Ӯ бошад. Одам ба Худо гӯш накарда ба гуноҳ дучор шуд ва ҳамин тавр ба дунё марги рӯҳонию ҷисмонӣ ворид гашт, вай одамро аз Худо ҷудо сохт. Одам фосид гашт ва пурра фано ёфт “дар ҷиноят ва гуноҳ мурдааст”. Одам наметавонад худаш худашро наҷот диҳад ва муносибаташро бо Худо бохидматҳо ва кӯшишу ғайрати худаш барқарор намояд (Ҳастӣ 1:26, 2:6, 17, 3:17-24, Ишаъё

59:1-2, Румиён 3:9-19, 23, 5:6-8, Луқо 18:26-28, Ефсӯсиён 2:1-3).

## 7. Шайтон

Мо имон дорем, ки шайтон ба корҳои бад васваса мекунад, ӯ ҳақиқатан ҳам рӯҳи бадист, на ин ки ифодакунандаи бадӣ. Ӯ фариштаи бадкирдор аст, ки ҳукумати олии Худованд ба ӯ идоракуниии муваққатӣ дар заминро супоридааст. Ӯ пурра дар салиб мағлуб гаштааст вале Мурофиаи Худованд барои ӯ мавқуф гузошта шудааст ва он пас аз Шоҳигарии Ҳазорсола ба амал меояд, он вақт ӯ пурра сарнагун мегардад ва ба кӯли оташин партофта мешавад. Ва ҳоло бошад ӯ дунёро фиреб медиҳад ва кӯшиш менамояд, ки шоҳии дурӯғини худро дар замин барқарор созад, то ин ки боварии одамонро ба Худо тафриқа андозад ва Ӯро таҳқир намояд. Шайтон мекӯшад, ки имондоронро ба васваса ноил созад, тӯҳмат намояд ва нест кунад. Масеҳӣ метавонад, тавассути имон, ба Рӯҳулқудс такя кардаистода зидди шайтон истодагарӣ намояд (Ҳастӣ 3:1-5, Ишаъё 14:12-17, Ҳизқиёл 28:11-19, Иов 1:2, Яъқуб 4:7, Ваҳй 12:9, 20:1-3, 7-10).

## 8. Наҷот

Мо имон дорем, ки хуни рехтаи Исои Масеҳ дар салиб ягона асос барои авфи гуноҳҳо ва наҷот мебошад, ки он тӯҳфаи озоди баракати Худованд мебошад. Наҷот тавассути кори азнавтавлидкунандаи Рӯҳулқудс мебошад. Наҷотро бо корҳои неку хидматҳои шахси сазовор соҳиб гаштан мумкин нест. Одам танҳо он вақт дорои наҷот мегардад, ки пурра ба Масеҳи комил имон меорад. Пушаймонӣ – ин рӯй гардонидан аз гуноҳ ва ба Худо рӯй овардан-қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи имон мебошад. «Инҷил-қудрати Худованд аст, барои наҷоти ҳар як имондор ва ононе, ки ба Исои Масеҳ бовар карданд, аз боло тавлид мегарданд, аз гуноҳҳо озод мегарданд ва фарзандони Худованд мешаванд, онҳо офаридаҳои нав дар Масеҳанд «онҳо то Рӯзи Кафорат аз ҷониби Рӯҳулқудс нақшбандонда шудаанд» ва бо қудрати Худованд ҳифз карда мешаванд (Эфсӯсиён 1:7, 13-14, Юҳанно 1:12-13, 3:1-7, 14-16, 2 Қӯринтиён 5:17, Румиён 1:16,
10:9-10, Эфсӯсиён 2:8-10, Румиён 8:14-17, 31-39, Юҳанно 10:27-29, 14:6, Аъмол 26:20, 1 Петрус 1:3-5).

## 9. Ҳаёти масеҳӣ

Мо боварӣ дорем, ки ҳар як масеҳӣ бояд барои Масеҳ зиндагӣ намояд, на барои худ. Масеҳӣ бо қудрати Рӯҳулқудс, ки дар ӯст, бояд ба Масеҳ имконият диҳад, ки дар ӯ бо шукӯҳи Худовандӣ зиндагӣ намояд. Тавассути итоат намудан ба Каломи Худованд ҳар як имондор бояд рӯҳан инкишоф ёбад ва бештару бештар ба Масеҳ монанд гардад. Бо қудрати Рӯҳулқудс ҳар як имондор бояд зиндагии поку муқаддасро доро бошаду аз зишткориҳои ҷисм канораҷӯӣ намояд, тӯҳфаҳои рӯҳонии худро баҳри созмони Бадани Масеҳ истифода барад, дар бораи Масеҳ шаҳодат диҳад, шахсан дар тарбияи шогирдон баҳри иҷрои Супориши Бузург иштирок намояд, корҳои некро ба анҷом расонад ва барои шӯҳрати Худованд натиҷаҳо ба даст орад. (Ғалотиён 2:20,
1 Петрус 1:15-16, 2:11, 2 Қӯринтиён 5:14-15, Румиён 6:11-13, Эфсӯсиён 2:10, 4:11-12, 4:22-24, 1 Петрус 4:10-11, Аъмол 1:8, Матто 28:18-20, Қӯлассиён 1:10, Юҳанно 15:8-16).

## 10. Калисо

Мо боварӣ дорем, ки калисо Бадани Масеҳ аст, Сари он Исо аст ва аъзоёни ин Бадан ононе, ки Исоро бо имони ҳақиққ қабул намудаанд. Калисои мулкдор- таҷассуми моддии Бадани Масеҳ дар маҳалҳои муайян мебошад. Азбаски ҳама аъзоёни Бадани Масеҳ дар Масеҳ бо Рӯҳи ягона пайвастанд, онҳо бояд дар муҳаббат, ҳамоҳангӣ ва ягонагӣ, ба як ҳадаф майл намуда истода ва танҳо ба он анъанаҳои сектантӣ ё конфессиалӣ майл намуда истода, ки дар тафсири сидқии Библия асос ёфтаанду аз масъалаҳои асосии доктрина фарқ наменамоянд ва ба ҷудоиталошӣ намебараду ба хидматгузорӣ монеъ намешавад, зиндагӣ намоянд. Вазифаи калисо- дар бораи Масеҳи наҷотнаёфта гап задан, шогирдонро тарбия намудан, Худоро дар замин мадҳ намудан аст (Аъмол 1:8, 1 Қӯринтиён 12:12-27, Эфсӯсиён 1:20-23, 4:1-6, 4:12-16, Матто 28:18-20, Юҳанно 17, Қӯлассиён 1:24-29).

## 11. Асрор (Маросими динии масеҳиён)

Мо боварӣ дорем, ки Навишта танҳо ду маросими диниро эътироф менамояд- таъмид бо об ва хӯрдани нону шароби

калисогӣ. Таъмид бо об ба воситаи ғӯтониши пурра- ин ифодакунандаи итоаткорист. Дорои наҷот гашта, масеҳӣ таъмид менамояд, ки он рамзи рӯй гардонидан аз гуноҳ, гӯр кардани ҳаёти кӯҳна ва эҳёи ҳаёти нав мебошад. Хӯрдани нону шароби калисогӣ ба хотири марги Исои Масеҳ ва пешакӣ пай бурдани Омадани Дуюми Ӯ эҷод мешавад (Матто 28:19, Аъмол 10:47-48,
Луқо 22:19-20, 1 Қӯринтиён 11:23-28, Румиён 6:3-4).

## 12. Тақдири инсоният дар абадият.

Мо боварӣ дорем, ки баъди марги ҷисмонӣ ҳар як имондор бошуурона дар назди Худо ҳозир мегардад ва дорои муносибати бевосита бо Ӯ мегардад. Ин лаҳза ӯ интизори эҳёшавии бадани худ дар шукӯҳи Омадани Дуюми Масеҳ мебошад. Ҳамин тавр имондор аз ҳаёти абадӣ бо Худо лаззат мебарад, абадан бо Ӯ муносибат менамояд, хидмат мекунад ва саҷда мегузорад
(2 Қӯринтиён 5:6, 1 Қӯринтиён 15:12-58, Луқо 23:39-43,
1 Таслӯникиён 4:13-18, Юҳанно 3:16, Ваҳй 21:22). Мо боварӣ дорем, ки беимон ҳадалимкон пас аз марги ҷисмонӣ бошуурона дар интизори эҳёшавии бадани худ барои маҳкумият ва ҷазои абадӣ аз Худованд ҷудо мегардад (Луқо 16:19-31, Юҳанно 3:18, 36, Ваҳй 20:5,11-15, 2 Таслӯникиён 1:5-10).

## 13. Оянда

Мо боварӣ дорем, вақте ки Калисо аз ҷониби Худованд Исои Масеҳ ба осмон бардошта мешавад, пешгӯии минбаъда амалӣ мегардад. Ӯ мефарояд, ки дар Худаш ҳама имондорони замони Калисоро гирад (Юҳанно 14:1-3, Титус 2:11-14,
1 Қӯринтиён 15:51-52, 1 Таслӯникиён 4:13-18, Филиппиён 3:20-21). Пас аз болошавии Калисо ҳафт соли Санҷиши Бузург барои амалишавии пешгӯии Дониёл 9:24-27 ва Ваҳй 6:1-19:21 фаро мерасад. Дар ин вақт Изроил тоза мегардад, тамоми дунё маҳкум мешавад ва ғазаби Худо ба болои гуноҳ мерезад ( Ирмиё 30:7, Матто 24, Ваҳй 3:10, 1 Таслӯникиён 5:9-11). Мо боварӣ дорем, ки бо тамом шудани ҳафт соли Санҷиш Худованд Исои Масеҳ ҳамчун Шахсият дар ҷисм ба замин дар Омадани Дуюм меояд, инчунин бо шукӯҳу шӯҳрат дар Шоҳигарии Ҳазорсола ҳукм меронад ва сарварӣ менамояд. Барои иҷрои

ваъдаи Худованд ба Изроил Ӯ тақводорона, боадолатона ва боосоиштагӣ 1000 сол дар замин ҳукмронӣ менамояд (Аъмол 1:8-11 , Ваҳй 19:11-21,
Ҳизқиёл 37:21-28, Ишаъё 11:9, Ваҳй 20:1-6). Мо боварӣ дорем, ки пас аз подшоҳии 1000-солаи Масеҳ дар рӯи замин мурофиаи хотимавӣ бо шайтон мешавад (Ин вақт ӯ абадан сарнагун мегардад ва ба кӯли оташин партофта мешавад), мурофиаи Тахти Бузурги Сафед ва эҳёшавии ҷисмонии беимонон баргузор мешавад, замину осмони нав бо Шоҳигарии абадӣ офарида мешавад (Ваҳй 20:22, 2 Петрус 3:1-14).

## ҚОИДАИ ҚАБУЛИ ХОНАНДАГОН

Мо хонандагонро аз калисоҳои мустақил ва конфессияҳои гуногун қабул менамоем. Вале дохилшавандагон бояд хаттӣ розигиашонро ба рамзи додашудаи имондорӣ пешниҳод намоянд. Дар вақти гуногунфикрӣ хонанда ба коллеҷ шартан қабул карда мешавад, агар вай розӣ бошад, ки дар тӯли таҳсилаш дар муассисаи таълимии мо фарқиятҳои анъанавиро паҳн ва тарғиб нанамояд.